**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ: 372.3/.4 (575.3)**
**ТБК: 74.102 (2Т)**
**П-21**

**ПАЧАЕВА МУҲАЁ ПУЛАТОВНА**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Табаров Н.С.** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................3-17

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ.........................................................................................18-89**

1.1. Таҳлил ва тавсифи мафҳуми фаъолияти эҷоди тасвирии кӯдакони синни томактабӣ........................................................................18-42

1.2. Моҳият ва хусусиятҳои инкишофи малака ва маҳорати тасвирии кӯдакони синни томактабӣ....................................................................43-65

1.3. Нақши раванди фаъолияти тасвирӣ дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ.......................................................66-89

**Хулосаи боби 1**.........................................................................90-95

**БОБИ 2. РОҲУ УСУЛҲОИ МУҲАЙЁ НАМУДАНИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ..........................................................................................96-166**

2.1. Асосҳои педагогии инкишофи тасвирии кӯдакони синни томактабӣ..........................................................................96-117

2.2. Такмили шароитҳои педагоги дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ...............................118-139

2.3. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ барои муайян намудани воситаҳои педагогии рушди эҷоди кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ...........................................................................140-166

**Хулосаи боби 2**...................................................................167-170

**Ҷамъбаст ва пешниҳодҳо**..........................................................171-178

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда** ..........................................179-190

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи имрӯза яке аз масалаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Зеро, ин масъала то кунун дар илми педагогикаи муосир ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, барномаҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон, асосан, ба ташаккули маҳорату қобилиятҳои кӯдакон нигаронида шудаанд, ки ин ҳолат хислати маҳдуди дидактикӣ дошта, инкишофи эҷодии онҳоро ба пуррагӣ инъикос намекунад. Ин раванд ба таври стихиявӣ ва бенизом сурат мегирад.

Дар рӯзгори кунунӣ барои ҷомеа ва қонеъ намудани талаботи он наврасонеро ба камол расонидан зарур аст, ки фавқулода, яъне эҷодкорона андеша карданро дар ҳолатҳои гуногун доро бошанд. Ҳарчанд ин масъала дар шароити имрӯза, то андозае роҳи ҳаллӣ худро ёфта бошад ҳам, вале баъзан омилҳо ва ҳолатҳое пайдо мегарданд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Аксар вақт кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ маълумотро дар асоси усулҳои маъмулии анъанавии ҳалли вазифаҳо дар хотир нигоҳ доштаро такрор мекунанд. Ба кӯдакон пеш аз ҳама, заминаҳои эҷодгариро омӯхтан зарур аст, то ки ба эҷодкорӣ шуғл, меҳр ва шавқ пайдо намоянд. Такрории якрангаи амалҳо ҳолати хастагиро оварда, шавқу завқи омӯзиш ва равандҳои эҷодиро пахш мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълиму тарбия аз методҳои инноватсионии педагогӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Озодии комили кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бо сарварии педагог таҳти ҳидояти волидайн усули нави таълим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, то онҳо аз тахайюл ва эҷоди худ истифода намуда, раванди педагогиро тарҳи дигар бахшанд. Мафҳуми «эҷодкории кӯдакон» чунин мафҳумҳоро ба монанди: «дарки ашё», «тахайюл», «амали эҷодӣ» ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки бо ҳам алоқаманд буда, моҳияти эҷодии онҳоро муайян мекунад.

Масоили ҳидоят намудани атфоли наврасида ба амалҳо ва машғулиятҳои эҷодӣ ва зина ба зина боло бурдани малака ва маҳорату

бедор намудани шавқу завқу онҳо дар ҳама давраҳои таърихи инсоният мавриди таваҷҷуҳи аҳли башар буда, дар ин росто, саъю кушишҳои зиёде ба харҷ додаанд.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди муассисаҳои томактабӣ, такмили низоми рукнҳои таълиму тарбияи миллӣ, устувор роҳандозӣ намудани педагогикаи мардумӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, зеро аз шахсияти бомаърифат, таҳаммулпазир, далер, шуҷоъ, поквиҷдон, ватандӯсту ватанпарвар тақдири минбаъдаи насли оянда ва Тоҷикистони азизамон вобастагии калон дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2011 дар суханронии худ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» гуфта буданд: «Тарбияи фарзанд дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пеш аз ҳама, аз муҳити хонаводагӣ сарчашма мегирад. Агар фарзанд аз овони кӯдакӣ дар муҳити орому солим тарбия наёбад ва моҳияти таълиму тарбияро дарк накунад, дар ҳаёти минбаъдаи худ ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад ва дар ҷомеа мавқеи худро пайдо карда наметавонад».

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлоли як силсила қарору қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас, бахусус атфоли наврасида қабул кард, ки барои боз ҳам дуруст ба роҳ мондани раванди инкишофи эҷодии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Бояд қайд кард, ки қарору қонунҳо, стратегияву барномаҳои қабулшуда муҳиммияти таълиму тарбияро инъикос кунанд ҳам, вале роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ  мушаххасан ошкор намесозанд. Аз ин лиҳоз, дар шароити кунунӣ омӯхтан ва муайян кардани нақши фаъолияти тасвирӣ дар

инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ аз манфиат холӣ набуда, баҳри боз ҳам беҳтару хубтар тарбия кардани онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Низоми муосири таълиму тарбияи томактабӣ бо фароҳам овардани шароит барои рушди ҳар як кӯдак мусоидат менамояд, то ин ки битавонад, то ҳадди имкон қобилияту маҳорати худро нишон дода, баҳри рушди пайвастаи истеъдод талош варзад. Дар улуми педагогӣ роҳҳо ва усулҳои эҳё намудану ошкор кардани нерӯи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди тарбия, ки ба ҳар як наврас имкони инкишофи эҷодӣ, пурра ва фаъолона баён кардани фикру ақоидро фароҳам меорад, пайваста ҷустуҷӯ карда мешаванд. Дар ин бобат тадқиқоти : Салютнов В. И., Смирнова Е. О., Серекова И. А., Риндина А. Г., Сухин И. Г., Рижова Н. В., Князева О. Л., Карпенко Н. А., Запуниди А. А., Пшеничних Л. А. назаррас аст.

Дар таҳқиқи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ чунин олимон бештар таваҷҷуҳ кардаанд: Гриник Д.В., Буровкина Л.А., Бронникова М.С., Бурим Н.В., Бутенко Н.В., Широкова Г.А., Шаляпин О.В., Тсибатова А.Е. ва дигарон.

Ҷанбаҳои психологию педагогии раванди эҷодӣ ва эҷодкорӣ дар асарҳои Степанова В.В., Ярушина И. М., Кабачек О. Л., Николаева О. Ф., Мартишкина Н. В., Маслова В. И., Егорова Т. А., Гончарова Е. Ю., Андреева И. Г., Дудина Н. А., Семилеткина М. С., Бондаренко А. И., Умурзина Б. Г. ва дигарон равшан инъикос ёфтаанд.

Дар шароити имрӯза шумораи зиёди барномаҳои инноватсионӣ ва алтернативии қобилияти эҷодии рушди кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таҳия карда мешаванд, ки аз ҷумлаи онҳо: барномаи «Рангинкамон»-и Иматзода Л.М. ва Маҷидова Б., «Табиат ва рассом»-и Коптсева Т., «Зебо - шодӣ - эҷодкорӣ» таҳияи Комарова Т., «Театр - эҷоди бачагон»-и Сорокина Н. ва ғайра.

Дар соҳаи рушди таърихию педагогии низоми маорифи Тоҷикистон, аз ҷумла системаи тарбияи томактабӣ тадқиқоти олимон: Иматзода Л. М., Юлдошева Ҷ., Сабурова С. М., Обидова И. О. ва дигаронро қайд кардан мумкин аст. Дар инкишофи назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ саҳми чунин олимон: Маҷидова Б., Изатова М. И., Лутфуллозода М., Юнусова Н. М., Қурбонова З. Ш., Девоншоева Т. Ю., Бобохонова С. С. ва дигарон калон мебошад.

Дар диссертатсияи Пшеничних Л. А. таҳти мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди эҷодии кӯдакон дар раванди бозӣ ва фаъолияти тасвирӣ: дар асоси маводҳои муассисаҳои томактабӣ» маҳорату сайқалёбии эҷодии кӯдакон дар фаъолияти бозӣ ва тасвирӣ тариқи фасеҳ таҳия гардидааст, ки барои аҳли тарбия басо судманд аст. Муҳаққиқ тавонистааст, ки омилҳои асосии тадриҷан ташаккул ёфтани арконӣ педагогии ин масъаларо ба таври шоиста баррасӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки диссертатсияҳои Степанова В. В. «Хусусиятҳои психологии рушди эҷодкорӣ дар синни томактабӣ: дар асоси фаъолияти тасвирӣ» ва диссертатсияи Сафронова Т. И. «Фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун омили иҷтимоию педагогии ташаккули шахсият» дар бобати боз ҳам ғанитар гардидани мавзуъ кумаки амалӣ расонданд.

Барои пурра ва комил намудани сифат ва арзиши пажуҳиши нашрияҳои мухтасари соҳаи педагогӣ ба мисли: «Таълими томактабӣ», «Маърифати омӯзгор», «Илм ва ҳаёт», «Мактаб ва ҷомеа», «Боғчаи замонавӣ», «Кӯдак дар боғча», «Масъалаҳои педагогикаи томактабӣ», «Маорифи Тоҷикистон», «Паёмномаи таълими томактабӣ» мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Маълумоти мухтасарро ҳисоботи Вазорати маориф ва илми ҶТ дар тӯли солҳои истиқлолият (1995-2023 с.) низ дода метавонанд. Ва ин ҳисоботу маълумот дар таълифи диссертатсия васеъ истифода бурда шудаанд.

Пас аз таҳлили педагогӣ ва равоншиносии маводи зикргардида ба чунин хулоса ва натиҷа омадан мумкин аст, ки мавзуи мавриди пажӯҳиш дар педагогикаи миллӣ ба қадри басанда ва бояду шояд ҳаллу фасли хешро наёфта ва ба таҳқиқу ҷустуҷӯҳои фарохтар ва густурдатар ниёз дорад.

Аз ин лиҳоз, **ихтилофот** байни талаботи назарияи фаъолияти иҷтимоӣ ва кифоя набудани таҳқиқоти илмӣ оид ба шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ мушкилоти зеринро ба миён овард:

- баланд гардидани талабот ба инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ва нокифоя будани самараи он дар татбиқи ин раванд дар муассисаҳои томактабӣ;
- талаботи баланди ҷомеа нисбат ба фаъолияти педагог дар муассисаҳои томактабӣ ва сатҳи касбияти ӯ;
- консепсияи моҳияти раванди инкишофи эҷодӣ ва ғояҳои нокифоя будан дар бораи чӣ гуна амалӣ кардани рушди эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ;
- имкониятҳои бозӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ ва асосноккунии нопурраи назариявии педагогию психологии таъсири онҳо ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ.

Дар маҷмуъ, ҳамаи ихтилофоти дар боло овардашуда имконият медиҳанд, ки шароитҳои педагогӣ дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва берун аз онҳо, ки самти инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ дар бар мегиранд, муҳим ва актуалӣ будани таҳқиқоти мавзуи мазкурро собит менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси талаботи амалигардонии «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (2019)», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006)», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2020)», нақшаҳои дурнамои шуъбаи муассисаҳои томактабӣ,

ибтидоӣ, бознигариву такмили Стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон «Методологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмин намудани тайёрии касбии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Таҳлили ақидаҳои педагогию психологии илми муосир ва таҷрибаи пешқадам дар бораи табиати эҷодкорӣ, нерӯи эҷодӣ ва дарку эҳсосоти кӯдакони синни томактабӣ.
2. Муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
3. Собит намудани раванди педагогӣ – психологии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ зимни фаъолияти тасвирӣ.
4. Мавриди таҳлилу такмил қарор додани фаъолияти тасвирӣ-ҳамчун воситаи муҳими инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ.
5. Муайян ва мушаххас намудани шароитҳо ва муҳити педагогӣ-психологии,имконияти фароҳам овардан,барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
6. Ошкор сохтани меъёр ва нишондодҳои босамари инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
7. Коркард намудани барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

8. Гузаронидани омӯзишҳо барои муайян намудани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Предмети таҳқиқот.** Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ баланд бардоштан мумкин аст, агар:

- хусусиятҳои фардӣ, равонӣ, маънавӣ, шавқу ҳавас, дарккунӣ, зебописандӣ ва маърифатии кӯдакон ҳангоми машғулиятҳои фаъолияти тасвирӣ ба инобат гирифта шаванд;
- хусусият ва усули кори муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гиранд;
- барномаҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар муассисаҳои томактабӣ тавассути роҳҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шаванд;
- коркарду иҷроиши барномаҳо дар самти инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо мутобиқит ба стандарт ба роҳ монда шаванд.

**Марҳалаҳои таҳқиқот:** Таҳқиқот аз соли 2019 то 2023 гузаронида шуда, се давраро дар бар мегирад:

**Марҳалаи якум (2019-2020) - ҷустуҷӯӣ-назариявӣ.** Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба масъалаи таҳқиқот, дараҷаи таҳияи мавод, таҷрибаи анъанавӣ ва навоварона дар рушди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ омӯхта шуд. Инчунин, шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон, қобилият ва маҳорати онҳо, фаъолияти касбии педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар самти аз худ намудани таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ мавриди омӯзиш

қарор гирифт. Мақсад, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот тартиб дода шуданд. Барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ коркард карда шуд. Усулҳои корҳои озмоишӣ барои ташхис кардани инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ ба роҳ монда шуданд.

**Марҳилаи дуюм (2020-2022) – таҷрибавӣ-санҷишӣ.** Дар ин марҳала корҳои озмоишӣ дар асоси барномаи педагогӣ бо мақсади ташхиси шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ гузаронида шуд. Дар раванди корҳои озмоишӣ меъёрҳо ва нишондодҳои инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ муайян карда шуд.

**Марҳалаи сеюм (2022-2023) - ҷамъбастӣ**. Ба сомон расонидани корҳои озмоишӣ оид ба инкишофи малака ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ анҷом ёфта, натиҷаҳои кори озмоишӣ ба низом даровада шуда, ҷамъбаст гардиданд. Таҳлил, коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, инъикоси хулосаҳо, тавсияҳои методӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар амалия сурат гирифта, диссертатсия ва автореферат омода карда шудаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Назарияҳои фалсафӣ дар бораи моҳияти эҷодкориро чунин олимон Бердяев Н. А., Батишев Г. С., Бахтин М. М., Шумилин А. Т., Крамар П. П., Мамардашвили М., ва ғайра мавриди омӯзиш қарор додаанд. Оид ба самтҳои умумии назариявии проблемаи инкишофи эҷодии кӯдакон олимон Ветлугина Н. А., Афонкина Ю. А., Виготский Я. Ч., Ермолаева М. В., Лейтес Н. С., Мелик-Пашаев А. А., Урунтаева Г. А., Савенков А. И., Хазратова Н. В., Шадриков В. Д., Юркевич В. С. Чиркова Т. И., ва дигарон корҳои назаррас ба анҷом расонидаанд. Фаъолияти бозӣ ҳамчуни методи инкишофи эҷодӣ дар корҳои олимони зерин: Воронова В. Л., Менджеритская Д. В., Матусик А. И., Жуковская Р. И., Ковалчук Я. И. ва дигарон баръало нишон дода шудааст. Дар соҳаи омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни системаи таълими томактабии кӯдакон олимони зерин ба монанди: Карагополов В. Е.,

Воскобович В. В, Демина Е. С., Пронина В. Ф., Шварко Л. И., Русанова Ю. П., Самсонова Н. Е., ва дигарон кор кардаанд. Ақидаҳо ва назарияҳое, ки моҳияти инкишофи эҷодӣ ва эҷодкории шахсиятро ошкор мекунанд, аз тарафи чунин олимон: Гилфорд Д., Брушлинский А. Б., Лук А. Н., Богоявленская Д. Б., Дружинин В. Н., Савенков А. И., Лернер И. Я., Пономарев Я. А., Прохорова Л. Н, ва ғояҳои равиши фаъол дар назария ва методологияи тарбияи эстетикӣ чунин олимон ба мисли: Кузин В. С., Кабалевский Д. Б., Неменский Б. М., Алехин А. Д., Юсов Б. П., Костин В. И. ва дигарон пурра гардонида шудааст. Дар бораи назарияи ташаккули шахсият олимони зерин ба мисли: Божович Л. И., Ананиев Б. Г, Запорожетс А. В., Мухина В. С., Леонтев А. Н., Поддяков Н. Н., Петровский В. А. ва дигарон корҳои арзандаро ба сомон расонидаанд.

**Асоси методологии диссертатсия**ро муқаррарот ва хулосаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ ташкил медиҳанд, ки назарияи умумии эҷодкорӣ ва бисёрҷонибаи раванди ташаккули инкишофи эҷодии шахсиятро тавсиф мекунанд. Асосҳои методологии ва низоми тадқиқот шахсиятӣ-фаъолиятӣ, муқаррароти таҳсилоти ба шахсият нигаронидашуда, ки ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи субъектҳои раванди таълим роҳандозӣ шудаанд. Инчунин, асоси методологии диссертатсия аз ҳолати равонӣ ва педагогии рушди шахсият, технологияи тарбия ва таълими муосир дар тарбияи инкишофи эҷодӣ, аз истифодаи воситаҳои муосир дар таҳқиқот ва талаботи консепсияи тарбия, корҳои илмии олимони соҳа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошанд, ки маҳз ба мавзуи диссертатсия дахл доранд ва таҷрибаи кории худи муаллифро дар бар мегиранд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ ва равонӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи

маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳисоботи Вазорати маориф дар самти раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои инъикоскунандаи талаботи мавзуи мазкур.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Диссертатсия дар асоси таҷриба ва маълумоти ба дастомада аз муассисаҳои пойгоҳии таҳқиқот мавриди назарсанҷӣ ва омӯзишӣ қарор ёфта, тибқи барномаи таҳиягардидаи педагогӣ, омодасозии корҳои озмоишӣ, методҳо, таҳлил, хулосабарорӣ бо пешниҳоди натиҷаҳое, ки аз раванди корҳои озмоишӣ дастрас гардидаанд ва онҳо ба тавri лозимӣ дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, гузошта шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Барои гузаронидани корҳои озмоишӣ як қатор муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе № 119, 82, 55 ва шаҳри Ҳисор № 1,3 интихоб гардида буданд. Дар корҳои озмоишӣ 200 нафар кӯдакони синни томактабӣ, 40 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ ва 51 нафар падару модарон фаро гирифта шуд, ақидаҳои пурсишшудагон ба таври анкета санҷида шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Аз 200 нафар кӯдакон 104 нафарашон ба гурӯҳи озмоишӣ ва 96 нафарашон ба гурӯҳи назорати шомил буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар ташкили фаъолияти тасвирӣ омилҳои асосии педагогии баланд бардоштани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ошкор карда шуд.

- Мафҳуми «инкишофи эҷодӣ дар фаъолияти тасвирӣ» мушаххас карда шуда, шароитҳои педагогию равонии рушди он дар синни томактабӣ муайян гардид;

- муайян ва мушаххас гардид, ки омилҳои асосии педагогиву равонии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ бедор намудани шавқу завқ ва рағбат буда, аз тарафи дигар дастгирӣ ва ҷонибдории калонсолон бо мақсади бартараф кардани ҳолатҳои эҳсосӣ ва аксуламалҳои онҳо, фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури эҳсосот ва рафъи ҳолатҳои ҳаётан муҳим мебошанд;

- дар ҷараёни инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ ва роҳандозии барномаи педагогӣ барои мукаммал гардонидани раванди эҷодӣ тадбирҳо андешида шудаанд;

- барои бедор намудани қобилияти эҷодии мусаввирии кӯдакони дабистонҳо метавон аз барномаҳои махсуси телевизионӣ оид ба нақшофаринӣ ва тасвир истифода намуд. Тавассути шабакаи кӯдаконаи телевизонии "Баҳористон" шавқу ҳаваси атфоли наврасро эҳё бояд кард. Бидуни ин барои кашидани расм маводҳо ва ашёи одии ҳаётиро манзури кӯдакон бояд намуд;

- инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои ба даст омада, аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудаанд;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмиши назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ вусъат медиҳанд;

- дар асоси қиёси меъёр ва нишондодҳои таҳқиқот имконият пайдо гардид, ки ба сатҳи самаранокии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ баҳогузорӣ карда шавад.

**Муқарароте,ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар вуҷуди сиришти атфоли наврасидаи кӯдакистонҳо эҳё намудани эҷодкорӣ ва бедор намудани шавқу ҳавас нисбат ба оддитарин нишона ва аломатҳои ба санъати тасвирӣ ва хусусиятҳои хоси он.

2. Муҳайё намудани вазъу шароит ва ҳолатҳое ки кӯдакон ба дарку фаҳмиш ва эҳсосӣ зебои ва санъати нафиса одат намоянд ва пайи эҷоду тасвир кушишу майл пайдо кунанд.

3. Ба шогирдони кӯдакистонҳо, қабл аз ҳама, омӯзонидани хосият ва моҳияти рангҳову ашё ва истифода намудани онҳо дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси тасаввурот ва тахайюлот. Масалан тасаввур карда тавонанд, ки ранги табии ва воқеии аслии ҳар як ашё кадом аст. Сабза дар асл чӣ гуна ранг дорад. Барои он кадом ранг мувофиқ ва мутобиқ аст.

Фаъолияти эҷодӣ намуди ҷолибтарин барои кӯдакони синни томактабӣ, ки суробсозӣ, тартибдиҳӣ ва расмкаширо дар бар мегирад, маҳсуб меёбад. Ҳангоми машғул гардидан ба фаъолияти эҷодӣ кӯдакони синни томактабӣ метавонанд таассуроти худро ба воситаи тасвирҳо аз муҳити атроф инъикос ва муносибатро ба онҳо баён кунанд.

4. Муҳимтарин шарти ифшои қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ин фароҳам овардани фазои ягонаи умумӣ, озодӣ ва бедор кардани шавқу завқ аст, ки ҳар як кӯдак аз комёбиҳо ва дастовардҳои худ шод мегардад. Чунин тарзи рафтор аз педагог ва мураббиён вазифаҳои махсусро талаб мекунад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо ба кӯдакон метавонанд намудҳои гуногуни муносибат кӯмак расонанд: ба баъзеҳо табассуми тасдиққунанда, ба дигаре машваратҳои инфиродӣ, ба сеюмин кори муштарак бо калонсолон. Дар ҳар сурат, муошират ва муҳит бояд тавре сохта шавад, ки ҳар як кӯдак бо тамоми ҳастӣ аз иқтидори эҷодии худ фаровон истифода намояд.

5. Барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ то андозае раванди самаранокии машғулиятҳои эҷодии кӯдаконро баланд мебардорад. Барномаи педагогӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, ҳолати имрӯзаи иҷтимоӣ ва инноватсионии таълим  сохта шудааст.

6. Самаранокии раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ  зина ба зина тадриҷан аз ташаккули инкишофи эҷодии онҳо

муайян карда мешавад. Меъёрҳо ва нишондодҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ чунинанд:

а) сифатҳои эҳсосӣ: некбинӣ, поквиҷдонӣ, инсондӯстӣ, пешсафӣ, самимӣ;

б) сифатҳои маънавӣ: поквиҷдонӣ, фаъолӣ, инсондӯстӣ, муносибати мусбӣ бо шахсони дигар ва ба олами атроф;

в) сифатҳои зеҳнӣ: ақлӣ, мантиқӣ, донишмандӣ, ҷаҳонбинӣ, инкишофи шуур, худшиносӣ ва дарки ҳадафҳои зиндагӣ;

г) сифатҳои иродавӣ: мақсаднокӣ, таҳаммулпазирӣ, далерӣ, ташаббускорӣ, устуворӣ, интизом, масъулият, уҳдадорӣ;

д) сифатҳои ахлоқӣ: меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ, шафқат, хайрхоҳӣ, эҳтироми шахсони калонсол, ростқавлӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва дар натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи асосӣ дар таҳқиқи минбаъдаи малака ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар санъати мусаввирӣ хидмат истифода мешаванд.

Раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба таври назариявӣ ошкор карда шуд. Омилҳои ботинӣ ва зоҳирии мунтазам ва дар шакли ҷудогона муайян гардид;

Инчунин, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводҳо ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқот барои мукаммал намудани мундариҷаи кори муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- роҳҳо ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуданд;

- муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани эҷоди кӯдакон истифода намоянд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо ташкил ва гузаронидан машғулиятҳо оид ба бедор намудани шавқу рағбати атфоли наврасида, чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ муайян мегардад. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз корҳои озмоишӣ ба даст омада, пурсишнома, саволнома, мусоҳиба ва санадҳо аз муассисаҳои томактабӣ собит менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият) мутобиқат мекунад.

13.00.06 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла: ба банди 1 – Назарият, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тавре ки омӯзишҳои адабиёт ва манбаъҳои боэътимод нишон медиҳанд, мавзуи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ масъалаи матраҳшавандаро мавриди озмоиш қарор дода, дар ин самт ба муваффақиятҳои шоиста ноил гардидааст.

Диссертант тавонистааст, раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ бо хулосаҳо, таҳлилҳо ва натиҷаҳо намоён инъикос намояд. Ӯ иброз медорад, ки машғулиятҳои тасвирӣ фаъолияти минбаъдаи кӯдаконро ба танзим даровaрда, тахайюл, ҳолати равонӣ, эҳсосӣ ва эҷодии онҳоро тақвият мебахшад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аз натиҷа ва самараи диссертатсия дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили Стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор ёфт.

Иштирок ва ибрози андеша дар конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ (2019-2023). Аз он ҷумла: Суханронии муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалӣ бо номи «Тарбияи кӯдакон тавассути фаъолияти эҷодӣ» (Душанбе - 2019), суханрони дар семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Технологияи инноватсионии фаъолияти эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ» ( Душанбе - 2021).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонидаи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 189 саҳифа аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ

## 1.1. Таҳлил ва таснифи мафҳуми эҷоди тасвирии кӯдакони синни томактабӣ

Ташаккули шахсияти эҷодкор яке аз вазифаҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалияи педагогӣ дар марҳилаи имрӯза мебошад. Ҳалли ин масъала бояд аз синни томактабӣ оғоз карда шавад. Зеро, дар ин айём шахсияти кӯдак ҳар он чизе, ки мебинад ё мешунавад дар хотираи ӯ то абад нақш мебандад.

Фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун инъикоскунандаи рафторҳо ва амалҳои калонсолон дар тасвирҳои онҳо таҷассум меёбанд. Ва ба ин васила, шахсияти кӯдак низ ташаккул меёбад. Мусаллам аст, ки таҷриба дар асоси фаъолияти ҳаётӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти тасвирӣ, ки дар намудҳои расмкашӣ, рангу бори он ва гулмонӣ, сурбсозӣ рӯи кор меоянд, ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак мусоидат мекунанд.

Равоншиносӣ маъруфи рус Теплов Б.М.кайд кардааст, ки дар ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ ҳиссиёт тарбия ёфта, рағбат ба шуғл ба вуҷуд меояд, ақидаю эътиқодҳо ва ниҳоят ҷаҳонбинӣ ташаккул меёбад. Ва ҳиссиёту шавқу ҳавас, эътиқод ва ҷаҳонбинӣ манбаи ба шуру ғалаён ва танг овардани ангезаҳо ва баланд гардидани маромнокӣ мегардад[190].

Дар айни замон тафсирҳои гуногуни мафҳуми «фаъолияти тасвирӣ» вуҷуд доранд. Флерина Э.А. фаъолияти тасвириро ҳамчун инъикоси бошууронаи воқеияти гирду атроф дар маҳсули кӯдак, ки барои ташаккули тахайюл, инъикоси мушоҳидаҳои ӯ ва таассурот муайян мекунад. Сакулина Н.П. фаъолияти тасвириро ҳамчун дониши мушаххаси образнок дар бораи воқеияти атроф мешуморад. Ба ақидаи як қатор олимон фаъолияти тасвирӣ ин фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ буда, аз инъикоси таассуроти аз ашё ва

падидаҳои олами атроф дар шаклҳои гуногун ба майнаи сар дониста мешавад.

Комарова Т. қайд мекунад, ки фаъолияти тасвирӣ ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ барои муоширати пурмазмуни байни кӯдакон ва калонсолон замина ба вуҷуд оварда, рӯҳу равон ва ҷисми шахсро аз таъсирҳои беруна ҳифз мекунад [79, С.25]. Яъне, фаъолияти тасвирӣ вазифаи муолиҷавиро низ иҷро намуда, кудаконро аз парешонӣ, ғамгинӣ, рафъи шиддати асаб, тарсу ваҳм ва бартарф намудани ҳолатҳои эҳсосотиро нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, ба раванди педагогӣ ворид намудани намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ, ки кӯдакон метавонад худро озод ифода кунанд, аз манфиат холӣ нест.

Идоракунии фаъолияти тасвирӣ аз педагог талаб мекунад, ки хусусиятҳои тасвириро донад ва маҳорати кӯдаконро сайқал дода, ташаббусҳои онҳоро дастгирӣ намояд. Инчунин, шароит фароҳам орад, то кӯдакон худро мустаҳқил ҳис кунанд.

Ба ақидаи Доронова Т.Н.: «Фаъолияти тасвирӣ ягонагии муттасили шинохт ва тасаввурот, фаъолияти амалӣ ва равандҳои равониро инъикос мекунад, ки дар натиҷа маҳсули махсуси моддӣ ва асарҳои санъат ба вуҷуд меоянд» [45, С.9].

Дар илми равоншиносӣ эҷодкорӣ ҳамчун ҷараёни эҷоди чизи нав, қобилиятҳои инсон, натиҷаи зеҳн ва маҷмуи хосиятҳои шахсият дониста мешавад. Яъне, эҷодкорӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои қобилият, фаҳмиш, дониш ва малака гардида, бо шарофати он маҳсуле офарида мешавад, ки бо навоварӣ ва нотакрории худ аз дигар маҳсулот фарқ мекунад.

Эҷодкориро шарти муҳими мавҷудияти ҳар як шахс дониста, равоншиносон қайд мекунанд, ки он «дар худи шахс ниҳон аст ва хусусиятҳои хоси худро дорад».

Мутобиқи талаботи барномаҳои таълимии муосир фарҳанги рангҳо ва мутаносибан тарбияи мақсадноки фаҳмидани ҳисси ранг як ҷанбаи

ҳатмии фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ гардидааст. Ҳисси рангро Ческидова И.Б. ҳамчун сифати эстетикии шахс, ки дар қобилияти эҳсосотӣ ба рангҳо вокуниш нишон додан, омезиши рангҳо, эҷод кардани тасвирҳо бо рангҳо ва бошуурона истифода бурдани онҳо, ки дар фаъолияти эстетикӣ зоҳир мешаванд, тасниф кардааст.

Яке аз аввалинҳо, ки дар масъалаи ташаккул додани андешаҳо дар бораи ранг сухан меронд, Коменский Я.А. буд. Ба ақидаи ӯ дар раванди дарк ва ҳисси рангҳо фаъолияти тасвирӣ нақши муҳим дорад, ки дар ҷараёни он кӯдакон дарк кардани рангҳо ва дуруст истифода бурдани онҳоро меомӯзанд [107, С.115].

Ба ақидаи ӯ дарки ранг барои кӯдаки синни томактабӣ барои донистани хислати ашё аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, муносибати кӯдакон ба ранг метавонад, аз муносибати онҳо ба ашёи мушаххас пайдо гардад. Агар ба кӯдак таъми себи сабзи дурахшон боллазату шаҳдбор писанд бошад, ин боис мегардад, ки муносибати мусбати вай ба ранги сабз баланд гардад.

Равоншиносон чунин меҳисобанд, ки рангро кӯдакон ҳамчун воситаи ифодакунандаи андешаҳо оид ба ашё истифода мебаранд. Бо ёрии ранг, кӯдакон муносибати худро ба тасвири пешниҳодшуда ифода мекунанд. Кӯдак ҳанӯз интиқоли шаклро азхуд накардааст, аз ин рӯ, андешаҳои худро маҳз ба воситаи ранг интиқол медиҳад. Ба мушоҳида мерасад, ки ҳангоми тифллият агар ба дастаи гаҳвора бозичаҳои бо рангҳои мухталиф овехта шавад, тифл ҳатман бозичаи ранги сурх доштаро меписандад ва даст дароз карда ҳамонро медорад. Зеро, ранги сурхи дурахшону диққатҷалбкунанда аст.

Бояд қайд кард, ки санъати тасвирӣ таърихи хеле тулонӣ дорад. Дар давраи Атиқа асарҳои санъати рассомӣ дар рӯйи матоъ, коғаз, чӯб, санг, шиша, фулузот, гаҷ ва ғайра офарида мешуданд. Дар ин давраҳо барои тасвири манзараҳо, лаҳзаҳои шикори ҳайвонот ва паррандагон аз хокҳои сурх, зард, сафед, ҷигарӣ, лахчаи чӯб ба сифати ранг истифода мебурданд.

Баъдтар дар давраи Эҳё санъати рассомӣ ба авҷи инкишофи худ расида, бузургтарин саромадони он Мазаччо, Боттичелли, Леонардо да Винчи, Микеланҷело, Рафаэл, Ҷорҷоне, Титсиан, Дюрер ва дигарон дар асарҳои худ бузургию заковат, қудрату зебоии инсон ва ғояҳои инсондӯстиро тараннум менамуданд. Маврид ба зикр аст, ки халқи тоҷик низ дар пешбурди фарҳанги башарӣ саҳми беандоза дорад. Дар таърихи минётуранигории халқҳои тоҷику форс Монӣ, Абдуллоҳи Мусаввир, Муҳаммадмуроди Самарқандӣ, Маҳмуди Музаҳҳиб, Ризо Аббосӣ ва дигарон мақоми махсус доранд [155].

Камолиддини Беҳзод(1455-1535) ҳам яке аз рассомон ва миниётуранигорони барҷастаи халқи тоҷик мебошад. Ӯро санъатшиносон «Рафаэли Шарқ» низ меноманд. Асарҳои эҷодкардаи рассоми бузург барои бисёр намояндагони санъати тасвирӣ ҳамеша манбаи илҳом ва ибрат буданд. Тасвирҳои дар китобҳо боқимондаи миниётуранависони форсу тоҷик дар Лондон, Париж, Берлин, Санкт-Петербург, Қоҳира, Тошканд, Душанбе ва дигар шаҳрҳо ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Султон Муҳаммад, Қосим Алӣ, Мавлоно Дарвеш Муҳаммад барин шогирдони Камолиддини Беҳзод дар рушди мактаби минётураи Шарқ саҳми арзанда гузоштаанд. Эҷодиёти Камолиддини Беҳзод на танҳо барои ривоҷи санъати миллӣ, балки барои нашъунамои минбаъдаи маънавии халқи тоҷик аҳамияти калон доранд [70]. Аз ин рӯ, месазад, ки насли навраси муосирро бо шоҳкориҳои рассомони барҷастаю оламшумули халқи тоҷик шинос намуда, ба ин васила, дар ниҳоди онҳо арзишҳои ҳамидаи инсониро тарбия намоем.

Бояд гуфт, ки дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакон чунин ҷанбаҳо ташаккул меёбанд:

- ақл – дониш, тафаккур ва вусъати тасаввурот;
- хислат - далерӣ, ҷасурӣ ва матонат;
- эҳсосот ва ҳиссиёт – дарки зебоӣ, шавқу завқ ба тасвир, тахайюл.

Вазифаи педагог дар ин ҷо аз он иборат аст, ки ҷанбаҳои дар боло ишорагардидаро тақвият бахшида, барои фаъолияти тасвирии кӯдакон шароит фароҳам орад. Яъне, агар кӯдакро бо ҳар гуна манзараҳо ва аксҳо шинос намоем ва тахайюли ӯро тақвият бахшем маънои ғизои эҷодиро дорад. Бодиққат ба ашё нигаристан ва мушоҳидакор будан неъруи фикрронии кӯдаконро метезонад. Ин ба кӯдакон барои боз ҳам равшантар ва пурратар тасвир кардани ашё кумак мерасонад, ки дар натиҷа чунин ҷанбаҳоро рушд мебахшад:

- дарки ашё аз нигоҳи хирад ва заковат;
- табдили донишҳои қаблӣ ба шакли навин;
- биниши масъала дар ҳолатҳои воқеӣ;
- қабул ва дарки сохтории ашё;
- қобилияти ҳалли масъала бо роҳҳои дигари имконпазир;
- омезиши воситаҳои маъмули фаъолият бо усулҳои нав.

Бояд қайд кард, ки шарти асосӣ барои фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ, бедор кардани шавқу завқ ва самими будани онҳо дар ин раванд мебошад. Ин шарт ҳамон вақт амалӣ мегардад, агар кӯдак худаш бидуни таъсири омилҳои педагогӣ ва бе ягон ҳавасмандкунӣ ба фаъолияти тасвирӣ рӯ биёрад. Тарафи дигари масъала ин аст, ки кори мунтазами педагогӣ наметавонад, танҳо дар ҳолати пайдоиши рағбати кӯдакон ба роҳ монда шавад. Дигар ин, ки дар раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ на дар ҳамаи онҳо завқу хоҳиши тасвирӣ ба назар мерасад. Новобаста ба ин, ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар баъзе кӯдакон қобилиятҳои барҷастаи эҷодӣ зоҳир мегарданд.

Аксар вақт кӯдакони ба расму тасвир шавқу рағбат дошта дар навбати аввал ашё ва ё ашхосӣ дӯстдоштаашонро ба ёд меоваранд. Масалан, ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаи томактабии №55-и шаҳри Душанбе худ мушоҳида кардем, ки кӯдакон аксаран аксҳои модар, падар, хона ва ҳавлиро мекашиданд.

Бинобар ин, дар чунин мавридҳо баъзе муаммоҳои соҳаи педагогӣ ба миён меоянд, яъне ҷустани чунин ангезаҳои эҷодӣ, ки дар кӯдакон хоҳиши «офариниш»-ро ба вуҷуд оранд. Дар ин ҳолат чунин суоле ба миён меояд: «Моҳияти ба эҷоди тасвирӣ ҷалб намудани кӯдакон дар чист?». Дар фаъолияти тасвирӣ кӯдак натанҳо маҳсули тайёр, балки бо дастони худ ва бо чашмон ин равандро мушоҳида карда, тарзи омода кардани тасвирро мебинад. Баъдан, кӯдак аз ҷузъиёти оддии алоҳидаи тасвир ба табдили дақиқи хусусиятҳои предмети тасвиршуда мегузарад. Дар баробари ин, тарзи услуб дар фаъолияти тасвирӣ пайдо гардида, арзиши танзимкунандаро касб карда, хислати фаъолиятро идора мекунад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар кӯдак эҳсосоти гуногун пайдо мешаванд, яъне ӯ аз тасвири зебо шод мешавад ё агар аз уҳдаи коре набарояд, асабонӣ мешавад, зуд ранҷида даст меафшонад ва аз худ қаноатманд намегардад. Дар ин маврид ёрии педагог ё он шахсоне, ки ӯро иҳота кардаанд, зарур аст.

Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдак бо пешниҳоди ашёӣ тасвиршуда амалҳои худро назорат карда, ба онҳо баҳо медиҳад[131,С.5].

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон зина ба зина дониш гирифта, ақидаҳои онҳо аниқ ва амиқ мегарданд. Кӯдакон на танҳо малакаҳои тасвирӣ, чизҳои нав ва қобилиятҳое пайдо мекунанд, ки барои онҳо наванд, балки истифодаи оқилона ва бошууронаро меомӯзанд. Кӯдакон ҳангоми сохтан ва тасвир кардани ашё тахайюлро истифода бурда, чӣ гунагӣ ва сохти онро дар мафкураи худ меофаранд.

Агар гуфтаҳои болоро ҳаллу фасл намоем , ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳангоми фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ барои ташаккули тафаккури эҷодии онҳо дониш, малака, маҳорат ва усулҳое лозиманд, ки ин равандро ҷонибдорӣ намуда, шавқу рағбати онҳоро бедор созанд.

Инкишофи тафаккур марҳилаи муҳимтарини инкишофи инсон ва алалхусус, дар фаъолияти тарбиявии ӯ ба ҳисоб меравад, зеро хусусияти

тафаккур ин вусъати ҳудуди дониш, ошкор намудани моҳияти падидаҳо ва дарки онҳо мебошад. Тафаккур робитаи байни ашё ва ҳодисаҳо, муносибати онҳо ба ҳамдигар, хосият ва моҳият ва ҳамаи он чизеро, ки бевосита эҳсос ва дарк карда мешаванд, инъикос менамояд.

Вазифаи тафаккур аз таҳлили мафҳумҳо, муайян кардани робитаҳои онҳо, ҷудо кардан аз муносибатҳои тасодуфӣ ва ҷамъбасти маълумот барои эҷод кардани роҳи мантиқӣ аз умумӣ ба махсус иборат аст.

Тафаккури эҷодӣ як ҷузъи ҷараёни тафаккур буда, хосият ва хусусиятҳои худро дорад.

Тавре ки зикр кардем, тафаккури эҷодӣ яке аз намудҳои тафаккурест, ки бо эҷоди маҳсули нав ва шаклҳои нав дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ тавсиф мешавад. Масъалаҳои тафаккури эҷодӣ ва эҷодкорӣ аз замони рушди илм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар замонҳои қадим тафаккури эҷодӣ ҳамчун муъҷизаи илоҳӣ ба инсон тақдимшуда дониста мешуд. Дар асрҳои миёна бошад, тафаккури эҷодиро ҳамчун амали ирода шарҳ медоданд. Дар шароити кунунӣ фаъолияти эҷодиро қобилияти истеҳсолии тасаввурот меноманд.

Шарти асосии инкишофи раванди эҷодӣ ин пай дар пайӣ, яклухтӣ дар таълиму тарбия ва муҳимтар аз ҳама, тақвияти тафаккур дар кӯдакон мебошад. Агар педагог дар ҷараёни фаъолияти тасвирӣ мунтазам ҳалли вазифаҳои хонагиро талаб намояд, шогирд ҳам масъулият нишон дода, аз пайи иҷроиши он мегардад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки пай дар пайи ва аз рӯйи низоми ягона амал кардан дар фаъолияти эҷодӣ яке аз шартҳои зарурӣ арзёбӣ мегардад, дар ҳоле ки ғайриинтизор ва «пайдоиши илҳом», ки ҷузъи ҷудонашавандаи раванди эҷодӣ мебошанд, на ҳама вақт шарти амалисозии фаъолияти муваффақи эҷодӣ ба ҳисоб мераванд.

Равоншиносон бар он ақидаанд, ки раванди эҷодӣ аз ҳисоби кори мутаносиби ду тарафа ташаккулёфтаи тафаккур: образӣ-ҳассосӣ ва даркӣ-мантиқӣ ба амал меояд. Ва агар яке аз ҷанбаҳои асосии тафаккур ба қадри

кофӣ ташаккул наёфта бошад, он гоҳ раванди эҷодӣ нопурра ба шумор меравад. Бинобар ин, шарти асосии рушди бомуваффақияти тафаккури эҷодӣ ва ҳалли мушкилот ин пешниҳоди мавод аст, ки дарки образнокӣ-эҳсосотии олам ва мушохидаҳои ҳиссиёти ба таври кофӣ фаъол карда мешаванд. Ҳар қадар равандҳои ҳасосияти кӯдакон бедор карда шаванд, тахайюл ва тафаккури эҷодии онҳо ҳамон қадар афзун мегардад ва сифати кори онҳо беҳтар мешавад.

Ба масъалаи тарбияи тафаккури эҷодӣ тарбияи завқи бадеӣ алоқаи зич дорад. Ҳар қадар саъю кушиши тахаюлӣ-маърифатии кӯдакон зиёд бошад, ҳамон қадар сифати фаъолияти эҷодӣ баланд мегардад.

Раванди тафаккури эҷодӣ ду ҷанбаи эҷодиро ба ҳам мепайвандад:

- шинохтану донистан ва фаҳмидани ранҷу розҳои олам ;

- раванди офариниши тафаккури нав дар натиҷаи шинохти бадеии воқеият.

Сарфи назар аз шумораи зиёди усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои педагогӣ мутаассифона, низоми ягонае вуҷуд надорад, ки тафаккури эҷодиро тадриҷан инкишоф диҳад. Аммо тавре ки таҷрибаҳо ва таҳқиқот нишон медиҳад, ин равандро дар сурати риояи қатъии фароҳамоварии шароит фаъол гардонидан мумкин аст.

Тарбияи бадеӣ-тасвирии кӯдакон бояд аз хурдӣ оғоз гардад. Намудҳои эҷодӣ ҳам гуногуншакл мебошанд. Аз ҷумлаи: санъати тасвирӣ, мусиқӣ, шеърхонӣ, рақс ва ғайра. Ин намудҳои эҷодкорӣ дар айёми хурдсолӣ аниқтараш дар кӯдакони синни томактабӣ бештар ба назар мерасанд. Кӯдакони синни томактабӣ ҳанӯз хондан, навиштан ё сурудхониро наметавонанд, аммо онҳо таасуроти худро дар рӯйи коғаз бо завқ тасвир мекунанд.

Ба воситаи тасвир кӯдакон тарзи ҷаҳонбинӣ ва дарки ашёҳоро инъикос мекунанд[102, С.27].

Агар фаъолияти эҷодиро дар кӯдакон тақвият бахшем, дар оянда ба натиҷаҳои назарраси таълимию тарбиявӣ ноил гардида метавонем. Тавре

дар боло ишора кардем ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдакони синни томактабӣ ҳам ҷисм, ҳам рӯҳ ва ҳам зеҳни худро инкишоф медиҳанд.

Сарчашмаи қобилияти эҷодӣ ва истеъдоди кӯдакон дар даст ва панҷаи онҳост [148,С.9]. Ангуштони кӯдакон манбаи афкори эҷодӣ гардида, тасвирҳои гуногун пайдо мегарданд. Яъне, дар дасти кӯдак чӣ қадар маҳорат зиёд бошад, ӯ ҳамон қадар оқил ва доно мешавад. Аз ин рӯ, фаъолияти тасвирӣ дар синни томактабӣ хеле муҳим буда, барои ташаккули ҷаҳонбинӣ замина фароҳам меорад.

Ба кӯдакон эҳсоси зебоӣ, фаҳмидан ва дарк кардани асарҳои санъат, адабиёт ва мушоҳида кардани  манзараҳои дилфиреби табиатро ёд додан лозим аст. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ маҳорати дастӣ, ҳамоҳангсозии тасвир бо тахайюл ва омода кардани кӯдакон барои ҳусни эҷод зарур аст.

Раванди тахайюл хусусиятҳои инфиродӣ дошта, натиҷаи он ташаккули мавқеи дохилӣ, донистани нигоҳи дигарон ва худро ба ҷои онҳо мондан мебошад [29, С.8].

Омӯзиши фаъолияти тасвирӣ бе ташаккули чунин амалиётҳои равонӣ, ба монанди: таҳлил,таркиб  муқоиса ва хулосабарорӣ башӯроии ангезаҳо ғайриимкон аст. Ангезаи таҳлил аз муқоисаи умумӣ ва дағалона ба нозуктар инкишоф меёбад. Донишҳо дар бораи ашёҳо ва хосиятҳои онҳо, ки бо роҳи самаранок ба даст оварда шудаанд, дар зеҳн мустаҳкам карда мешаванд.

Фаъолияти тасвирӣ ба эҳсосот зич алоқаманд аст. Ташаккули тасаввурот дар бораи ашёҳо азхудкунии донишҳоро дар бораи хосиятҳо, сифатҳо, шакл, ранг ва андозаи онҳоро талаб мекунад. Кӯдакон ин хосиятҳоро муайян ва ном мебаранд, ашёҳоро ба ҳам муқоиса мекунанд, монандӣ ва фарқиятҳои онро ошкор месозанд, яъне амалҳои равониро иҷро месозанд. Фаъолияти тасвирӣ ба тарбияи рушди тафаккур ва тахайюл мусоидат мекунад ва самти иҷтимоӣ ҳам дорад. Яъне, кӯдак на танҳо барои худ, балки барои дигарон низ расм мекашад. Мехоҳад, ки расмашро ҳама бинанд ва ӯро ҳама шиносанд. Самти иҷтимоии фаъолияти тасвирии

кӯдакони синни томактабӣ дар он низ зоҳир мегардад, ки кӯдакон дар эҷоди худ ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятиро тасвир мекунанд.

Гузашта аз ин, дар раванди фаъолияти тасвирӣ амалҳои фикрӣ ва ҷисмонӣ ҳам ҷой доранд. Барои эҷод кардани расм амалҳои меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва малакаҳои муайянеро аз худ кардан лозим аст. Фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар ҳаллу фасли бисёр душвориҳо ва монеъаҳо кӯмак мерасонанд ва ибрат мегиранд. Бартараф намудани душвориҳо ва монеаҳои пайдошуда меомӯзонад. Дар аввал кӯдакон ба ҳаракати қалам ё фламастери рӯи қоғаз диққат дода, сипас шавқу ҳавас, маромҳои нави эҷодӣ, хоҳиши ба даст овардани натича ва ба вуҷуд овардани образи муайян пайдо мешавад.

Файласуф ва донишманди Юнони Қадим Арасту гуфта буд, ки фаъолияти тасвирӣ ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон мусоидат мекунад [140].

Ташаккули малака ва маҳорати меҳнатӣ бо ташаккули чунин сифатҳои шахс ба мисли: диққат, устуворӣ, пуртоқатӣ ва таҳаммулпазирӣ алоқаманд мебошад. Дар кӯдакон қобилиятҳои меҳнатӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои худ, тарбия карда мешавад. Ширкати кӯдакон дар корҳои меҳнатию тоза кардани муҳити ҷойи зист ба ташаккули меҳнатдӯстӣ ва худхизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Барои бомуваффақият ташаккул ёфтани фаъолияти тасвирӣ ва мунтазам рушду такмил додани он дар кӯдак бояд чунин сифатҳоро ба мисли: меҳнатдӯстӣ, ғайрат, ҷаҳду талош ва суботкорӣ баҳри ба даст овардани натиҷаи беҳтарин тақвият бахшидан лозим аст [79, С.17].

Машғул шудан ба фаъолияти тасвирӣ сифатҳои эстетикии кӯдакони синни томактабиро рушд мебахшад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи дарки зебописандӣ ва эҳсос шароит фароҳам оварда мешавад, ки минбаъд ин ҳиссиёт ба эҳсосот ва муносибатҳои эстетикӣ ба ҳақиқати воқеӣ мубаддал гардад.

Ҳиссиёти зебоипарастӣ, ки ҳангоми дарки ашёи зебо ба вуҷуд меояд, унсурҳои гуногуни таркибро дар бар мегирад. Ба мисли: ҳисси ранг, таносуб, шакл ва фарқ.

Барои тарбияи зебоипарастии кӯдакон ва инкишофи қобилиятҳои босираашон шиносоӣ бо асарҳои санъати тасвирӣ аҳамияти калон дорад. Дурахшонӣ ва ифоданокии симоҳо дар расмҳо таассуроти зебоишиносиро бедор карда, барои амиқтару пурратар дарк кардани ҳодисаҳои ҳаёт ва пайдо кардани тахайюли симоҳо ёрӣ мерасонад. Ва ин раванд оҳиста-оҳиста завқи бадеӣ ва эҷодии кӯдаконро ташаккул медиҳад.

Эҷоди тасвирии кӯдакон танҳо дар сурати роҳнамоии мақсадноки мураббиёну волидон ва педагогҳо метавонад, бомуваффақият инкишоф ёбад [124]. Раванди фаъолияти тасвирӣ бояд ба инкишофи маҳорати тасвирии бачагони синни томактабӣ, эҷодона инъикос намудани таассурот аз ҳаёти гирду атроф, асарҳои адабиёт ва санъат нигаронида шавад.

Кӯдакон дар бораи муносибати калонсолон ва ҳамсолон ба кори иҷрокардаи худ хеле нозукона ва ба эродҳои рафиқону баҳои муаллим ба кори иҷрогардидаи худ ҳассосона муносибат мекунанд.

Ба вазифаҳое, ки тарбиятгар дар раванди фаъолияти тасвирӣ бахри кӯдакон ба сомон мерасонад, аз инҳо иборат мебошанд: майлу хоҳиши беҳтар ба ҷо овардани кор, ташаккулдиҳии ҳиссиёти зебописандӣ, зеботар иҷро кардани амалҳо ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти тасвирӣ дар синни томактабӣ бо инкишофи эҳсосоти кӯдак, дарк ва эҷоди ӯ зич алоқаманд буда, аз сатҳи инкишофи идрок, тафаккур ва нутқ вобаста аст. Инчунин, рушди фаъолияти тасвирӣ бо ташаккули таваҷҷуҳи фаъол ба ҷаҳони атрофи кӯдакон вобаста буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки воқеиятро инъикос кунанд. Аз тамоми намудҳои фаъолияти эҷодӣ дарк ва тасвири олами атроф бештар ба кӯдакони синни томактабӣ хос аст. Фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакон муносибати эҳсосотиро ба ҷаҳон тарбия мекунад.

Сухомлинский В.А. гуфта буд, ки давраи кӯдакӣ кашфиёти ҳаррӯзаи ҷаҳон аст [171].

Маврид ба зикр аст, ки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қадамҳои аввалини худ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини тарбияи зебоипарастӣ ва инкишофи қобилиятҳои бадеии кӯдаконро дар бар мегирифт. Ба вазифаҳои маорифи ҷумҳурӣ ҳалли доираи васеи чорабиниҳои мушаххас вогузор карда шудааст. Ба мисли: дар кӯдакон ташаккул додани мафҳуми зебоӣ ва санъат, инкишофи дарки зебоипарастӣ, бедоркунии завқи бадеӣ, майли бо дастони худ офаридани зебоӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар намудхои гуногуни фаъолият ва гайра.

Баҳри иҷрои вазифаҳои номбурда Ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳо, аз ҷумлаи қонунҳо, барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳоро роҳандозӣ намудааст, ки аз ҳалли самараноки онҳо насли созанда, ватандӯст, масъулиятшинос, таҳаммулпазир, некбин ва амсоли инҳо ба воя мерасанд.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки фарогири масъалаҳои таълим ва тарбия кӯдакони синни томактабӣ мебошанд, инҳоянд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ».
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».
3. «Барномаи давлатии рушди таълими томактабӣ барои солҳои 2020-2025».
4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
5. «Лоиҳаи дастгирии рушди кӯдакони синни томактабӣ».

Соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромада, қабул карда шуд. Дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки: «Ҳар кас ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии

давлатӣ кафолат медиҳад»[87]. Дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ» омадааст, ки таълим ва тарбияи томактабӣ – раванди мақсаднок, ки қобилият, майл, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабиро инкишоф дода, ба оила ва волидон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин, омодасозии онҳо барои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд [96].

Дар соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз нав дида баромада, дубора қабул гардид. Моддаи 15-уми Қонуни мазкур ба фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ бахшида шудааст. Дар он гуфта мешавад: «Таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад» [95].

Синни томактабӣ – марҳилаи инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдакони то ҳафтсола мебошад [144].

Синни кӯдакони томактабӣ, махсусан барои падару модар хеле масъулиятнок аст. Дар ин синну сол асосҳои шахсияти кӯдак ташаккул ёфта, муносибатҳо бо ҳамсолон пайдо мешаванд, ки ба ташаккули шахсияти ӯ таъсири калон мерасонанд. Кӯдакони аз чор то шашсола аз ҷиҳати инкишофи ҷисмонӣ нисбатан мустақил мебошанд. Онҳо аллакай худашон хӯрок мехӯранд, хуб ҳарф мезананд, сӯҳбат мекунанд, роҳ мераванд ва медаванд. Хусусияти кӯдакони ин синну сол дар он аст, ки онҳо дар ҳама чиз: тарзи гуфтор, рафтор, имову ишора, оҳанги овоз дар мукалама ба калонсолон тақлидкор мебошанд. Аз ин рӯ, волидайн аз ҳарвақта бештар бояд рафтори онҳоро назорат карда, барои фарзандон намунаи ибрат шаванд.

Худхоҳӣ ҳанӯз дар муошират бо ҳамсолон дар кӯдакони синни томактабӣ хеле инкишоф ёфтааст. Дар онҳо амалҳои ёрии ҳамдигарӣ ва кумак ба ҳамдигар ҳанӯз то андозаи лозимӣ инкишоф наёфтааст. Агар кӯдак аз дасти кӯдаки дигар бозичаро гирад, шод мешавад, ки бозича дар дасташ ҳаст ва ҳатто ба ашки кӯдаки ранҷида эътибор ҳам намедиҳад ё агар ҳангоми фаъолияти тасвирӣ қалами ӯро ҳамсолаш гирад, дарҳол ба ҷаҳл омада ба мунокиша бармехезад.

Вазифа ва ҳадафи тарбия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ин омода кардани насли наврас ба ҳаёт мебошад. Ҳамагуна тарбия ба маънои педагогӣ шароитест, ки ба рушди кӯдак мусоидат мекунад.

Ба ақидаи Волинкина В.И. «Тарбияи бадеӣ ин қобилияти азхудкунӣ ва раванди мақсаднок барои эҷоди арзишҳои маънавӣ дар ҷаҳон ва тахайюли кӯдакон мебошад» [26, С.24].

Тарбияи бадеӣ мафҳуми хеле васеъ мебошад, ки дар худ тарбияи нафосат ва фаҳмишу тафаккури бадеӣ ба табиат, меҳнат ва ҳаёти иҷтиморо дар бар мегирад. Аммо, фаҳмиши санъат чунон серҷабҳа ва беназир аст, ки аз низоми тарбияи зебоипарастӣ ҳамчун қисмати он фарқ мекунад. Тарбияи кӯдакон ба воситаи санъат предмети тарбияи бадеӣ мебошад [181].

Рушд раванди тағйирёбии миқдорӣ ва сифатӣ мебошад, ки таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла: таълим ва тарбия ба амал меояд. Рушди шахсият аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Ба мисли: ҷиҳатҳои синну солӣ, инфиродӣ, саломатӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра.

Ташаккул ин идоракунии махсуси муташаккили тамоми ҳаёти кӯдак бо назардошти маҷмӯи омилҳо мебошад.

Тарбия раванди махсуси муташаккили ҳамкории омӯзгор ва кӯдакон мебошад, ки ба интиқоли иттилоот, коркарди он ва эҷоди иттилооти нав нигаронида шудааст. Дар ин раванд тарбияи муносибати мусбат ба раванди шинохт, ташаккули малака ва маҳорати махсуси кор бо иттилоот, пайдоиши одатҳои иҷтимоию ахлоқии рафтор аҳамияти муҳим дода мешавад.

Фаъолияти эҷодӣ як намуди фаъолиятест, ки дар натиҷаи он объектҳои аслӣ ва дорои арзиши мустақил ба вуҷуд меоянд[123, С.7]. Эҷодӣ тасвирӣ асарҳои бадеиро дар бар мегирад, ки воқеияти атрофро инъикос мекунанд. Ҳангоми офаридани образҳои бадеӣ хислатҳои воқеи онҳо ба назар гирифта мешаванд.

Кӯдаки синни томактабӣ дар ҷомеа зиндагӣ мекунад ва ӯро фарҳанги ҷомеа, муносибатҳо, ҳуқуқ ва озодиҳо фаро гирифтаанд. Дар баробари ин, кӯдаки синни томактабӣ дар замири худ фаҳмиши кучаки хешро эҷод мекунад. Яъне, ӯ дар ҷаҳони тахайюлии худ ба таври худ онро меофарад.

Ба санъати мусиқӣ, хониши бадеӣ, ҳикоянависӣ ва санъати тасвирӣ шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ ҷаҳони маънавии онҳоро ғанӣ гардонида, бахри рушди эҷоди кӯдакон имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд.

Ҳангоми фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ метавон чунин марҳилаҳои асосиро ҷудо кард:

- падид омадани завқу шавқ нисбати тасвир;
- аниқ кардан ва ба мазмуни мушаххас даровардани орзуву ормонҳо;
- таҳияи мазмун ва амалисозии ақида дар шаклҳои мушаххас;
- инъикос ва таҷассум гардидани асари бадеӣ дар натиҷаи фаъолияти эҷодӣ;

Бояд ёдовар шуд, ки фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ аз қобилият ва истеъдоди онҳо вобастагии калон дорад.

Агар мафҳумҳои «қобилият» ва «истеъдод»-ро баррасӣ созем, чунин гуфтан мумкин аст, ки қобилиятҳо хусусиятҳои инфиродӣ ва равонии шахс мебошанд, ки ӯро аз дигарон фарқ кунанд. Қобилиятҳо ҳамеша дар фаъолият зоҳир мегарданд.

Қобилиятҳо хусусиятҳои равонии фардӣ мебошанд, ки як шахсро аз шахсони дигар ба ин васила фарқ мекунанд ва шарти бомуваффақият амалӣ намудани ин ё он фаъолият мебошанд[179, С.20].

Дар ифшои мазмун ва сохтори қобилиятҳо таҳлили талаботи равоншиносӣ, ба намудҳои гуногуни фаъолияти шахс нигаронида шудаанд. Ба маъно дигар, муайян кардан лозим аст, ки бидуни кадом хислатҳо, сифатҳо ва хусусиятҳо шахс ин ё он намуди фаъолиятро иҷро кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таҳлили фаъолияти тасвирӣ аз нигоҳҳои равоншиносӣ зарурият пайдо мекунад. Иҷрои ҳама гуна намуди фаъолият низоми муайяни дониш, малака ва маҳоратро талаб дорад. Аз ин хотир, ҳангоми муайян кардани мазмуни қобилиятҳо масъалаи алоқаи онҳо бо дониш, малака ва маҳорат дар мадди аввал меистанд.

Дар ин масъала дар байни донишмандон ақидаи мушаххас вуҷуд надорад. Баъзеҳо бар он андешаанд, ки:

- қобилиятҳо ба маҳорат ва малака марбут нестанд. Онҳо танҳо суръати азхудкунии қобилиятҳоро шарҳ дода метавонад;
- дониш, малака ва маҳорат яке аз ҷузъҳои қобилият ҳисобида мешавад, аммо ҷузъи асосӣ нестанд. Асоси он сифати раванд мебошад, ки маҷмӯи татбиқи дониш, малака ва маҳоратро танзим мекунанд;
- яке аз қисматҳои қобилиятҳо маҳорати махсуси даст ба шумор меравад, ки дар натиҷаи мукаммалсозии маҳорат ва малака пайдо мешавад.
- қобилият тамоми зерсохторҳои шахсиятро, аз ҷумла: дониш, маҳорат ва малакаро дар бар мегирад.

Вазифаҳои равонии инъикос дар шакли равандҳои маърифатии равонӣ амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, таснифоти қобилиятҳо ба равандҳои равонӣ, ба мисли: қобилияти ламскунӣ, дарк, хотира, тасаввурот, тафаккур, диққат ва ғайра вобаста мебошанд. Ҳар як қобилият метавонад, дар шахси мушаххас ба дараҷаҳои гуногун инкишоф ёбад. Масалан, қобилияти идрок аз рӯи параметрҳои зерин баҳо дода мешавад: ҳаҷм, дақиқӣ, мукаммалӣ, навоварӣ, суръатнокӣ ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки майлу хоҳиш низ қобилиятҳоро тақвият мебахшад. Майлу хоҳиш пеш аз он, ки ба сифати қобилият мубаддал гардад, бояд инкишоф ва рушд ёбад.

Асосан ду намуди қобилият вуҷуд дорад:

- қобилиятҳои умумӣ. Яъне, азхудкунии зуд ва осони донишҳоро дар бар гирифта, барои ҳалли масъалаҳои гуногун замина фароҳам меорад;

- қобилиятҳои махсус. Ин намуди қобилият ноил шудан ба муваффақиятро дар доираи як намуди фаъолият таҷассум мекунад.

Истеъдод бошад, маҷмуи як қатор қобилиятҳои баланди инкишофёфта ба шумор меравад. Ба таври дигар истеъдод дараҷаи фавқулодаи махсуси инкишофи қобилиятҳо ва маҳорати иҷрои амалҳо дар сатҳи баланд мебошад. Истеъдоди шахс дар ин ё он соҳа, дар услуби хоси амал, рафтори инфиродӣ зоҳир мегардад, ки асолат ва хусусияти эҷодии қобилиятҳои ӯро собит мекунад. Ин сифати шахс инфиродӣ буда, натиҷаи он маҳсули беназири фаъолият ба шумор меравад. Истеъдод инчунин, дарки амиқи мавзуъ, дониши мукамал, қобилияти гузариш аз содда ба мураккаб ва баръакси онро дар бар мегирад. Дар ҳолатҳои мухталиф мафҳуми истеъдодро бо тафаккури эҷодӣ мепайвандад.

Тавре дар боло зикр кардем, барои он ки кӯдак бомуваффақият чизеро тасвир созад, ӯ бояд ба шакли ашёҳо диққат диҳад. Барои он ки ин раванд самаранок ба роҳ монда шавад, аз кӯдак пурсидан лозим аст, ки «Ин ба чӣ монанд аст?» ё «Ту инро тасвир карда метавонӣ?». Ин амал ҳисси кунҷковонаи кӯдакро бедор карда, ба тасвири он машғул мегардад. Кӯдак муайян мекунад, ки ашё ё қисмҳои алоҳидаи он ба сабзӣ, бодиринг ё помидор ва ғайра монандӣ доранд [160, С.4]. Ва ӯ дарҳол аз тахайюли худ истифода намуда, ба тасвири ашё мепардозад. Аз ин рӯ, барои рушди фаъолияти эҷодии кӯдак маводҳои бадеӣ ва тасвирӣ аҳамияти калон доранд.

Омили муҳими дигари инкишофи бомуваффақияти қобилияти эҷодии кӯдакон дар интихоби машғулият ин озодӣ додан аст. Кӯдакон

ҳамеша саргарми кор ё амале мебошанд. Онҳо як корро ба охир расонда, ба хурсандӣ ба амали дигар мегузаранд. Нақши тарбиятдиҳанда дар ин раванд аз он иборат аст, ки ба кӯдакон дар мустақилона ба дастовардҳои аъло ноил шудан кӯмакҳо намояд [173, С.28].

Ба кӯдак дар фаъолияти тасвирӣ мустақилият фароҳам овардан албатта ба пешрафти ӯ кӯмак мерасонад. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳар як амалу ҳаракат ва фаъолияти кӯдак ошкору ниҳон дар тахти назорат ва мушоҳидаву муоинаи падару модар ва мураббӣ қарор дошта бошад.

Бояд гуфт, ки фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ, тахайюл ва тасаввуроти онҳо аз шахсони калонсол ба куллӣ фарқ мекунад. Аз сабаби мавҷуд набудани шаклҳои зиёди фикрронӣ тасаввуроти эҷодии кӯдакон аксар вақт озод ва хеле бой ба назар мерасанд, аммо дар асл ин тавр нест. Дарк ва коркарди образҳое, ки ба эҷодӣ хос аст, аз дониш ва таҷрибаи ҳаётӣ вобастааст. Аз ин лиҳоз, тасаввуроти кӯдак наметавонад аз калонсолон болотар бошад ва паҳнои тахайюлот танҳо ба далели надоштани тафаккури интиқодӣ, ки хоси калонсолон аст, зоҳир мешавад. Ба ибораи дигар, кӯдакон бидуни тарс аз хатогӣ озодона рафтор мекунанд ва аз тавлид ва эҷодӣ тасвир худдорӣ намекунанд [93, С.10].

Бинобар ин, ҳалли масъалаи ташаккули қобилиятҳо ва эҷодӣ барои синну соли гуногун як навъ ҳал карда намешаванд. Барои кӯдакони синни томактабӣ, ки дар онҳо эҳсосот ва қабулу дарки ашё, то андозаи лозими рушд накардааст, хислати тасвир оддӣ ва содда менамояд. Серҳаракатӣ дар кӯдакон дида намешавад. Илова бар ин, онҳо аз воситаҳои санъати тасвирӣ бархурдор нестанд.

Бояд қайд кард, ки равоншиносон ва педагогҳо якчанд намуди фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабиро ҷудо мекунанд, ки ба инкишофи эҷодии онҳо бештар мусоидат мекунанд. Ба мисли: тасвирӣ, сурбсозӣ, гулмонӣ, тартибдиҳӣ ва ғайра. Барои самаранок гардонидани

инкишофи эҷодии кӯдакон аз ин намудҳои фаъолият истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар синни томактабӣ бо кӯдаке вохӯрдан душвор аст, ки аз фаъолияти тасвирӣ хушҳол набошад. Аз ин рӯ, фаъолияти расмкашӣ ҳамчун як намуди санъати тасвирӣ асоси рушди маҳорати эҷодӣ мебошад. Дар ин раванд истифодаи тамоми асбобҳои тасвирӣ ба мисли: қалам, фламастер ва рангҳои гуногун муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти тасвирӣ яке аз воситаҳои аввалиндараҷа ва дастраси худшиносии кӯдак аст, ки дар он асолати бисёр ҷанбаҳои равонии ӯ зоҳир мегарданд [187, С.24].

Кӯдакони синни аз 3 то 7 сола дар фаъолияти эҷодӣ якчанд марҳилаҳои омӯзиши тасвириро тай менамоянд. Яъне, онҳо инкишофи эҷодиро аз тасвирҳои содда оғоз карда, сипас ба шаклҳои мураккаби тасвирӣ мегузаранд. Кӯдакон дар аввал аз шаклҳои геометрии оддӣ оғоз карда, оҳиста-оҳиста ба сохтани графикии шаклҳои дигар, пайваст кардани онҳо, рангу бор намудан ва ҷо ба ҷо гузории қисматҳоро аз худ мекунанд. Дар ин раванд истифодаи рангҳо ба кӯдакон хеле мушкилтар менамояд. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки дар фаъолияти тасвирӣ машғулиятҳои аввалро бо кӯдакон ба омехта кардани рангҳои гуногун ва тасвири осмони кабуд, баргҳои сабз ва зард бахшед. Мутаасифона, аксари кӯдакони дабистонҳо ва парваришгоҳҳои мо аз эҳсос кардани рангҳо бенасибанд. Агар басо хуб донанд, чор ё панҷ рангро фарқ карда метавонанду халос. Сабаби надонистани рангҳои мухталиф, аз коста будани дониши худи падару модар ва ё мураббист. Лозим аст, ки фаъолият дар санъати тасвирӣ пеш аз ҳама рангҳо ва ҷиллои онҳоро ба атфоли кӯдакистонҳо таълим ва тадрис намуд.

Суробсозӣ ин эҷоди симо ва зоҳири ашёи калонҳаҷм мебошад, ки ба ташаккули тафаккур ва эъҷози маҷозӣ мусоидат мекунад. Барои кӯдакони синни томактабӣ мавод ва таҷҳизоти асосии ин раванд пластилин ва гил мебошанд. Эҷодкорӣ аз пластилин ва гил аз чизҳои оддӣ ба мисли: бо

дастон гирд кардани курра, омодасозии сутунчаҳо ва секунҷаҳо оғоз карда мешавад. Суробсозӣ барои он қуллай ва осон менамояд, ки қисмҳоро ба осонӣ пайваст кардан мумкин буда, шакли онҳоро тағйир дода мешавад ва он чизе, ки дар раванди тасвирӣ ислоҳи он мушкил менамуд, дар ин ҷо осон ба даст меояд. Ҳангоми машғул гардидан бо суробсозӣ кӯдакон мафҳумҳои ҳаҷм, таносуб, шакл ва сохтори ашёро меомӯзанд. Бо маҳорати хуб инкишофёфта ашёҳои мураккабро низ сохтан мумкин аст. Ба мисли: бозичаҳо, мошинҳо, парандаҳо, ҳайвонот ва ғайра. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз гуногунӣ ва гуногунрангии пластилин воситаи ифодакунандаи гил бештар аст. Гил барои кӯдакон воситаи осонтари эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад. Кӯдакон маҳсули эҷодро метавонанд, хушк намуда, дар раф гузошта, муддати тӯлонӣ натиҷаи меҳнати худро бубинанд.

Дар раванди сохтани ашъё аз коғазҳои ранга кӯдакон бо шаклҳои оддию мураккаб, қисмҳо ва ҳаҷми ашёҳои гуногун, дар ҳолати буридан ва часпондан шиносоӣ пайдо мекунанд. Эҷодӣ тасвирҳои гулмонӣ (аз коғазҳои ранга) тафаккур ва тасаввуроти зиёдро талаб мекунад, зеро дар ин раванд ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки бе тасвири як ҷузъиёт хусусияти асосии мавзуъ нест гардида, баёнгари маъно шуда наметавонад.

Коғаз бо рангҳои дурахшон маводи дастрастарин ва маъмул барои кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Кор бо коғаз ба кӯдак кӯмак мекунад, ки малака ва қобилиятҳои муфид пайдо карда, амалҳои дастиро инкишоф диҳад [27].

Фаъолияти гулмонӣ (аппликатсионӣ) ба рушди фаҳмишҳои математикӣ мусоидат мекунад. Кӯдакони синни томактабӣ бо сифатҳо ва хусусиятҳои соддатарин шаклҳои геометрӣ шинос шуда, дар бораи мавқеи фазоии ашё ва қисмҳои онҳо (чап, рост, дар кунҷ, марказ ва ғайра) ва андозаҳо (зиёд, камтар) тасаввурот пайдо мекунанд. Ин мафҳумҳои мураккабро кӯдакон ҳангоми сохтани ашё ё ба қисмҳо тасвир кардани онҳо ба осонӣ аз худ мекунанд.

Дар раванди гулмонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ҳисси ранг, мавқеъ ва ҷо ба ҷо гузории ашё инкишоф ёфта, завқи бадеӣ ташаккул меёбад. Дар ин фаъолият ба кӯдакон лозим нест, ки онҳо рангҳои худро созанд ё шаклҳоро пур кунанд. Ба кӯдакон пешниҳод кардани коғазҳои гуногуни ранга ва ширешу дигар воситаҳои васлкунанда ба тарбияи завқи зебоипарастӣ мусоидат мекунанд. Фаъолияти гулмонӣ ба кӯдакон нақшаи ташкили корро меомӯзонад. Ва чӣ тавр қисматҳоро дар ҷои худ гузоштан ва васл карданро парвариш медиҳад. Инчунин, иҷрои тасвирҳои амалӣ ба инкишофи мушакҳои даст ва ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо мусоидат мекунад. Дар ин раванд кӯдакон тарзи истифодбарии кайчӣ, дуруст буридани шаклҳоро тавассути гардиши варақ ва дуруст гузоштани онҳоро меомӯзанд.

Тартибдиҳӣ аз маводҳои гуногун назар ба дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ ба бозӣ алоқаманд аст. Бозӣ аксар вақт раванди ихторъкориро ҳамроҳӣ мекунад. Ҳунарҳои аз ҷониби кӯдакон сохташуда одатан дар бозиҳо истифода мешаванд.

Ташаккули кӯдакони синни томактабӣ асосан аз кор бо коғаз, матоъҳо ва дигар ашёи дар даст буда сарчашма гирифта, ба воситаи онҳо ҳар гуна чизҳо месозанд. Дар раванди ташаккул кӯдакон донишҳои махсус, малака ва маҳоратҳои гуногун пайдо мекунанд. Ҳангоми тартибдиҳӣ аз масолеҳи сохтмонӣ онҳо ба шакл ва ҳаҷмии ченакҳои геометрӣ шинос мешаванд. Дар бораи моҳияти мувозинат ва таносуб тасаввурот пайдо мекунанд. Барои кӯдакони синни томактабӣ чун қоида, шаклҳои тайёр барои фаъолияти тартибдиҳӣ истифода мешаванд, ки бо ёрии онҳо кӯдакон эҷоди тасвири дилхохро меофаранд. Ҳама намудҳои ихтироъкорӣ ба рушди тафаккури созанда ва қобилияти эҷодии кӯдакон мусоидат мекунанд. Ба кӯдакон лозим аст, ки ашёи офаридашавандаро тахайюлан ё дар асоси намунаи мавҷуда шакли қисмҳои онро тасаввур кунад ва аз қисматҳои тайёр, ки дар дасти худ дорад, мувофиқ будани онҳоро муайян намуда, баъдан истифода намояд.

Бояд қайд кард, ки ҳама намудҳои фаъолияти эҷодӣ бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Ин алоқа пеш аз ҳама дар мазмуни фаъолият дида мешавад. Баъзе шаклҳои кор барои ҳама намудҳои фаъолияти эҷодӣ умумӣ мебошанд. Масалан: тасвири хонаҳо, табиат, нақлиёт, ҳайвонот ва ғайра.

Ҳамин тариқ, синну соли томактабӣ дар ҳаёти шахс давраи хеле муҳим ва хотирмон мебошад. Маҳз дар ин айём ҳар як кӯдак мисли муҳаққиқи хурдакак менамояд, ки ба таври кунҷкобона олами гирду атрофро кашф мекунад. Фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ ҳар қадар гуногун бошад, инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо ҳамон қадар бомуваффақият ва зуҳуроти эҷодкорӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, яке аз намудҳои самаранок дар ин роҳ ин фаъолияти аёнӣ, бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. Ин раванд барои ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудани кӯдакон шароит фароҳам оварда, дар замири онҳо меҳр, муҳаббат, самимият, далерӣ ва ҷасуриро ба вуҷуд меоранд, ки ин сифатҳо барои рушди ояндаи онҳо муҳим арзёбӣ мегарданд.

## 1.2. Моҳият ва хусусиятҳои эҷодӣ тасвирии кӯдакони синни томактабӣ

Дар ташаккули шахсияти кӯдак намудҳои гуногуни фаъолиятҳои бадеӣ ва эҷодӣ аз ҷумла: расмкашӣ, аз коғаз сохтани ҳар гуна ашёҳо, буридани рақамҳо ва часпонидани онҳо мусоидат мекунанд. Чунин машғулиятҳо ба кӯдакони синни томактабӣ шодӣ ва фараҳ бахшида, ҳисси эҷодкорӣ ва созандагӣ дар онҳо пайдо мегардад.

Яке аз хусусиятҳои хоси фаъолияти тасвирӣ ин инъикоси воқеият дар образҳои бадеӣ мебошад, ки ба тафаккур ва эҳсосоти кӯдакон таъсир расонида, муносибати онҳоро ба ҳодиса ва падидаҳои ҳаётӣ ташаккул дода, барои беҳтар ва амиқтар дарк намудани воқеият ёрӣ мерасонанд.

Инчунин, муайян гардидааст, ки фаъолияти тасвирӣ имкон медиҳад, то равандҳои муҳими равонӣ, ки дар синни томактабӣ фаъолона инкишоф меёбад ,ҳалли худро ёбанд [90, С.22].

Таъсири фаъолияти тасвирӣ дар ташаккули шахсияти кӯдакон ва инкишофи эҷодии онҳо бениҳоят калон аст. Дар ин синну сол кӯдакон ба зебогӣ бештар майл дошта, машғул гардидан ба фаъолияти тасвирӣ ба онҳо рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Асарҳои тасвирие, ки аз ҷиҳати мазмуни мундариҷа, шакли бадеӣ мукаммал ва хуб батасвир омадаанд, завқи бадеӣ, қобилияти дарк кардан ва тамъи зебоиро ташаккул медиҳанд. Тасвирҳо тамоми зебогӣ ва боигарии олами атрофро аз нав ба таври образ меофаранд. Ба воситаи тасвир ҳақиқати олами воқеӣ, фазо, ҳаҷм, ранг ва нур инъикос карда мешаванд.

Файласуфон ва равоншиносон таъкид бар он доранд, ки эҷодкорӣ дар ҳама гуна соҳаи фаъолияти инсон эҷоди асари нави дар ҳаёти воқеии қаблан эҷоднашуда мебошад. Кӯдакони синни томактабӣ низ, то як андоза дар фаъолияти тасвирии худ, бо як маҳорати баланди эҷодӣ ва бо шавқи зиёд расмҳо бо истифода аз тахайюл ва тафаккур эҷод мекунанд.

Хусусияти эҷодии кӯдакон, пеш аз ҳама, дар он аст, ки кӯдак наметавонад бо як қатор сабабҳо, яъне надоштани таҷрибаи муайян, маҳдуд будани дониш, малака, маҳорати зарурӣ ва ғайра асари нави воқеи эҷод намояд. Ва ҳол он, ки эҷодӣ тасвирии кӯдакон арзиши объективӣ ва субъективӣ доранд. Моҳияти объективии эҷоди кӯдакон дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ин фаъолият онҳо инкишофи ҳамаҷониба ба даст меоранд ва ин таҷрибаҳою донишҳо барои ҳаёти минбаъдаи онҳо заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдак пеш аз ҳама барои худ эҷод мекунад. Маҳсули эҷоди ӯ ягон навигарии умумибашарй надорад. Аммо арзиши субъективӣ дорад, яъне маҳсули эҷодӣ ӯ на танҳо воситаи рушди эҷодӣ барои як шахс, балки барои ҷомеа низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бисёр мутахассисон эҷодиёти кӯдаконро таҳлил намуда, шабоҳати онҳоро бо фаъолияти эҷодии рассоми калонсол кайд намуда, асолат ва аҳамияти бузурги онҳоро қайд кардаанд. Таҳқиқотчии эҷодии кӯдакона Н. Сакулина навишта буд: «Кӯдакон, албатта, рассом намешаванд, агарчи дар давраи синни томактабӣ онҳо тавонистаанд, якчанд образҳои ҳақиқатан бадеӣ эҷод кунанд. Аммо ин дар ташаккули шахсияти кӯдакон осори амиқ мегузорад, зеро онҳо таҷрибаи эҷоди воқеиро ба даст меоранд, ки метавонанд, баъдан дар ҳар як соҳаи фаъолият татбиқ созанд[152].

Инкишофи эҷодии тасвирии кӯдакон бе дастгирӣ ва кӯмаки калонсолон рушд карда наметавонад. Зеро ӯ таҷрибаи кофии фаъолияти тасвирӣ то андозаи лозимӣ надорад. Бо вуҷуди ин, кӯдакон ин таҷрибаро мустақилона омӯхта наметавонад. Маҳз калонсолон баранда ва интиқолдиҳандаи тамоми донишу малакаҳо дар ин самт мебошанд. Меҳнати тасвирӣ, аз ҷумла, расмкашӣ, моделсозӣ ва рангубори он ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак мусоидат мекунад.

Эҷодкориро омӯзонидан мумкин аст. Аммо ин раванд аз таълими муқаррарӣ фарқ мекунад. Тавре, ки таҷрибаҳои чандинсола ва таҳқиқоти олимону донишмандон нишон медиҳанд, ташаккули ин хусусиятҳо аз

синни томактабӣ дар машғулиятҳои расмкашӣ, моделсозй ва аз коғазҳо сохтани ҳар гуна ашё оғоз ёфта метавонад. Ҳангоми раванди фаъолияти тасвирӣ педагог кӯдаконро бо ашё ва ҷиҳози хонаю олами атроф шинос намуда, диққати онҳоро ба шакл, намуд, ранг ва ҳаҷми ашё ҷалб намуда, таълим медиҳад.

Ин раванд кӯдаконро ба шакл, ранг ва тарзи тасвири ашёҳо шинос намуда, дониши лозимиро дар онҳо пайдо мекунонад. Кӯдакон муносибати худро нисбати ашёи гирду атроф муайян месозанд. Аз худ намудани тарзу усулҳои кашидани хатҳои гуногун, ба мисли: хатҳои давомдор, мавҷнок, нуқтадор, борик ва ғафс ба кӯдак имкон медиҳад, ки ҳангоми тасвири ашё ва падидаҳо аз рӯи салоҳиди худ аз онҳо истифода мебарад. Гуфтан мумкин аст, ки кӯдакон донишу малакаҳоро дар фаъолияти тасвирӣ аз худ намуда, имкони татбиқи эҷодии худро пайдо мекунанд.

Санъат дар илми педагогика яке аз воситаҳои самарабахши фаъол гардондани раванди инкишофи эҷодии кӯдакон ба шумор меравад. Ба ақидаи муҳаққиқон Ежкова Е.Ю. ва Рубтсова В.Е. санъат ба раванди худшиносии ҳар як шахс ва бартараф кардани мушкилоти дохилӣ мусоидат мекунад[51, С.26].

Фаъолияти тасвирии кӯдакон бояд аз рӯзҳои аввал ба ҳаёт алоқаи зич дошта бошад. Пеш аз ҳама, кӯдак бояд донад, ки чиро тасвир мекунад ва барои ин тасаввурот ашё дошта бошанд. Ва ин маълумот дар асоси дарки ашё пайдо мегарданд. Аз ин рӯ, муҳимтарин шарти инкишофи эҷодии кӯдакон рушди дарк кардан, аз ҷумла: биноӣ, шунавоӣ ва ламс мебошанд. Барои рассоми хурдсол хеле муҳим аст, ки тамошобин он чизеро, ки ӯ тасвир кардааст, эътироф ва писанд кунанд. Аз ин лиҳоз, кӯдак бояд бо тамоми маҳорати худ, тасвири ҳақиқии ашёро пешниҳод намояд.

Чунин дониш ва тасаввурот дар бораи олами атрофро бояд ба мақсад мувофиқ, мушоҳидаҳои махсус, омӯзиши ашёҳо ҳангоми бозиҳои зеҳнӣ, равона кардани дарки кӯдак ба хосият ва сифатҳои муайяни онҳо ташкил

карда шаванд. Раванди дарки ашё бояд таҳлилро дар бар гирад. Яъне, нишон додани хосиятҳои ашё, шакл, андоза, сохтор, хусусиятҳои онҳо, ҳамвор, ноҳамвор, гарм, хунук ва ғайра. Педагог бояд ба кӯдакон аломатҳо ва нишонаҳои  тарзи муқоисаи ашёро ёд диҳад, ба монандӣ ва фарқияти предметҳо диққат диҳад. Фаъолияти тасвирӣ ва дарки ашё раванди маърифатӣ буда, бо дигар равандҳои тафаккури маърифатӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумла: таҳлил, муқоиса, азхудкунӣ, , умумикунонӣ ва ғайра. Корҳои дар боло зикргардида ба рушди зеҳнии кӯдакон мусоидат намуда, сатҳи фаъолияти тасвирии онҳоро баланд мебардоранд.

Бояд қайд кард, ки на ҳама кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ бо таҷрибаи ғании дарки олами атроф меоянд. Барои аксарияти онҳо тасаввурот пароканда, нопурра ва яктарафа рушд кардааст. Бинобар ин, онҳоро бо ҳар роҳу восита инкишоф додан лозим аст. Барои ташаккул додани идроки эстетикии кӯдакон педагог бояд фаҳмиш, дониш ва назари эстетикӣ дошта бошад.

**Методҳо ва усулҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ**




Агар ин ҷадвалро таҳлил кунем ба мо маълум мегардад, ки воситаҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ асосан бо тарзи аёнӣ, нақл ва сӯҳбат ва бо тариқи бозӣ сурат мегирад. Албатта, ҳамаи ин усулҳо дар раванди инкишофи эҷодии кӯдакон ва дар мавридҳои дурусту самаранок истифода гардидан натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

Кӯдакон на танҳо ба ашё нигоҳи одди мекунанд, балки хосиятҳо, шакл, сохтор, ранг ва ҳаҷми онҳоро низ дарк мекунанд. Онҳо бояд хосиятҳои бадеии ашёе, ки тасвир созанд донанд ва бинанд. Мутаассифона аксари кӯдакон наметавонанд мустақилона зебогиҳои ашёҳоро дарк ва муайян кунанд. Педагог дар ин раванд бояд ба онҳо кӯмак кунад, вагарна эҷодӣ «зебо» ба даст намеояд ва расми эҷодшуда якранг ва беарзиш боқӣ мемонад. Педагог бояд зебогиҳои ашё ва табиатро хуб дарк карда тавонад. Ин сифатҳо бояд дар худ ва дар кӯдакон пайваста инкишоф дода шаванд. Чӣ тавр ба ин ноил шудан мумкин аст? Падидаҳо ва гуногунии фаслҳои солро ба кӯдакон нишон додан лозим аст. Масалан, чигунагии ҳолати осмонро дар ҳавои офтобӣ, боронӣ ё абрнок мушоҳида кардан ё навдаҳои дарахтон дар баҳор ва дар тирамоҳ чӣ гуна мушоҳида мешаванд. Назорати гулҳо низ барои дарки зебоӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҳар як машғулияти омӯзишӣ хислати эҷодкорӣ ва ҳар як машғулияти эҷодкорӣ бояд хислати омӯзишӣ дошта бошад. Самаранокии ин раванди маърифатӣ аз маҳорати педагог, ки кӯдаконро ба мустақилият ва эҷодкорӣ водор месозад, вобастагии калон дорад [43,С.27].

Барои вусъат бахшидани тасаввуроти кӯдакон дар бораи муҳити атроф, тағйирпазирӣ ва зебоии он ҳамеша объектҳо барои мушоҳида мавҷуд мебошанд.

Дарки эстетикӣ-образнокӣ кӯдакон дар мавридҳое мукаммал мегарданд, ки агар калонсолон аз ибораҳои образнок ва сатрҳои шеърӣ истифода баранд. Раванди идрок бояд аз ҷиҳати эҳсосӣ хурсандиовар бошад, дар кӯдакон муносибати мусбӣ ба воқеият, хоҳиши лаззат бурдан аз зебоӣ ва чизҳои дилфиребу дидаашро майли тасвир кардан дошта бошад. Равоншиносон тафаккури кӯдаконро тавсиф карда, марҳалаҳои зеринро ҷудо мекунанд:

- тафаккури аёнӣ-амалӣ;
- аёнӣ-образӣ;
- калимагӣ-мантиқӣ.

Тафаккури аёнӣ-амалӣ ба тасвирҳои мушоҳидавӣ ва табдили онҳо ҳамчун воситаи таъсирбахшӣ асос ёфтааст. Мусаллам аст, ки ворид гардидан ба марҳалаи нави рушди тафаккур маънои аз байн бурдани донишҳои қаблиро надорад. Тафаккури «кӯҳна» дар кӯдак нигоҳ дошта мешавад ва ба инкишофи равандҳои тафаккури марҳилаи нав мусоидат мекунад, инчунин ҳамчун асоси ташаккули амалу қобилиятҳои гуногун хизмат мекунад. Гузашта аз ин, коршиносон бар он ақидаанд, ки тафаккури тасвирӣ на танҳо барои фаъолияти тасвирии кӯдакон зарур аст, балки он дар давоми таҳсили минбаъда низ дар мактаб ва барои фаъолияти эҷодии шахсӣ, аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунад.

Дар синни томактабӣ гайр аз шаклҳои тафаккури тасвирӣ, ки бевосита ба раванди фаъолияти амалӣ алоқаманд мебошанд, дараҷаи баланди инкишофи тафаккур, яъне тафаккури аёнӣ-образӣ низ фаъол мебошад. Кӯдакон дар асоси амалиёти равонӣ метавонанд, мақсадҳои кори худро пешниҳод созанд ва баъд ба амал пардозанд. Аз ин рӯ, кӯдакон пеш аз оғози тасвир дар асоси фикр ва идеяҳои ташаккулёфтаи худ равандҳои равониро ҳал намуда, баъдан роҳҳои татбиқи онро меҷӯянд.

Ба ақидаи Погодина С.В. «Кӯдак мисли ҳар як шахс нақшаи «идеалӣ»-и офаридани образҳои бадеиро танҳо дар ҷараёни азхудкунии низоми таърихан инкишофёфтаи меъёрҳо ва муносибатҳои бадеӣ ва бо фарҳанг ба даст оварда метавонад» [132, С.55].

Бояд қайд кард, ки барои ташаккули аёнӣ-тимсолӣ ва тафаккури шабехии чунин намудҳои фаъолияти бадеию эҷодии кӯдакон ба мисли тасвирӣ ва созандагӣ аҳамияти калон доранд. Аз як тараф, фаъолияти тасвирӣ ва тасвирҳои симои тафаккури таҳлилиро инкишоф дода метавонад, аз тарафи дигар, фаъолияти тасвирӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таасурот нақши бузург дорад.

Асосан мантиқ дар фаъолияти тасвирӣ ҳамчун забони рамзӣ ва тасвирӣ дониста мешавад. Нишонаҳои тасвирии мантиқро метавон ба таври маҷозӣ фаҳмиш кард. Инчунин, дар фаъолияти тасвирӣ намудҳои

гуногуни аломат-тасвир ва аломат-рамзҳоро ҳамчун мантиқ истифода бурд. Мантиқи рамзӣ рамзҳоро ҳамчун унсурҳои тасвир дар бар мегирад. Аз ин рӯ, мантиқи тасвирӣ аз мантиқи рамзиро на бо чӣ гунагии аломатҳо, балки бо тарзи истифода шудани онҳо фарқ мекунанд.

Ба ақидаи муҳаққиқ В. А. Влодарчик: «Тафаккури мантиқӣ бо инкишофи ҳамоҳангии тафаккур ва тасаввурот хос аст, ки он дар хусусиятҳои иҷрои амалҳои зеҳнии шахс ифода меёбад [28, С.15].

Бисёр объектҳо метавонанд дар ин раванд, ҳамчун рамз истифода гарданд ва тасвирҳои сифатан ба ҳам монанд низ тавлид ёбанд. Агар дар фаъолияти тасвирӣ тасвирҳо образнок дарҷ гардида бошанд, на ҳар як аломат тасвири он чизест, ки тасвиркунанда мехоҳад онро нишон диҳад. Ин чунин маъно дорад, ки на ҳар як ашё ифшокунандаи маънои аслии худ, балки ҳамчун рамз ё ишора ба маъное омадааст.

Барои рушди бомуваффақият дар кӯдак бояд сифатҳои меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, устуворӣ барои ноил шудан ба натиҷаи беҳтарин инкишоф ёбад. Фаъолияти эҷодӣ ҳамчун як фаъолияти кӯдакон барои рушди онҳо имкониятҳои нав фароҳам меорад. Илми равоншиносӣ эҷодкориро чунин тавсиф мекунад: вай бояд арзиши ҷамъиятӣ дошта бошад ва маҳсули нав бахшад. Аз ин таъриф саволе ба миён меояд, ки оё тасвирҳои кӯдакона ба ин нишондодҳо мувофиқанд? Диққати асосӣ бояд ба хислатҳои равонӣ ва сифатҳои шахс дода шавад, қисмате аз онҳо барои азхудкунии бомуваффақияти инкишофи эҷодӣ заруранд. Равандҳои умумӣ инҳоянд: дарк, тасвир ва тафаккур, тасаввурот, шавқу рағбат ба фаъолият ва муносибати эҳсосӣ ба он, хотира ва таваҷҷӯҳ.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти тасвирӣ, ки ба инкишофи дарк ва тафаккур таъсири мушаххас мерасонад, қобилияти на танхо назари эҷодӣ пайдо кардан, балки назари зебоипарастиро низ тақвият мебахшад. Ва ба кӯдакон имкон медиҳад, то олами воқеъиро дар аввал ба таври худ ва баъдтар мувофиқи қонунҳои тасвирӣ-образӣ қабул ва дарк кунад.

Истифодаи ранг тадриҷан ба инкишофи дарки мустақим ва муҳимтар аз ҳама, ба эҳсосоти зебоипарастии кӯдак таъсир мерасонад.

Ҷузъи муҳими раванди ташаккули ғояҳои зебоипарастӣ, эҷодкорӣ мебошад. Тахайюлоти эҷодӣ тавассути шодӣ ва лаззате, ки кӯдакон аз дарки зебоӣ, воқеият ва санъат мебаранд, амалӣ мешаванд. Котикова О.П. чунин мешуморад, ки дар синни томактабӣ иқтидори эҷодӣ дар баробари рушд ва ғанӣ гардидани эҳсосот баланд гардида, хоҳиши ба даст овардани донишҳои эстетикиро муайян мекунад [88, С.124].

Дар аввал, кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бевосита шиносоӣ бо хосиятҳои маводҳо ва баъдан фаҳмиши робитаи байни онҳоро дарк мекунад, ки ин амал дар оянда барои гирифтани дониш дар бораи ашёи атроф ба онҳо мусоидат мекунанд. Асосан таваҷҷуҳи кӯдак ба ашё дар аввал барои тасвири онҳо ва баъдан таассурот дар бораи ҷаҳони атроф ба вуҷуд меояд. Яъне, дар раванди фаъолияти тасвирӣ тасаввуроти аввалияи кӯдакон дар бораи ашёи атроф дақиқ ва амиқтар мегарданд.

Бояд қайд кард, ки айни замон масъалаи хусусиятҳои инкишофи тафаккури эҷодии кӯдакон вобаста ба намудҳои гуногуни фаъолият хеле амиқ таҳқиқ карда шудаанд. Вале баъзан хусусиятҳои онро мо дар диссертатсия мехоҳем дарҷ созем.

Ҳангоми фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ низ ҳалли худро меёбанд. Ин масъала тавассути мазмуни фаъолияти кӯдакон, ки муносибати онҳоро ба воқеияти атроф инъикос мекунад ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси мушоҳида, суботкорӣ, фаъолият, мустақилият, ташаббус, қобилияти шунидану иҷро намудани супориш ва то охир расонидани кори оғозшударо ташаккул медиҳад.

Ҳаёт ва муҳити атроф ба кӯдакон таассуроти бою рангин мебахшад, ки баъдан дар тасвирҳо ва пайдоиши идея хизмат мекунанд. Дар раванди эҷодӣ муносибат ба тасвир устувор мегардад, зеро кӯдак ҳиссиётеро, ки ҳангоми дарки ин падида аз сар гузаронидааст, дубора эҳсос мекунад. Аз

ин рӯ, мазмун ва мундариҷаи асар ба ташаккули пайдоиши эҳсосот, тафаккур ва шахсияти кудак таъсири калон мерасонад.

Тавре қайд карда шуд, фаъоляити тасвирӣ яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи кӯдакон буда, барои зуҳури фаъолияти эҷодии онҳо доираи васеъ фароҳам меорад. Аммо дарк кардан ва азхуд намудани техникаи тасвирӣ барои кӯдаки синни томактабӣ хеле душвор аст, бинобар ин педагог бояд ба ин фаъолият эътибори ҷиддӣ ва бо як масъулияти том муносибат кунад. Дар фаъолияти  тасвирӣ асосан қаламҳои ранга, акварел ва гуашро бештар истифода мебаранд, ки имкониятҳо ва хусусиятҳои гуногуни аёнӣ доранд.

Ба воситаи қалам шакли хаттии он чӣ ки мо эҷод мекунем тасвир мешавад. Пас аз он як қисмати дигаре тадриҷан ба вуҷуд меояд, ки пайи ҳам онҳо якдигарро пурра карда, ба шакли ашё ҷилвагар мешаванд. Сипас, тасвирро ба воситаи қаламҳои ранга шакли дигар намуд. Чунин пайдарпайии эҷодӣ ба фаъолияти таҳлилии тафаккури кӯдакон мусоидат карда, ӯро ба фикрронӣ водор мекунад. Вақте ки кӯдакон ба фаъолияти тасвирӣ мепардозанд, онҳо андеша мекунанд, ки ин ва ё он қисмати тасвирро дар кадом ҷой ё гӯшаи диёр дидаанд.

Бояд гуфт, ки эҷодкорӣ ва тахайюл бо эҷод асос ёфта, бидуни он вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо танҳо воситаи ташкили раванди эҷодӣ мебошад. Бе эҷодкорӣ ва тахайюл раванди эҷодӣ самари хуб намедиҳад. Эҷодкорӣ ва тахайюл бо эҷод зич алоқаманд мебошанд. Эҷод як раванд аст ва эҷодкориву тахайюл қобилиятест, ки ба раванди эҷодӣ кӯмак мекунанд. Агар дар шахс эҷодкорӣ ва тахайюл инкишоф ёбанд, эҷод кардан барои ӯ хеле осон мегардад [141, С.7].

Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ бо рангҳо дар кӯдакон ташаккули ҳисси ранг ва шакл пайдо мешавад. Кӯдакон бо рангҳои гуногун ҳаёти гирду атроф, осмони софу беғубор, ғуруб ва тулӯи офтоб ва баҳри кабудро тасвир мекунанд. Ин раванд аз кӯдакон меҳнати фикрӣ ва маҳорати техникиро

талаб мекунад, ки барои ташаккули эҷодии онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Хусусияти дигари фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ дар он аст, ки ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдакон хоҳиши донистани олами атрофро нишон медиҳанд ва аз ин тасвирҳо, то андозае сатҳи донишҳои онҳоро донистан ҳам мумкин аст. Дарки олами атроф, тарзи мушоҳидаҳо ва фонди афкори кӯдакон ҳар қадар инкишоф ёфта бошад, онҳо воқеиятро дар эҷоди худ ҳамон қадар пурра ва дурусттар инъикос мекунанд. Тасвири эҷодии онҳо рангину диданӣ ва ифоданок мегардад. Фаъолияти тасвирии кӯдакон чунин хусусиятҳои хоси тафаккурро ба мисли мушаххасӣ ва образнокиро дар бар мегирад.

Фаъолияти тасвирӣ ба ташаккул ва таҳкими малакаҳои зарурӣ дар фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла:

- шунидан ва аз ёд набаровардани супоришҳо;
- супоришҳоро бо пайдарпаии муайян иҷро кардан;
- дар муҳлати ҷудогардида ба сомон расонидани супориш;
- баҳодиҳӣ ба кори худ ва ислоҳи хатогиҳо;
- ба нақша гирифтани фаъолияти худ;
- қобилияти то ба охир расонидани кор;
- ҷои кор, асбобу анҷом ва масолеҳро ба тартиб нигоҳ доштан.

Фаъолияти тасвирӣ шароити мусоид барои рушди сифатҳои зебоипарастӣ, дарки эҳсосоти мусбии санъат ва ба пайдоиши муносибатҳои зебописандӣ замина фароҳам меорад.

Нишон додани хосиятҳои ашё дар тасвир ба ташаккули ҳисси шакл, ранг ва андоза, ки ҷузъиёти сифатҳои зебоипарастӣ мебошанд, шароит фароҳам меоваранд.

Тарбияи зебоипарастии шахс ба қобилиятҳои табиии инкишофёфта, идрок, таҷриба, эхсосот, тасаввурот, тафаккур ва эҷодӣ асос меёбад. Ва дар ин асос фардияти эҷодкор ба вуҷуд омада, муносибати зебопарастии вай ба

санъат, ба худ, рафтор, гуфтор, табиат ва меҳнат ранги дигар мегирад [174, С.14].

Эҳсосоти зебоипарастӣ метавонад ҳангоми дидан ва мушоҳида кардани шакли равшану шевои ашё, табиати дилфиреб ё сохтори объектҳои зебо ба вуҷуд ояд. Ҳиссиёти зебоипарастӣ дар баробари инкишоф ёфтан ва рангорангии тасаввуроти кӯдакон дар бораи шакл, ранг, сохтори ашё ва падидаҳои олами атроф амиқтар ва бошууронатар мешаванд. Ва дар ин асос завқи бадеӣ ташаккул меёбад. Дар хотир бояд дошт, ки ҳисси зебоӣ танҳо замоне ташаккул меёбад, ки зебоии ашё ё падидаҳо дар тафаккури кӯдакон ҳамчун образ пайдо шавад ва онҳо инро ба таври тасвир нақошӣ кунанд. Аз ин рӯ, дар раванди сӯҳбатҳо дар бораи олами атроф ва он чӣ кӯдакон мушоҳида кардаанд, мубоҳисаҳо ташкил кардан лозим аст.

Тавре қайд кардем дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ бо кӯдакон тасаввурот инкишоф ёфта, дар натиҷа эҷоди онҳо пурмазмун ва самарабахш мегарданд. Кӯдакон дар асоси он чизе, ки бевосита дарк кардаанд, тасвир ва эҷод мекунанд. Онҳо аз тахайюл истифода намуда, образҳои нав меофаранд. Масалан, кӯдакон ҳеҷ гоҳ парандаи афсонавиро надидаанд, аммо дар ҳаёти атрофи худ парандагони гуногунро мебинанд. Дар синни томактабӣ ҳангоме, ки педагог ба кӯдакон дар бораи парандаи афсонавӣ ҳикоя мехонад, онҳо ин таассуротро дар худ ҳифз дошта, онро дар раванди тасвирӣ бо истифода аз тахайюл рӯи коғаз эҷод мекунанд. Хусусияти фаъолияти тасвирӣ маҳз дар ҳамин гуна лаҳзаҳо муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки ҳар як кӯдак тахайюли образнокии худро доро мебошад ва онҳо дар тасвир паррандаи афсонавии худро эҷод мекунанд. Ба ин васила, дар кӯдакон шавқу рағбати бадеӣ ва эҷодӣ инкишоф ёфта, онҳо мехоҳанд чизи зебо, ҷолибу диданӣ тасвир созанд. Дарк ва фаҳмиши асарҳои бадеӣ, наққошӣ, суробсозӣ, меъморӣ ва осори санъати ороишии халқӣ барои кӯдакон заминаи мусоид фароҳам оварда, тафаккуру тахайюли онҳоро ғанӣ мегардонанд.

Таъсирҳои зебоипарастие, ки фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон дорад, аввалан, аз он чизе, ки барои тасвир интихоб карда мешавад, масалан: ҳаргуна бозичаҳои маъмул, гулҳои ранга, падидаҳои табиат, фаслҳои сол ва ғайра ва дуюм, аз самти фаъолияти инкишофи эҷодии кӯдакон вобастааст.

Фаъолияти тасвирии кӯдакон на танҳо барои инъикоси таассуроти дар ҳаёт гирифташуда, балки барои ифодаи муносибатҳои онҳо ба тасвир нигаронида шудааст. Кӯдакон дар эҷоди худ сифатҳои зебоии ашёро, ки дар раванди дидан ва муайян кардан дарк кардаанд, баён месозанд. Дар раванди эҷодӣ тасвир кӯдакон ба худ меандешанд, ки барои чӣ ин ва ё он манзараву ашё ба онҳо писанду ҷолиб ва ё баръакс дилгиркунандаву нофорам менамоянд.

Тафаккури тасвирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ зери таъсири муҳити беруна ба вуҷуд омада ва то даме, ки фаъолияти таълимӣ ба онҳо таъсир карда, эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меорад, зоҳир мешавад. Самаранокии раванди машғулиятҳо тавассути омезиши воситаҳо ва усулҳои педагогӣ ба даст оварда мешаванд [159, С.70].

Бад ин мисол, дар кӯдакон қобилиятҳои баён кардани мулоҳизаҳои зебоипарастӣ ва баҳо додан ба эҷодӣ тасвирии худу дигарон тадриҷан ташаккул меёбанд. Аксар вақт дар кӯдакон баҳодиҳии эстетикӣ бо рафтор ва муносибатҳои ахлоқӣ алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, ифодаи муносибат ба тасвир на танҳо баҳодиҳии зебоӣ, балки самти иҷтимоии эҷодкориро ба худ касб карда, барои тарбияи иҷтимоию ахлоқии кӯдакон аҳамияти калон дорад.

Хусусияти оммавии фаъолияти тасвирӣ дар он аст, ки кӯдак тасвирҳои шинохта эҷод мекунад. Ӯ на танҳо барои худаш, балки барои дигарон ҳам эҷод мекунад ва мехоҳад ба воситаи эҷодӣ тасвир андешаҳои ботини худро ифшо сохта, ба ин васила, писанди ҳамагон гашта, ӯро шиносанд.

Хусусиятҳои иҷтимоии фаъолияти тасвирии кӯдакон инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар эҷоди тасвир падидаҳои иҷтимоиро ифода мекунанд. Яъне, муносибати худро нисбат ба онҳо баён месозанд. Масалан кӯдакон мехоҳанд, падару модари худро ба зодрӯзашон табрик намоянд. Ва онҳо тасмим мегиранд, тасвире барои онҳо эҷод кунанд. Ё ин, ки барои ҳамсабақон ва дугонаҳои худ низ чунин амалро иҷро мекунанд. Дар ин ҳолат ҳисси масъулиятшиносӣ баланд гардида, кӯшиш мекунанд, ки эҷоди онҳо писанди ҳамагон бошад. Ин раванд ба ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, коллективизм, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ нисбат ба падару модару наздикон мусоидат менамояд.

Ба ақидаи Биков С.В. «Масъулият тарзи ифодаи худ, намуди фаъолият «ман», қувваи пешбарандаи фаъолият ва дар айни замон мавқеи шахсро дар ҳаёт инъикос менамояд.

Муҳаққиқ Князева О.Л. қайд мекунад, ки шарти равонии масъулият қобилияти интихоби рафтор ва бартарии бошуурона додан ба он мебошад» [71, С.10].

Хусусияти дигари фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин раванд ба тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоишавии онҳо таъсири назаррас мерасонад. Яъне, кӯдакон дар ҳамбастагӣ машғули фаъолияти эҷодӣ гардида, ҳар кадоми онҳо тасвири худро меофаранд. Сипас, онҳо дар якҷоягӣ тасвирҳоро аз назар гузаронида, баҳо медиҳанд.

Моҳияти дигари фаъолияти тасвирӣ дар он аст, ки ин намуди фаъолият барои ташаккули ақл ва ҷаҳонбинӣ замина фароҳам меоварад.

Ба андешаи муҳаққиқ Дмитриева Т.М. «Муҳити эҷодӣ ба ҷаҳонбинии шахс таъсир расонида, яке аз воситаҳои бузурги тарбия ба шумор рафта, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ саҳмгузор аст» [42,С.10]. Дар раванди гирифтани таълиму тарбия ташаккули ҷаҳонбинӣ, мазмуни асосӣ ва сохтори он унсурҳои эътиқод ва шуури шаҳрвандӣ сурат мегирад, ки бидуни он шахсияти хаматарафа инкишофёфтаро тасаввур кардан мумкин

нест, зеро чахонбинӣ, пеш аз хама, асоси идеявии инкишофи маданияти маънавии шахе мебошад.

Санъат чунин неруи табииеро доро мебошад,ки ба ҷаҳонбинии шахс таъсир расонида, ба ҳайси силоҳ ва воситаи асосии тарбия табдил дода, дар камолот ва ташаккули арзиши маънавӣ нақши бориз ато менамояд.

Имконияти инкишофи зеҳнии кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо таассуроти гуногун аз ҳаёти гирду атроф ё китобҳо ва афсонаҳои шунида мебардоранд. Бе таассуроти мукаммал ва андешаҳои ҳаматарафа эҷод кардани тасвир ғайриимкон аст. Дар баробари ин, дар раванди фаъолияти тасвирӣ эҷодӣ образи воқеият ё персонажи адаби пайдо гардида, тасвирҳо мукаммалу амиқтар, донишу андешаҳои кӯдакон мустаҳкам мешаванд.

Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдакон бо маводи гуногун ба мисли: коғаз, ранг, гил, қалам ва ғайра шиносои пайдо карда, хосиятҳо, имкониятҳо ва малакаи кор кардан бо онҳоро пайдо мекунанд. Инчунин, кӯдакон бо асбобҳое, ки инсон дар фаъолияти ҳаррӯза ба мисли қалам, ручка, қайчӣ ва ресмону материалҳо истифода мебарад, шинос шуда, ба ин васила, аз таҷрибаҳои ҷамъиятию таърихӣ бархурдор мегарданд, ки чунон маълумот барои инкишофи зеҳнӣ хеле муҳим аст.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ инчунин, масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон низ роҳи ҳалли худро меёбад. Бояд тазаккур дод, ки дар ин раванд захираи луғавии кӯдакон, инкишофи нутқ, дуруст талаффуз кардани калимаҳо, қобилиятҳо ва дар бораи образи эҷодкардааш сухан рондан пайдо мегардад.

Тавре муҳаққиқ Запуниди А.А. ишора мекунад: «Хамроҳии нутқ дар раванди фаъолияти тасвирӣ ба сифати тасвир таъсир расонида, аҳамияти калони ташхисӣ дорад. Омезиши нутқ бо тасвирҳо боиси равшан шудани хусусиятҳои муҳими объектҳо мегардад. Бо шарофати фаъолияти тасвирӣ нутқ оҳиста-оҳиста аз он ҷудо шуда, хислати умумиро касб мекунад» [55, С.30].

Ин нуқтаро низ равоншиносон ва мураббиҳо ҷонибдорӣ менамоянд, ки фаъолияти эҷодии кӯдакон дар чараёни офаридани образҳо одатан бо нутқ ҳамроҳ мешаванд. Кӯдакон ашёҳои олами ҳастиро, ки тасвир мекунанд, ном бурда метавонанд ва шарҳу эзоҳ медиҳанд. Онҳоро тавсиф намуда, хусусиятҳо ва фарқиятҳоро нишон медиҳанд. Кӯдакон амалҳо ва кирдорҳои қаҳрамонҳои тасвиркардаи худро шарҳ дода, баъзан тамоми раванди тасвирро муфассал тавсиф мекунанд. Дар ин раванд, онҳо бо ҳам мулоқот карда, дар бораи тасвири рӯи коғаз ба якдигар маълумот медиҳанд.

Дар ташаккули нутқи мураттаби кӯдакони синни томактабӣ робитаи нутқ ва ҷанбаҳои зебоипарастӣ низ равшан зоҳир мегардад. Нутқи мураттаб нишон медиҳад, ки кӯдакон, то чӣ андоза забони модарии худро медонанд ва дар айни замон сатҳи инкишофи равонӣ, эҳсосӣ ва зебоипарстии онҳоро инъикос мекунанд [24, С.17].

Ҳамроҳии садо ва гуфтори кӯдакон, ҳангоми фаъолияти тасвирӣ имкон медиҳад, ки он чизеро, ки онҳо тасвир мекунанд, хислатҳои тасвиршударо дарк ва равшан нишон медиҳанд. Номҳои онҳоро ба забон меоваранд. Ва номгузории он чизеро, ки онҳо эҷод мекунанд ва пас аз он чиро тасвир мекунанд, ба забон оварда, кӯдакон гӯё фаъолияти минбаъдаи худро ба нақша мегиранд ва пайдарпайии амалҳоро барои эҷоди тасвирҳо муқаррар мекунанд.

Тавсифи шифоҳӣ ба кӯдаки синни томактабӣ имконият медиҳад, ки дар раванди фаъолияти тасвирӣ аломатҳо ва нишонаҳои ашёҳоро аз худ кунанд. Аз ин рӯ, дар ниҳоди кӯдакон тарбия кардани маҳорати мулоҳизакорӣ, муқоиса, хулосабарорӣ ва номгузорӣ кардани чизҳои тасвиршуда, лозим аст. Тарбияи қобилияти мулоҳизаҳои дуруст ва амиқу дақиқ дар раванди фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани назари эҷодӣ ва таҳлилӣ хеле муфид арзёбӣ мегардад. Ин амал боиси беҳтар гардидани сифати тасвир мегардад. Раванди таҳлилии ашёи тасвиршуда ҳар қадар барвақт ба фаъолияти тасвирӣ ҳамроҳ карда шавад, ҳамон қадар

зудтар, хубтар ва беҳтар тасвири дурусту мукаммал ба даст оварда мешавад. Қобилияти кӯдакон барои бо калимаҳо муайян кардани аломатҳои ашё ба дурустӣ ва дақиқии тасвир мусоидат мекунад.

Ташаккули қобилиятҳои идроки кӯдакон яке аз ҷиҳатҳои муҳими фаъолияти эҷодӣ мебошад, зеро он ба равишҳои озодӣ ва эҷодкорӣ асос ёфтааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ Дроздов А.П. «Қобилияти идроки бадеӣ амали мақсадноки равонӣ буда, бо равандҳои мураккаби эҳсос, тафаккур, таҳлил ва таассуроти гуногуне, ки аз воқеият мегирем, алоқаманд аст. Дарки бадеии табиат ва тасвирҳо омили хеле муҳими раванди тарбиявӣ ва маърифатӣ дар фаъолияти тасвирӣ мебошанд» [47, С.6].

Фаъолияти эҷодӣ ҳамеша бо эҳсосот алоқаманд аст, чунки дар ин раванд кӯдакон сарфи назар аз ҳодисаҳо ва омилҳои дохилию беруна лаззат ва шодию фараҳ мебаранд.

Ҳангоми пажӯҳиш дар боғчаи бачагонаи №55, ки сарвариашро Шукурова Раъно ба зимма дошт, мушоҳида карда шуд, ки кӯдакон дар вақти машғулиятҳои тасвирӣ бо тамоми ҳиссиёт саргарми тасвирҳои худ буданд. Вақте ки вориди гурӯҳ гардидем ҳатто ба мо нигоҳ ва эътиборе ҳам надоданд. Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки то кадом андоза муҳити эҷодӣ ба онҳо таъсир расонида буд. Ҳар яке аз онҳо мехост тасвири худро тезтар ба итмом расонида, нисбати ҳамсолони худ бартарӣ дошта бошад.

Мақсади асосии инкишофи эҷодии кӯдакон ин таълим додани онҳо барои ифшо кардани таассуроти худ дар бораи воқеияти атроф мебошад. Бояд гуфт, ки муҳтавои тасвирӣ ҳамеша мавзуи муайянро дар бар мегирад. Қобилияти равшан ифода кардани чизи асосӣ дар мавзуъ ба инкишофи дарк ва тафаккури таҳлилӣ-таҳқиқӣ алоқаманд аст. Дар фаъолияти тасвирӣ дуруст ифода намудани муносибатҳои мутаносиби байни ашёҳо муҳим мебошад. Ин раванд барои кӯдакон то андозае мушкилиро ба бор меорад. Чунки ҳангоми тасвири мавзуъ на танҳо фарқи ҳаҷми онҳоро инъикос кардан муҳим мебошад, балки зиёд ё камшавии ашёҳоро вобаста ба

чойгиршавии онҳо нишон додан лозим меояд. Барои ин, дар кӯдакон бояд қобилиятҳои муқоиса, дарки тасвир ва дидани робитаҳои маъноии байни онҳо бояд рушд дода шаванд.

Барои инкишофи фаъолияти тасвирӣ муҳаққиқ Казакова Т.Г. як қатор усулҳо ва методҳоро пешниҳод менамояд, ки дар байни онҳо мушоҳидаи муҳити зист, истифодаи асарҳои гуногуну услубҳо, дарки зебоипарастии симои бадеӣ бо мақсади муқоиса ва робитаи онҳо ҷойи намоёнро ишғол мекунанд [69, С.21].

Хусусияти дигари қобилияти фаъолияти тасвирӣ дар он собит мегардад, ки кӯдакон бояд он чизе, ки дар табиат муоина ва мушоҳида мекунанд, дар тасвир онҳоро ба таври шабеҳ ифода карда тавонанд. Яъне, дар тасвир он чизе, ки дар табиат мавҷуд аст, ба таври тахайюлӣ-монандӣ инъикос кунанд. Асосан ин хусусияти тасвирӣ барои фаҳмиши кӯдакони синни томактабӣ, ки таҷрибаи тасвирӣ доранд, хос аст. Кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми тасвирӣ мавзуъ, ки он ифодакунандаи асосии мазмуни тасвир ба шумор меравад, бояд ба воситаҳои гуногуни ифодакунандаи тасвирҳои бадеӣ, ки мазмуни мавзуи додашударо аз рӯи ҳаҷм, ранг ва шакл ифода мекунанд, шинос кард. Бе инъикоси мундариҷаи асосӣ фаҳмидан ва донистани тасвир душвор аст.

Ҳамаи ин воситаҳои баён ҳарчанд барои кӯдакон дастрас бошанд ҳам, вале раванди азхудкунии онҳо хеле печида ва вақтталаб буда, омӯзиши дуру дароз ва ёрии мунтазами мураббиро талаб мекунад [135,С.27].

Дар фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ дар баробари заифии дарк ва номукаммалии ҳолатҳои тасвирӣ тақсим карда натавонистани диққат ва равона накардани он ба як самт, дидани якчанд ашё дар як вақт ва мукаммал насохтани он дар тахайюл ва ғайра таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, хатогиҳо дар интиқоли таносуби ҳаракат дар раванди тасвир ногузиранд. Бо назардошти тамоми душвориҳои кӯдакон дар раванди тасвири мазмун омӯзгор метавонад, ёрии амалии худро расонад. Яъне, пеш аз ҳама зарур

аст, то аз бартарият ва афзалияти кӯдакон дар равандҳои гуногуни тасвирӣ бархӯрдор бошад. Тарафҳои мусбӣ ва манфии кӯдаконро дар ҳолатҳои муайяни тасвирӣ ба инобат гирад.

Бояд зикр  кард, ки мазмуни тасвирҳои мазмунии кӯдакони синни 5-6-сола аз ҳисоби таҷриба то андозае гуногунранг ва бой мебошанд. Кӯдакон дар мусаввараҳои худ на танҳо ашё, балки муҳити худро низ тасвир мекунанд.

Мавзуи тасвири мазмун дар кӯдакон пеш аз ҳама аз рӯи таассуроте, ки онҳо аз мушоҳидаи воқеияти атроф пайдо кардаанд муайян карда мешавад. Ва бояд мазмуни ҳар як мавзуъ махсус муайян карда шавад. Барои кӯдакон набояд тасвирҳои хислати оммавидошта пешниҳод карда шаванд. Дар ин раванд, кӯдакон метавонанд чизеро тасвир созанд, ки ба мавзуъ алоқаманд нест, ё дар назди худ вазифаҳое мегузоранд, ки ба маҳорати онҳо мувофиқат намекунанд. Аз қаҳрамонҳои афсонавӣ, ки кӯдакон ба онҳо шинос мебошанд, тасвирҳо пешниҳод карда шаванд. Масалан, тасвири бузаки ҷингилапо ё деҳқон ва хирс. Кӯдакон алакай ба ин афсонаҳо шинос мебошанд. Ва борҳо онҳоро аз тариқи оинаи нилгун ё дар табиат мушоҳида кардаанд. Ин гуна пешниҳоди мураббӣ ба кӯдакон ҳам содда ва ҳам осон менамояд. Онҳо ба осонӣ ва истифода аз тахайюли худ ба фаъолияти тасвирӣ мепардозанд. Ва тасвирҳои онҳо ба ҳама фаҳмою равону равшан менамоянд. Кӯдаконро барои иҷрои ин амалҳо зина ба зина тайёр кардан лозим аст. Аз ин рӯ, давра ба давра омода кардани кӯдакон ва ба фаъолияти эҷодӣ ворид гардонидани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Ба андешаи муҳаққиқ, Пшеничних Л.А. «Педагог бояд моҳияти рушди эҷодиро ҳамчун инкишофи қобилиятҳои универсалии кӯдакон дар системаи фаъолият дарк кунад. Инчунин, мутахассисони муассисаи томактабӣ дар бораи моҳияти педагогии инкишофи эҷодӣ тасаввурот дошта бошанд» [139, С.15].

Аз коғазҳои ранга истифода бурдан барои кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирии мазмун осонтар менамояд. Зеро дар ин ҷо кӯдакон бе заҳмати зиёд бо ёрии коғазҳои ранга ҳар гуна ашё ё воқеияти табиатро тасвир месозанд. Масалан, барои тасвири осмони абрнок ба онҳо коғази кабуд дода мешавад, ки бо ёрии он кӯдакон танҳо бо ранги сафед дар ҳар гӯшаи коғаз абрҳоро тасвир мекунанд. Яъне, кӯдакон каму беш бо ранги сафед абрҳоро тасвир карда, ки боқимонда осмон аст. Ин усул кӯдаконро водор мекунад, ки дар дигар мавзуъҳо ҳалли дурусти мусаввара мустақилона истифода бурда, мувофиқи мазмун сохтори рангаи онҳоро муайян кунанд.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ педагог метавонад ба кӯдакон ин ё он заминаеро пешниҳод кунад, ки ба мавзуъ мувофиқат мекунад. Масалан, коғази кабуд барои тасвири дарёҳо ё коғази хокистарӣ барои тасвирҳои манзараҳои табиат ва ғайра. Инчунин, заминаи варақ интихоби рангҳоро низ муайян мекунад, ки кӯдакон бе ягон мушкилӣ ба онҳо мустақилона кор мекунанд. Дар коғазҳое, ки ранги равшан надоранд, бештар рангҳои ҷилодиҳанда ва баръакс дар коғазҳои равшан рангҳои на онқадар айён истифода бурда мешаванд. Манзараҳои фасли баҳор дар заминаҳои рангҳои кабуд ё хокистарӣ бо истифода аз рангҳои зард, сурх ва сафед бештар ифоданоктар ба назар мерасанд.

Дар кӯдакони синни 6-7 сола тафаккури таҳлилӣ бештар инкишоф ёфтааст, ки ин бартарият ба педагог ва мураббиён имкон медиҳад, то вазифаҳои мустақилона интихоб кардани мазмунро дар мавзуи пешниҳодшуда ба миён гузорад. Фаъолияти тасвирии мазмунӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки омилҳо ва ҳодисаҳоро ба таври воқеӣ дарк намоянд, робитаҳо ва муносибатҳои байни онҳоро фарқ намоянд ва ҳолату замони амалҳоро равшан тасаввур карда, тасвир созанд.

Бояд гуфт, ки дар маводи барномаи таълимӣ мавзуъҳои тахминии тасвирӣ мавҷуданд ва педагог бояд мавзуъҳои ҷолиброро барои кӯдакон бо назардошти таассуроти онҳо аз воқеияти атроф интихоб кунад [179, С.19].

Барои кӯдакон таассуроти худро бо ёрии тасвир баён кардан осонтар аст. Онҳо тасвири чизҳоро бо ёрии пластилин, коғази ранга ва рангҳо инъикос мекунанд. Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ ин маводҳо бояд ҳамеша дар назди кӯдакон муҳайё бошанд. Аммо ин ҳам дар баъзе ҳолатҳо барои инкишофи эҷодӣ нокифоя аст. Инкишофи эҷодии кӯдаконро бояд рушд бахшид. Тарзи буридану аз коғазҳои ранга сохтани ҳаргуна мавод ва нишон додани усулҳои тасвириро ба онҳо омӯзонидан лозим аст. Барои беҳтар ва мукаммал намудани фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ бояд дарки шакл, ранг, қисмҳо, тасаввуроти зебоиро ташаккул додан муҳим мебошад.

Кӯдакони синни томактабӣ аз ӯҳдаи бисёр корҳо мустақилона баромада метавонанд. Масалан: дастҳоро шӯянд, дандонҳоро тоза кунанд, мустақилона хӯрок хӯранд, либос пӯшидан ва ғайра. Дар кӯдакон нутқ инкишоф ёфта, тарзи фикррониӣ ва мулоҳизакорӣ ташаккул меёбанд. Кӯдакон бо майли том мехоҳанд бо калонсолон саволу ҷавоб кунанд, бо ҳамсолон дар муошират бошанд ва бо онҳо бозиҳо омода созанд. Дар ин айём кӯдакон шавқу рағбат ба расмкашӣ, хоҳиши  сохтани ҳаргуна ашёҳоро пайдо мекунанд. Дар аввал кӯдакон ба фаъолияти тасвирӣ таваҷҷуҳи на он қадар ҷиддӣ доранд, аммо оҳиста-оҳиста ба сифати расм шавқ пайдо карда, баъдан рақобати тасвирӣ дар онҳо пайдо мегардад. Онҳо кӯшиш мекунад ашёро табиӣ тасвир кунанд ва пас аз итмоми кор онро аз назар гузаронида, ба дигарон таассуроти худро баён мекунанд.

Бояд гуфт, ки ба вуҷуд овардани муҳити дӯстона дар раванди фаъолияти тасвирӣ шавқу завқи кӯдаконро баланд мебардорад. Ин ҳолат ба рушди равандҳои эҳсосотии кӯдакон мусоидат намуда, диққат, суботкорӣ, маҳорат ва малакаҳои онҳоро тарбия мекунад. Ба андешаи аксари муҳаққиқон асарҳои санъати тасвирӣ ҷанбаҳои бузурги тарбиявӣ дошта, дар худ иқтидори ҳиссиёти эҷодӣ ва шаклҳои зебоипарастии он ҳамчун ифодакунандаи дарки эҷодӣ хизмат мекунанд [203].

Ҳангоми мушоҳида кардани кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ ё дар вақти бозӣ педагог метавонад, дар бораи ҳар яки онҳо маълумот пайдо карда, барои бартаф кардани монеаҳои равонӣ чораҳои амалӣ андешад.

Агар кӯдак аз сабабе, ки ба ӯ дар рафти машғулият кадом омиле таъсир расонад ва шуғли худро идома надиҳад, пас маълум мегардад, ки аз монеаҳо ба осонӣ баромада наметавонад. Барои ин педагог бояд ба кӯдак фаҳмонад, ки ҳар мушкилӣ роҳи ҳалли худро дорад. Ва кӯдакон дарк мекунанд, ки дар назди онҳо чанд роҳ барои расидан ба муваффаққият вуҷуд дорад. Масалан, агар кӯдак одами барфӣ тасвир карда наметавонад, бо ӯ одами барфӣ аз пластилин созед. Яъне, агар кӯдак лаёқату маҳорати тасвирӣ надошта бошад, роҳҳои дигари инкишофи эҷодӣ вуҷуд доранд ва педагог вазифадор аст, аз шаклҳо ва усулҳои инноватсионии педагогӣ истифода намояд. Агар кӯдак зуд ба фаъолият шавқашро гум кунад, ин маънои онро дорад, ки он амал барои ӯ хеле осон ё душвор аст. Педагог дарҳол бояд сабаби онро фаҳмида, вазифаи душвортар ё осонтарро барои кӯдак пешниҳод намояд. Масалан, кӯдак бояд бодирингро тасвир кунад, агар ин барои ӯ хеле осон бошад, пас пешниҳод кунад, ки шалғамро бо баргҳояш тасвир кунад. Агар ин амал барои ӯ душвор бошад, кӯдак метавонад бо ангуштони худ нуқтаҳои зиёде кашад, ки гӯё бодирингҳо дар халта ҷойгир мебошанд.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқот дар боғчаи бачагонаи №82 дар гурӯҳи №8, ки сарварии гурӯҳ ба уҳдаи мураббия Исоева Ҷумагул буд, Комилзода Фариддуни 5 сола айнан чунин амалеро, ки дар боло зикр кардем анҷом дод. Ва худ шоҳид гардидем, ки кӯдакон дар вақти иҷрои амали мушкил аз роҳи осони кор истифода мебаранд. Ва ашёро тарзе тасвир мекунанд, ки худашон дарк мекунанд ва онро мебинанд. Агар кӯдак зуд хаста шавад ва тоқати панҷ дақиқа нишастанро надошта бошад, кӯшиш кунед бо масҳ ва машқҳои варзишӣ устувории ӯро инкишоф диҳед. Барои он ки кӯдакон вазифаро фаҳманд ва онро иҷро кунанд, диққат ва қобилиятҳои онҳоро инкишоф додан лозим аст. Бозии «Чӣ тағйир ёфт?»

барои рушди қобилиятҳои кӯдакон ва диққати онҳо зарурӣ шуморида мешавад. Дар назди кӯдакон 3-4 бозичаро гузоред ва сипас як бозичаро пинҳон ё ҷойҳои онҳоро иваз кунед. Кӯшиш кунед, ки кӯдакон мустақилона амалҳоро иҷро кунанд. Бозиҳои мантиқӣ низ як навъ усули педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон ба шумор мераванд. Масалан, ба кӯдакон муроҷиат карда мегӯед: «Кӣ барои хорпушт роҳе мекашад, то ба хонааш равад?», ё «Биёед, барои моҳӣ дар аквариум бештар об кашем, вагарна онҳо ҷои шино кардан надоранд». Дар раванди фаъолияти эҷодкорӣ кӯдакон зеҳнӣ ва эҳсосӣ инкишоф ёфта, муносибат ба ҳаёт ва мавқеи худро дар он муайян мекунанд [13].

Моҳият ва хусусияти дигари фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ дар он аст, ки агар кӯдакон тасвирро то ба охир ба анҷом нарасонанд ҳам, онро метавонанд дар машғулияти минбаъда идома диҳанд. Яъне, дар лаҳзаи қатъ кардани раванди эҷодӣ тасвир мақсад ва мароми идомаи он аз байн намеравад. Илова бар ин, тасвирро кӯдакон метавонанд, аз нав дида, такмил диҳанд. Кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми офаридани тасвир хислатҳои ашёро дарк мекунад, хусусиятҳо ва ҷузъиёти хоси онҳоро дар хотир нигоҳ медоранд. Дар ин замина, маҳорату малакаҳои муайянро азхуд карда, бошуурона истифода бурдани онҳоро меомӯзанд. Муҳокимаи кори эҷодии кӯдакон дар байни гурӯҳ ба онҳо кӯмак мекунад, то ҷаҳонро на танҳо аз нуқтаи назари худ, балки аз нуқтаи назари шахсони дигар низ бинанд, андешаҳои дигаронро қабул ва дарк кунанд.

Хулоса, на ҳар кӯдак эҷодкор, рассом, ихтироъкор ё кандакори касбӣ мешавад. Бо вуҷуди ин фаъолияти тасвирӣ шарти зарурии инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва равонӣ мебошад. Кӯдакон ҳангоми хӯрокхӯрӣ ба зудӣ тарзи истифодбарии қошуқ ё вилкаро ёд мегиранд. Аммо омӯхтан ва аз худ кардани амали тасвир он қадар осон нест. Ҳар қадар кӯдакон аз хӯрдӣ ба фаъолияти тасвирӣ майлу рағбат пайдо кунанд, ҳамон қадар амалҳои онҳо мукаммалтар, саҳеҳтар ва пурратар мегарданд.

## 1.3. Нақши фаъолияти тасвирӣ дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ

Шахсони ояндасози ҷомеа бояд эҷодкор, дурандеш, ташаббускор, таҳаммулпазир ва дорои ҳиссиёти гуногуни фаъол бошанд. Инкишофи эҷодкорӣ яке аз роҳҳои сифатан баланд бардоштани қобилиятҳои бадеӣ ба шумор меравад. Ва фаъолияти тасвирӣ ба инкишофи эҷодӣ заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Нақши фаъолияти тасвирӣ барои тарбияи ахлоқӣ, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва маърифатӣ дар он аст, ки дар ин раванд дар ниҳоди кӯдакон сифатҳои ҳамидаи шахсӣ ба мисли: қобилият ва зарурати анҷом додани кори оғозшуда; машғул шудан ба кори мутамарказ ва мақсаднок; кӯмак расонидан ба рафикон; барои бартараф намудани душворихо ва ғайра тарбия карда мешаванд. Дар раванди фаъолияти дастаҷамъона, ки кӯдакон бо ҳам омада тасвир мекунанд, дар онҳо кобилияти муттахидшавӣ, анҷом додани кори дастаҷамъона ва хоҳиши ба ҳамдигар ёрӣ расондан инкишоф меёбад. Аз ин рӯ, фаъолияти тасвирӣ барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдакони синни томактабӣ аҳамияти калон дорад. Тадқиқотчиён ва пажуҳишгарони соҳаи фанҳои педагогӣ ва равоншиносӣ нақши бориз доштани фаъолияти тасвириро дар инкишофи шавку завқи эстетикӣ, баҳо додан ба зебоӣ, дарк ва пайдоиши таҷрибаи ҷамъиятию фарҳангии кӯдакон борҳо дар эҷодӣ худ нигоштаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Дубровин В.М. «Дарк кардани ҳиссиёт хислат ва сифати шахси эҷодкор мебошад» [48, С.15].

Буровкина Л.А. бар он ақида аст, ки: «Тарбияи зебоипарастӣ – ин раванди ташаккули мақсаднок дар ҷомеа, махсусан дар байни кӯдакону наврасон, бедор кардани шавқу рағбати бадеӣ-эҷодӣ, ҳисси тахайюл, қобилияти дарк кардани зебоӣ ва эҷод кардани он мебошад» [21, С.35].

Барои инкишофи тафаккури кӯдаки синни томактабӣ зарур аст, ки мафкураи онҳоро бо таассуроти гуногун ғанӣ гардонем. Шароити мусоид фароҳам оварда, ба рушди шавқ, ҳисси кунҷковӣ, мушоҳида ва қобилияти

дарки ашё мусоидат намоем, ки дар натиҷа кӯдакон дар раванди эҷодиёти худ образҳои бадеӣ эҷод кунанд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти тасвирӣ ба инкишофи рӯҳии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат карда, нуткро инкишоф медиҳад.

Ҳанӯз дар замони қадим ба санъат ва эҷодкорӣ махсусан файласуфони Юнони Қадим (Арасту, Суқрот, Гераклит, Афлотун, Пифагор) эҳтиром гузоштанд. Онҳо нақш ва моҳияти фаъолияти тасвириро барои инкишофи комилу мутаносиби инсон ва оромбахши рӯҳу бадан қайд кардаанд. Мутафаккирон ва рассомони Юнони Қадим чунин мешумориданд, ки омӯзиши расмкашӣ на танҳо барои бисёре аз ҳунарҳои амалӣ зарур аст, балки барои таҳсил ва тарбия низ муҳим мебошад.

Ба андешаи Суқрот «Тарбия кори душвор буда, беҳбуди шароити он яке аз вазифаҳои муқаддаси ҳар як инсон аст, зеро аз тарбияи худ ва наздикон дида муҳимтар чизе нест» [165].

Раванди инкишофи фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ таваҷҷуҳи педагогон ва рассомон ба мисли: Коменский Я. А., Фребел Ф., Сухомлинский А., Песталоттсий И. ва дигаронро ба худ ҷалб кардааст. Онҳо дар асарҳои худ қайд кардаанд, ки раванди фаъолияти тасвирӣ дасту чашмон ва зеҳну заковати кӯдаконро рушд мебахшад.

Фребел Ф. чунин ақида дошт, ки: «Хоҳиши кӯдак ба расмкашӣ воситаи инкишофдиҳандаи тарбия ва таълим мебошад».

И.Песталоттси омӯзиши расмкаширо дар робита бо инкишофи мушоҳида ва санъати ченкунии тасвири шаклҳои гуногун медонист.

Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакон яке аз воситаи муҳимтарини дарки ҷаҳон ва ташаккули ҳиссиёти зебоипарастӣ мебошад. Зеро, он ба фаъолияти мустақилонаи амалӣ ва эҷодии кӯдакон алоқаманд аст.

Ба андешаи мо, дар раванди фаъолияти тасвирӣ ду вазифаи ба ҳам алоқаманд ҳалли худро меёбанд:

- дар кӯдакон эҳсосу дарки олами атроф ва ҳодисаҳои ҳаётӣ пайдо мегарданд;

- маҳорат ва қобилияти тасвирии кӯдакон ташаккул меёбанд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон хурсанд гардида, муносибати некӣ ва накӯкорӣ дар онҳо пайдо мегардад.

Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ пеш аз ҳама донистан лозим аст, ки чӣ ҳавасмандии онҳоро барангезад, аз кадом амал шод мегарданд ва чӣ онҳоро ба шӯру шанг меорад.

Маврид ба зикр аст, ки кӯдакон ҳангоми бозӣ, сайру гаштҳо, машғулиятҳо ва ҳангоми муошират бо калонсолону ҳамсолон кунҷковона бисёр равишҳои маърифатиро меомӯзанд. Дар ин раванд вазифаи педагог ва шахсони калонсол аз он иборат аст, ки кӯдаконро барои пурсиши саволҳо сарзаниш накарда, балки шароит фароҳам оваранд, то онҳо ба саволҳои худ (чаро ва чӣ тавр) ҷавобҳо пайдо кунанд.

Тавре ишора кардем, кӯдакони синни томактабӣ мушоҳид ва муҳаққиқони олами гирду атроф мебошанд. Дар синни калонсолии томактабӣ фаъолияти омӯзишии онҳо ба сатҳи дигар гузашта, ба фаъолияти махсуси дорои ангезаҳои маърифатӣ ва бошуурона табдил меёбанд.

Маҳз дар ҳамин айём кӯдакони синни томактабӣ ба омӯхтан ва донистани бештар шавқу рағбат дошта, хулоса ва хулосабарориро ёд мегиранд. Мушоҳидакор ва таваҷҷуҳи бештар ба ҳама ашёи барои онҳо номаълум доранд. Дастгирӣ ва шароит муҳайё кардан барои амалҳои дар боло зикр гардида, барои ояндаи кӯдакон манфиатовар мебошанд.

Муҳаққиқ Ветгулина Н.А. чунин мешуморад, ки бо кашф кардани чизи нав кӯдакон дар бораи худ чизи навро кашф мекунад. Дар ин раванд муносибат ба эҷоди кӯдакон бояд хислати педагогӣ дошта бошад. Ҳангоми баҳодиҳии эҷоди кӯдакон на ба натиҷа, балки ба раванди фаъолият таваҷҷуҳ додан лозим аст [14, С.7].

Асосан мафҳуми «инкишофи кӯдакон» бо мафҳумҳои омӯзиш, зеҳн ва эҷодӣ дар як радиф меистанд. Аз ин рӯ, ҳангоми машғулиятҳо вазифаҳои умумии ташаккули кӯдаконро ба назар гирифтан лозим аст. Доир ба сохтори олами атроф маълумоти зиёде, ки диққати кӯдаконро ҷалб кунад пешкаши онҳо бояд кард.

Барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикр гардида, нақши фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи равонии кӯдакон хеле калон аст. Фаъолияти тасвирӣ дар баробари фаъолияти воқеии бозӣ барои мақсадҳои психотерапевтӣ низ васеъ истифода мешавад. Ин ҳолат моро водор мекунад, ки ба ин намуди фаъолияти кӯдакон беэътино ва бетараф набошем.

Ба андешаи Кавера В.А. «Калонсолон барои кӯдакон ҳамчун миёнарав барои аз худкунии фарҳанги маънавӣ хидмат мекунанд, ки бе он инкишофи шахсияти кӯдак вуҷуд надорад» [66, С.12].

Таҷриба собит намуд, ки калонсолон зимни таълиму тарбияи кӯдакон ба ҳайси миёнарав адои хизмат мекунанд,то ки барои аз бар намудани фарҳанги маънавӣ ба онҳо кӯмак расонанд.Чунон ки бидуни ин дар боби сабзишу камолоти кӯдак ҳарфе набояд гуфт.

Умуман дар баъзе мавридҳо саволҳое ба мисли: «Чаро кӯдак ба расмкашӣ шурӯъ мекунад? Чӣ кӯдакро водор мекунад, ки дар як пораи коғаз ё реги тар хат кашад?» пайдо мешаванд, ки моро бетараф намегузоранд.

Ҳанӯз муҳаққиқи машҳур Генрих Кергенштейнер дар асари худ «Инкишофи қобилиятҳои тасвирӣ», ки соли 1905 нашр шудааст, 4 марҳилаи инкишофи тасвирии кӯдаконро нишон додааст:

1. Синни 1,5 - 2 солагӣ – пайдоиши диққат ба қалам ва ашёҳои гирду атроф.
2. Синни 3 солагӣ - дар кудакон пайдоиши образҳои тасвирӣ.
3. Синни 4-5 солагӣ – ифоданок офаридани тасвирҳо.

4. Синни 6-7 солагӣ - кӯдакон ашёро бо сифатҳое тасвир мекунанд, ки воқеан мебинад.

Фаъолияти тасвирӣ ба рушди кӯдакон ва ҷанбаҳои эҳсосии онҳо таъсир расонида, ҳамчун воситаи ифодаи қобилиятҳо баромад мекунад.

Марҳалаи якуми инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон аз лаҳзаи бори аввал ба даст гирифтани маводи аёнӣ, яъне коғаз, қалам, пораи гил ва ғайра пайдо мешавад. Дар илми педагогика ин давраро «пешбинишаванда» меноманд, зеро то ҳол тасвири амиқ, нақша ва хоҳиши тасвири чизе вуҷуд надорад. Вале ин давра дар инкишофи минбаъдаи қобилияти эҷодии кӯдакон нақши бориз дорад. Кӯдакон дар ин раванд бо хосиятҳои мавод шинос шуда, ҳаракатҳои гуногуни дастиро, ки барои сохтани шаклҳои тасвирӣ заруранд, азхуд мекунанд.

Агар мавод бори аввал ба дасти кӯдакони синни 5-6 сола афтад, онҳо базудӣ идеяро инкишоф дода, тасвирҳои маънодор меофаранд. Бо пайдоиши тасвири бошууронаи ашё давраи ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ оғоз меёбад. Яъне, фаъолият эҷодкорона мегардад.

Гриник Д.В. чунин мешуморад, ки: «Фаъолияти тасвирӣ, ки воситаи инкишофи маърифатии кӯдакон мебошад, имкон медиҳад, то қобилияти субъекти фаъолият ва қобилияти шахс дар маҷмӯъ инкишоф ёбанд. Фаъолияти тасвирӣ аввалан, ба инкишофи амалиёти зеҳнӣ ё ба таври дигар, воситаҳои амалии қобилиятҳо мусоидат мекунад, дуюм, воситаҳои танзими шахсиятро фаъол месозад, ки дар маҷмуъ ҳамгироии омилҳои танзимкунандаи шахсият ба амал меоянд»[37,С.8].

Ишора бояд кард, ки аз маҳорати педагогии таълимдиҳанда салоҳияти дуруст ба роҳ мондани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ вобатагии калон дорад. Педагог ё мураббӣ бояд аз олами санъати рассомӣ хуб огоҳ бошад. Бояд донад, ки рассом барои офаридани симои бадеӣ аз кадом воситаҳои ифоданок истифода мебарад ва маънои расм кашидаи рассом дар чист.

Асари рассом фаъолияти муайянест, ки объектҳои нави табии ба вуҷуд меоварад, ки аҳамияти ҷамъиятӣ доранд. Фаъолияти рассом бо офаридани асарҳои бадеӣ алоқаманд аст, ки ҳаёти атрофро инъикос мекунад. Рассом он чизеро, ки дар шуури худ дарк ва эҳсос мекунад, кор карда ва сипас онро бо образҳои бадеӣ омехта дар шакли тасвир ба тамошобин пешкаш мекунад.

Шарти зарурии фаъолияти эҷодии рассом мавҷудияти қобилият ва маҳорат дар ин намуди санъат мебошад, зеро дар акси ҳол рассом образҳои пешбинишударо ба шакли воқеӣ тасвир карда наметавонад.

Раванди эҷодии ҳар як шахс ба таври худ сурат мегирад. Ба таври дигар эҷоди бадеӣ раванди мураккаби дарк ва инъикоси образноки воқеияти атроф мебошад.

Профессор ва психолог Илин И.Е. дар китоби худ «Психологияи эҷодкорӣ» менависад, ки: «Эҷодкорӣ фаъолияти самараноки равонӣ буда, шахс тавассути ҳалли баъзе ихтилофҳои дохилӣ ба натиҷаҳои нав ноил мешавад»[62, С.11].

Кӯдакон, ки дар раванди ҳаёт бо олами атроф шинос мешаванд, кӯшиш мекунанд, ки ашёи дидаи худро дар фаъолияти ҳаррӯза истифода намоянд. Дар ин раванд фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон имкониятҳои фаровон фароҳам меорад, то онҳо таассуроти худро дар бораи ҷаҳони атроф инъикос кунанд, тасвирҳои хаёлотро интиқол диҳанд ва онҳоро бо ёрии мавод дар шаклҳои гуногун таҷассум кунанд. Ба кӯдакон дарк ва дидани олами  атрофро омӯзондан яке аз вазифаҳои мураббӣ ва педагог мебошад. Инкишоф додани мушоҳида дар кӯдакон имкон медиҳад, ки қобилияти эҷодии онҳо сайқал ёфта, барои боз ҳам дақиқтар тасвир кардани ашё кӯмак расонад. Яъне, дар кӯдакон қобилияти фикр ва таҳлил кардани хусусияти ашё пайдо мегардад. Ба маънои дигар дар кӯдакон сатҳи тафаккури таҳлилӣ-ҷамъбастӣ бештар инкишоф меёбад, ки барои раванди тасвир муҳим арзёбӣ мегардад.

Нақши тахайюл ва шартҳои эҷодӣ (мустақилият ва ташаббус) низ барои рушди эҷоди кӯдакон ва ифодаи муосирии онҳо зарурӣ мебошанд. Аз ин рӯ, эҷоди кӯдаки синни томактабӣ бо кори тасаввурот, фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки ранг дар фаъолияти тасвирӣ воситаи муҳими ифодаи ғояи бадеӣ ва мазмуни асар мебошад. Ба воситаи ранг тасвирҳо шакли дигар гирифта, мазмун ва муҳтавои он тобиши дигар мегиранд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки тасвири ашёи ҳаракаткунанда дар раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ, то андозае мушкилтар ба назар мерасид. Агар ба кӯдакони синни 6-7 сола ин амал, то ҷое даст диҳад ҳам, барои кӯдакони дигар тасвири ашёи ҳаракаткунанда душвортар менамояд.

Эҷоди кӯдакон бо истифодаи воситаҳои композитсия, пеш аз ҳама ба зарб ва мутаносибӣ хос аст. Онҳо барои ифшои симо ва мақсади тасвири кӯдакон мусоидат менамоянд. Зеро, кӯдакон, ки ҳанӯз маҳорати санъати тасвириро азхуд накардаанд, муҳим арзёбӣ мегарданд.

Ба андешаи педагог Груздова И.В. «Тафаккури эҷодии шахс дар чунин сифатҳо ба монанди: чандирӣ, озодӣ, амиқӣ, набудани маҳдудияту қолабӣ ва ҳаракатнокии равандҳои фикрӣ зоҳир мешавад» [38, С.13].

Шартҳои асосии фаъолияти эҷодӣ ин чандирии тафаккур (қобилияти тағйир додани қарорҳо), танқидӣ ва дар баъзе ҳолатҳо аз худ розӣ нагардидан (даст кашидан аз амалиётҳои бесамар) мебошанд.

Барои интишори таҷрибаи эҷодӣ нақшаҳои махсусеро тарҳрезӣ кардан лозим аст, ки ҳалли эҷодиро талаб мекунанд.

Дигар шарти инкишоф додани эҷоди кӯдакони синни томактабӣ ин гуногун будани услуби санъати тасвирӣ ва нақшу нигори ороиши истифодашаванда мебошад. Барои иҷрои ин шарт ба кӯдакон барои иҷрои вазифаҳо дар раванди фаъолияти тасвирӣ пешниҳоди маводҳои гуногун мебошад. Ба мисли: қаламҳои оддӣ, ранга, акварел, гуаш, фломастер ва ғайра.

Дар ҳар як ҳолат интихоби маводи бадеӣ тибқи вазифаҳои мушаххас бояд муайян карда шавад. Дар аввал мураббӣ ё педагог ба кӯдакон ин ё он маводи бадеиро пешниҳод месозад. Ин ҳолат ҳисси кунҷкобии онҳоро бедор карда, ба андешидан водор месозад. Ва тадриҷан кӯдакони синни томактабӣ қобилияти мустақилона интихоб кардани маводи бадеии мувофиқро барои татбиқи идея азхуд мекунанд.

Ба ақидаи баъзе коршиносон, фаъолияти тасвирӣ маъно ва равишҳои махсуси биологӣ дорад. Айёми кӯдакӣ давраи инкишофи босуръати амалҳои физиологӣ ва равонӣ мебошад. Дар баробари ин расмкашӣ яке аз воситаҳои такмили ҷисм ва ҳолатҳои равонӣ мебошанд.

Дар солҳои аввали ҳаёти кӯдак рушди босира ва малакаҳои таҳлилӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии онҳо махсусан муҳим арзёбӣ мегарданд. Аввалин расмҳои кӯдакона, ки дар ин вақт пайдо мешаванд, албатта, хаттӣ мебошанд. Нақши фаъолияти тасвирӣ дар ташаккули азхудкунии шаклҳо, ҳамоҳангсозии амалҳои дарк ва таҳлил муҳим мебошад.

Равоншинос Шапатина О. В. дар китоби худ «Психологияи рушд ва психологияи синну солӣ» менависад, ки: «Хотира дар синни томактабӣ ба раванди ташаккули шахсият ҳамроҳ мешавад. Солҳои сеюм ва чоруми ҳаётӣ солҳои аввалин хотираҳои кӯдакӣ ба шумор мераванд. Маҳз дар ҳамин давра ҳиссиёт ва доираи фаҳмишҳо пайдо гардида, худшиносӣ ташаккул меёбад» [190, С.97].

Ба ақидаи равоншиносон фаъолияти тасвирӣ иштироки ҳамоҳангшудаи бисёр амалҳои равониро талаб мекунад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ тафаккури мушаххасу бадеӣ, ки асосан бо кори нимкураи рости майна алокаманд аст, инчунин тафаккури истисноӣ-мантиқӣ, ки барои он нимкураи чап масъул аст, мутобиқ карда мешавад.

Шиносоии кӯдакон бо муҳити зист нисбат ба таҳлил ва нутқ зудтар ба вуҷуд меояд. Расмкашӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки бо вуҷуди кам будани базаи луғавӣ он чизеро, ки медонад ва аз сар мегузаронад, ба таври тимсолӣ дар тасвир баён кунад. Расмкашӣ бевосита бо муҳимтарин

вазифаҳои равонӣ - дарки тасвир, ҳамоҳангсозии ҳаракат, сухан ва тафаккур алоқаманд буда, на танҳо ба рушди ҳар яке аз ин вазифаҳо мусоидат мекунад, балки онҳоро ба ҳам мепайвандад. Ва ба кӯдакон барои ба тартиб даровардани донишҳои зуд азхудшуда ва ташаккул додани фикру ақидаҳо кӯмак мекунад.

Психолог Михайличенко В. Е. дар китоби худ «Психологияи рушди шахсият» менависад, ки: «Ташаккули шахсият раванди муттасил буда, аз як қатор марҳилаҳои пай дар пай тағйирёбанда иборат аст, ки хусусиятҳои сифатии онҳо ба шароит ва ҳолати мушаххас вобаста аст» [115, С.97].

Кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ на танҳо ашё ё падидаҳои дигарро тасвир мекунад, балки муносибати худро ба ашёи тасвиршуда ба воситаҳои дар доираи иқтидори худ, ифода мекунанд. Аз ин рӯ, раванди фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакон бо баҳодиҳии он чизе, ки ӯ тасвир мекунад, алоқаманд аст. Дар натиҷа дар кӯдакон ҳисси зебописандӣ пайдо гардида, ба ин васила онҳо муҳитро меомӯзанд.

Нақши фаъолияти тасвирӣ дар ҳалли масъалаҳои тарбияи зебоиписандӣ аҳамияти калон дорад, зеро аз рӯи табиаташ фаъолияти бадеӣ мебошад.

Ворид гардидани таҷҳизоти электронӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти ҳаррӯза раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабиро то андозае пастсифат намудааст. Чунки, таваҷҷуҳи кӯдакон ба зебогиҳои табиат ва муҳити атроф кам гардида, дарки ҳиссиёти зебоиписандӣ коҳиш ёфтааст.

Агар имрӯзҳо ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса надиҳем, дар оянда садди роҳи ин равандро гирифтан ба маротиб душвор мегардад.

Дар кӯдакон тарбияи муносибати зебоиписандӣ ба муҳити зист, қобилияти дидан ва эҳсос кардани зебоӣ ва ташаккул додани завқи бадеӣ аз манфиат холӣ набуда, барои рушди шахсияти онҳо манфиатовар мебошад.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки маҳз усулҳои тасвирӣ ва фазои мусоид озодиро ба вуҷуд меоранд, ки кӯдакон ташаббусу

мустақилиятро инкишоф дода, муносибати эҳсосотӣ дар онҳо пайдо гардад. Ба таври дигар фаъолияти тасвирӣ-аёнӣ ба инкишофи дарк, тафаккури фазоӣ ва завқи бадеӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти тасвирӣ-аёнӣ дар худ расмкашӣ, моделсозӣ, гулмонӣ ва тарҳрезиро дар бар мегирад. Ҳар яке аз ин намудҳо барои ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ нақши бориз доранд.

Олими олмонӣ Фридрих А. В. дар бораи санъати тасвирӣ чунин андеша дорад, ки: «Касе, ки ба фаъолияти тасвирӣ машғул аст, дар як соат бештар эҳсосот мегирад, назар ба он касе, ки танҳо нуҳ соат тамошо мекунад» [53].

Расмкашӣ яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи кӯдакон буда, барои зуҳури фаъолияти эҷодии онҳо доираи васеъ фароҳам меорад. Дар фаъолияти эҷодии кӯдакон мавзуи расмҳо метавонад гуногун бошад.

Машғулиятҳо ҳангоми фаъолияти тасвирӣ ғайр аз иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ воситаи муҳими инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон ба шумор меравад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ, моделсозӣ ва гулмонӣ чунин сифатҳои арзишманди шахсият ба монанди фаъол будан, мустақилият нишон додан ва ташаббускорӣ ташаккул меёбанд, ки ҷузъҳои асосии фаъолияти эҷодӣ ба шумор мераванд.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ хотираи тасвирии кӯдакон фаъолона ташаккул меёбад. Хотираи инкишофёфта шарти зарурии шинохти бомуваффақияти воқеият мебошад, зеро ба шарофати равандҳои хотира, аз ёдкунӣ, шинохтан, таҷдиди ашё ва падидаҳо ба амал меояд.

Нақши эҳсосии босира барои фаъолияти тасвирӣ ва амалисозӣ аҳамияти калон доранд. Барои кашидани расм ва тасвири кардани ашё танҳо дидан ва шинохтани он кофӣ нест. Тасвири объект тасаввуроти возеҳро дар бораи ранг, шакл ва тарҳи он тақозо дорад, ки рассом дар натиҷаи мушоҳидаҳои пешакии мақсаднок ба даст оварда метавонад.

Моҳият ва нақши фаъолияти тасвирӣ пеш аз ҳама барои инкишоф додани қобилиятҳои эҷодии кӯдакон мебошад. Таассуроте, ки кӯдакон аз ҳаёти атроф мегиранд, мазмуни асосии ин фаъолият мебошанд. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон муносибати худро ба ашёи тасвиршуда муқаррар мекунанд, ки зина ба зина дониш дар бораи ҷаҳони атроф равшан ва комил мегардад.

Фаъолияти тасвирӣ аз сабаби гуногунии тасвири ашё моҳияти бузурги маърифатӣ, тарбиявӣ ва рушди равандҳои равониро дорад [12,С.4].

Бояд тазаккур дод, ки дар раванди машғулиятҳо ҳангоми кор бо ашёи гуногун маҳорат ва малакаҳои кӯдакони синни томактабӣ пайдо гардида, қобилиятҳои эҷодкорона ва истифода бурдани ин сифатҳо дар раванди тасвири предмету ҳодисаҳои воқеӣ инкишоф меёбанд.

Тавре қайд кардем, фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакон, пеш аз ҳама аз нуқтаи назари равонӣ муҳим аст. Ҳар амале, ки ҳангоми фаъолияти эҷодӣ кӯдакон мекунанд, ҳам аз тарафи мураббию омӯзгор ва ҳам аз тарафи падару модарон бояд дастгирӣ ёбанд. Тасвирҳое, ки кӯдакони синни томактабӣ ба анҷом мерасонанд, набояд дар пеши назари ӯ нодидагирӣ сохт. Бе истисно ҳамаи тасвирҳои кӯдаконро нигоҳ доштан ҳам намешавад, вале ҳамин корро тавре роҳандозӣ намудан лозим аст, ки натиҷаҳои эҷодӣ дар пеши назари кӯдакон бартарият дошта бошанд.

Роҳи хуби бардоштани рӯҳияи кӯдак ин дар футболка ё дар зарфе, ки ӯ обу чой менӯшад, чоп кардани тасвир мебошад. Кӯдак аз ин амал хурсанд гардида, барои боз ҳам пурмазмун офаридани тасвир кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Фаъолияти тасвирӣ бо муҳимтарин вазифаҳои равонии кӯдакон - дарк, ҳамоҳангсозии ҳаракат, тарзи сухан ва тафаккур алоқаманд аст. Кӯдакон ин амалҳоро дар раванди фаъолияти тасвирӣ инкишоф дода, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд ва ба онҳо дар ташкили ғояҳо барои фаҳмиши ҷаҳон кӯмак мекунад.

Равоншиносон ба он назаранд, ки фаъолияти тасвирӣ муҳимтарин самти тамоми равандҳои биологӣ ва иҷтимоии фард дар ҷамъият буда, он роҳи мувозинати инсон бо ҷаҳон дар лаҳзаҳои муҳим ва масъулиятноки ҳаёт мебошад [16].

Дар фаъолияти тасвирӣ кӯдакони синни томактабӣ таҷрибаҳое, ки онҳо ҳангоми дигар фаъолиятҳо ба даст меоранд, истифода мебаранд. Мазмуни тасвирҳо арзишҳои оила, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдаконро инъикос мекунанд. Тасвирҳои кӯдакон бо мурури замон ва синну сол тағйир ёфта, аз якчанд марҳила мегузаранд. Дар аввал тасвирҳои кӯдакона мустақим ва эҳсосотӣ мебошанд, баъдан бо дарёфти таҷрибаҳо тасвирҳо мукаммалтар шуда, мазмуни мушаххасро пайдо мекунанд. Масалан, пас аз тамошои боғи ҳайвонот ё рафтан ба ҷойҳои таърихию фарҳангӣ тасвирҳои кӯдакон тобиши дигарро ба худ касб карда, пурмаъно мешаванд. Сарфи назар аз асолати худ, тасвирҳои кӯдакон ба тахайюли дохилии онҳо вобастаанд. Тасвирҳои графикӣ ё намунаҳо барои кӯдакон ҳаргуна қабул ва дониста мешаванд. Яъне, ҳар як кӯдак бо истифода аз тахайюли худ ашёро тасвир мекунад. Тавре гуфтем, тасвирҳои духтарон аз писарон бо тарзу услуби худ фарқ мекунанд. Духтарон бештар эҳсосотӣ ҳастанд, ба ҷузъиёти майда ҳам бошад диққат медиҳанд, ашёро бештар оро медиҳанд. Писарон бошад тарзи сохтани мазмун ва тағйир додани шакли умумиро афзалтар медонанд.

Фаъолияти тасвирӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат намояд ҳам, ба рушди зеҳнии онҳо таъсирҳои гуногун мерсонад. Дар синни томактабӣ тафаккури кӯдакон на он қадар васеъ аст. Ҳар қадар ҷаҳонбинии кӯдакон васеъ шавад, ҳамон қадар тахайюл ва симоҳои нав дар тасвир офарида метавонад ва ба ин васила қобилиятҳои зеҳниву амалиёти равонии ӯ беҳтар инкишоф меёбанд.

Бояд қайд кард, ки қавитарин ангезаи рушди кӯдакон эҷодкорӣ аст. Аммо волидайн аксар вақт бозиҳову фаъолиятҳои эҷодиро беаҳамият ва бемуфоида ҳисобида, онҳоро бо ғамхории зиёду рушди хотираи бешуурона

иваз мекунанд. Ин гуна муносибат ба омӯзишу равандҳои табиии инкишофи равонӣ мухолиф аст. Ёдовар бояд шуд, ки хусусияти беназири тафаккури инсон - эҷодкорӣ дар давраи кӯдакӣ ва дар фаъолияти эҷодӣ инкишоф меёбад. Фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки тасвирҳои зиёде эҷод кунад, онҳоро бо хоҳиши худ тағйир диҳанд ва робитаҳои ҳамоҳангии онҳоро ҷустуҷӯ кунанд. Ҷустуҷӯи ҳамоҳангӣ ва тавлиди тасвирҳо яке аз сарчашмаҳои инкишофи тафаккур буда, боиси рушди зеҳнии онҳо мегардад. Бо шарофати ҳамоҳангӣ, тахайюл ва инкишофи зеҳнӣ кӯдакон таҷрибаи гузаштаро коркард карда, байни тасвирҳои офаридашуда робитаҳои нав эҷод мекунанд. Дар тафаккур чунин робитаҳо ҳар қадар бештар ба вуҷуд оянд, ҳамон қадар тахайюл беҳтар инкишоф меёбад.

Ба андешаи муҳаққиқ Сулейманян А. Г. «Дар фаъолияти тасвирӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои чунин амал қобилияти дарки тасвир ва тасвири графикии ашё бо қисматҳои муайяни он мебошад» [169,С.8].

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ тахайюл маҳаки асосӣ барои инкишофи эҷодӣ шуморида мешавад. Он ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар тасвир чизи навро ихтироъ ва эҷод кунанд. Дар фаъолияти тасвирӣ тахайюл бояд хеле хуб инкишоф ёбад, зеро кӯдакон пеш аз он ки ашёро тасвир кунанд, муфассалтар фикр мекунанд. Он чизе, ки кӯдакон метавонанд ба коғаз интиқол диҳад, маҳз ба воситаи тахайюл анҷом медиҳанд. Кӯдакони синни томактабӣ аксар вақт дар расмҳои худ назар ба он чизе, ки кашида шудааст, бештар мебинанд. Яъне, хаёл мекунанд, ки чизи ба тасвир дода фарогири тамоми тахайюли онҳо мебошад. Ва дар бораи расмҳои худ ҳикояҳои гуногун эҷод мекунанд.

Нақши фаъолияти тасвирӣ барои рушди ақл, тарзи муносибат ва нутқ саҳми бендоза дорад. Аксар вақт ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдакон ҳар он чӣ ки тасвир мекунанд, дар бораи он бо забон нақл мекунанд ва онро шарҳ медиҳанд. Ҳангоми шарҳдиҳӣ кӯдакон қаҳрамонони тасвиркардаи худро мисли драма ё намоиш тасаввур мекунанд. Ва дар бораи ҳаракатҳои

минбаъдаи худ накл мекунанд. Нақши волидайн дар ин раванд дар он аст, ки бояд ҳикояҳои кӯдаконро бодиққат гӯш кунанд ва саволҳо барои идомаи тасвир бидиҳанд. Дар ҳолати фаъолияти тасвирӣ сухан гуфтани кӯдакон ба мисли: «ҳоло ман бо қалами сиёҳ инро мекашам баъд бо қалами гулобӣ ранг мекунам ва каме об меандозам» ба кӯдак кӯмак мекунад, ки аз амалҳои минбаъдаи худ огоҳ бошад ва онҳоро ба фаъолият беҳтар ҳамоҳанг созад. Дар навбати худ, нақши нутқ дар фаъолияти тасвирӣ барои ташаккули шахсияти кӯдакон калон мебошад.

Муҳаққиқ Рыжова Н.В. чунин мешуморад, ки «Фаъолияти тасвирӣ на танҳо ба рушди нутқ ва эҷодкорӣ, балки ба инкишофи шахсияти кӯдак мусоидат мекунад» [146, С.17].

Тадқиқотчиёни эҷоди кӯдакон иддао доранд, ки ҳангоми фаъолияти тасвирӣ «хомӯш тасвир кардан»-и кӯдакон инкишофи эҷод, маҳорат, тафаккур, тахайюл ва зеҳну заковат назар ба сухан гуфтану шарҳ додани тасвир камтар инкишоф меёбанд. Як ҷо бо калонсолон ташкил кардани фаъолияти тасвирӣ ба таҳкими алоқаи эҳсосӣ, муошират ва ғанӣ гардонидани нутқ мусоидат мекунад.

Фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши муҳим ва муассир мебозад. Шарти зарурии қобилияти тасвир кардан дарки олами атроф мебошад. Аз ин рӯ, барои тасвир кардани ягон ашё бояд бо он шинос шуда, андоза, ранг ва шакли онро дар хотир нигоҳ дошт.

Фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имконият фароҳам меоварад, то инкишофи фикр, таҳлил, тахайюл ва тарзи муқоисаи ашёро омӯзанд. Инчунин, он ба азхудкунии нутқи мураттаб, ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва инкишофи малакаҳои ҳиссӣ мусоидат мекунад. Вусъати захираҳои дониш, малака, мушоҳида ва муқоиса ба инкишофи зеҳнии кӯдакон таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, таҳаммулпазирӣ ва зебописандӣ инкишоф

меёбанд. Кӯдакон қобилияти диққат додан, кори оғозкардаашонро ба анҷом расонидан, душвориҳо бартараф кардан ва дастгири дигарон буданро аз худ мекунанд. Рушди ҷисмонии кӯдакон тезтар сурат мегирад, зеро фаъолияти тасвирӣ ҳаракатҳои фаъоли кӯдакон ва сайру гашти мунтазам дар ҳавои тозаро талаб мекунад.

Нақши фаъолияти тасвирӣ барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон калон мебошад. Бисёр файласуфон ва педагогҳои бузург моҳияти фаъолияти тасвириро дар таълим ва тарбия баҳои баланд додаанд. Э.Крамер фаъолияти тасвириро барои рушди зеҳнӣ ва ташаккули шахсияти баркамол таъкид карда буд[64]. В.Лоунфелд санъати тасвириро фаъолияти зеҳнӣ меномад. Рассом-педагоги машҳури рус Чистяков П. навишта буд: «Рассом эҷодиёти худро ба намоиш гузошта, ҳам худаш ва ҳам дигаронро таълим медиҳад. Ҷомеа онҳоро нигоҳ карда, барои худ манфиат мебаранд» [184].

Тарбияи завқи бадеӣ ва зебоипарастӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти томактабӣ пешбинӣ шудааст. Ба хусусияту сифатҳо фаъолияти тасвирӣ шинос намудани кӯдакон вазифаи аввалиндараҷаи мураббиён ва педагогон ба шумор меравад.

Кӯдакон аз синни хурдӣ ба расмкашӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тарбтибдиҳӣ шурӯъ мекунанд. Дар синни яксолагӣ онҳо аввал бо қалам, коғаз, ранг, пластилин шинос мешаванд. Кӯдакони ин синну сол бо қаламу коғазҳо бо тааҷҷуб назар мекунанд. Танҳо бо мурури замон онҳо дарк мекунанд, ки қаламҳои ранга дар рӯи коғаз нишоне мегузоранд. Яъне, оҳиста-оҳиста мефаҳманд, ки бо ёрии қалам тасвир кардан мумкин будааст. Тасвири кӯдакон хислати пурмазмун надоранд. Онҳоро худи раванди пайдо шудани нуқтаю хатҳо дар рӯйи коғаз, варақ, садо, ранги қалам ва равшании доғи ранг ба худ чалб мекунад. Танҳо бо пайдоиши дарки он, ки тасвирҳо дар бораи чизе нақл карда метавонанд, дар шуури кӯдакон мафкура пайдо мешавад. Масалан, доғи сурхи ранг шабоҳати гул, ранги

кабуд ба осмон ва ранги сиёҳ монанди шаби торро дорад. Марҳилаи тасвирии эҷоди кӯдакон дар синни 2,5-3 солагӣ оғоз мешавад. Кӯдакон манзараҳое тасвир месозанд, ки дар онҳо дидани симои аслии пешбинишуда на ҳамеша имконпазир аст. Баробари аз худ кардани техникаи гуногуни расмкашӣ, шаклҳои қисматҳо беҳтар мегарданд ва дар эҷоди кӯдакон мазмун пайдо мешавад.

Воситаҳои гуногуни тасвирӣ метавонанд, барои коҳиш додани аз ҳад зиёди эҳсосии кӯдакон, ки ба рӯҳу равони онҳо таъсирҳои манфӣ мерасонанд, кӯмак намоянд [39, С.3].

Барои инкишофи эҷодӣ ба кӯдакон дониш, таҷриба ва маҳорату малака лозим аст. Сифати пешбари қобилиятҳои фаъолияти тасвирӣ тасаввуроти эҷодӣ мебошад. Тасаввурот ин қобилияти ақл барои эҷод кардани тасвирҳо мебошад. Ҳаёти муосир аз шахс мутобиқшавии зуд ба шароити тағйирёбанда, муносибати эҷодӣ ба масъалаҳои гуногун ва тафаккури эҷодӣ дар ҳама гуна вазъиятро талаб мекунад. Инкишофи тасаввуроти эҷодии кӯдакон омили пешбари қобилиятҳои фаъолияти тасвирӣ ба шумор рафта, ба рушди зеҳнӣ зич алоқаманд аст. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ чунин амалиётҳои ақлӣ, аз қабили муқоиса, ҷамъбаст, таҳлил ва таснифот иштирок мекунанд.

Тахайюл дар кӯдакон аз синни 2 солагӣ инкишоф меёбад. Таҷриба ғанӣ гардида, ҷаҳонбинӣ васеъ, амалҳо мураккабтар ва тахайюл ҳамон қадар фаъолтар инкишоф меёбад. Дар синни 4-5 солагӣ дар кӯдакон тасаввуроти эҷодӣ пайдо мегардад. Онҳо ҳикояҳо эҷод мекунад, ва қаҳрамонҳоро барои худ интихоб мекунанд, инчунин, бозиҳои навро низ ихтироъ мекунад.

Барои дар кӯдакон ташаккул додани идеяҳои эҷодӣ бояд бештар ба онҳо мураббӣ ё педагог ҳикояҳо, филмҳои хусусияти тарбиявидошта, намоиши тасвирҳову саҳнаҳо ва сайру гаштҳоро роҳандозӣ намояд. Дар ин раванд кӯдакон мавзӯи муҳимтарине, ки дар хотири онҳо нақш мебандад, барои тасвир интихоб мекунад. Мавзуи тасвири оянда метавонад аз

ҷониби кӯдак ё педагог муайян карда шавад. Дар ин марҳила раванди эҷодӣ ва доираи маърифатии кӯдакони синни томактабӣ васеъ мешаванд.

Фаъолияти тасвирӣ бо иҷрои ҳаракатҳои гуногуни шаклсозӣ ба инкишофи маҳорати дастҳо ва ташаккули тафаккур таъсир мерасонанд.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳӣ кӯдакон дар асоси ашёи даркшуда ва таҷрибаи азсаргузаронӣ тасвир эҷод мекунанд. Масалан, кӯдакон ҳеҷ гоҳ паррандаи афсонавиро надидаанд, вале дар табиат паррандагони гуногунро мушоҳида намудаанд, инчунин, афсонаҳо дар бораи онҳо гӯш кардаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тасвири паррандаи заррин кӯдакон бо истифода аз тахайюли худ он образро меофаранд.

Тавре дар боло қайд кардем фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ як фаъолияти бадеӣ ва эҷодие мебошад, ки на танҳо ба инъикоси таассуроти дар ҳаёт гирифташуда, балки ифодаи муносибати онҳо ба тасвиршуда нигаронида шудааст.

Фаъолияти тасвирии бошуурона дар синни томактабӣ ташаккул меёбад ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиро аз ҷониби кӯдак таъмин мекунад.

Фаъолияти тасвирӣ яке аз намудҳои ҷолибтарин ва маҳбубтарин дар синни томактабӣ мебошад. Ин фаъолият кӯдаконро ба ҳаяҷон оварда, эҳсосоти мусбатро дар онҳо бедор мекунад. Фаъолияти тасвирӣ ба шахсияти кӯдак таъсири калон расонда, хусусиятҳои идрок, тасаввурот, хотира ва нутқро инкишоф дода, сифатҳои ахлоқии кӯдакро тарбия мекунад. Инчунин, барои зуҳури фаъолияти эҷодии онҳо доираи васеъ фароҳам меорад. Мавзуи расмҳо метавонад гуногун бошад. Кӯдакон ҳама чизеро, ки ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд, мекашанд.

Ҳар як кӯдаки зирак ва қобил табиатан эҷодкор аст. Ва имкониятҳои эҷодии ӯ дар ҳолати ниҳонӣ қарор доранду на ҳамеша пурра амалӣ мешаванд [105, С.3].

Барои бедор кардани шавқу завқ ва дар қалби кӯдакони синни томактабӣ ҷой намудани меҳру муҳаббат ба фаъолияти тасвирӣ аз усулҳои гайрианъанавӣ истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан, дар аввал бо истифода аз ҷадвалҳои хаткашӣ тасвир намудани шаклҳои геометрӣ(тасвири секунҷа, чоркунҷа, ситора ва ғайра), бо қолаб навиштани ҳарфҳову рақамҳо ё аз қум сохтани қасрҳову хонаҳо ва амсоли инҳо. Чунин раванди фаъолият ба кӯдакон таассуроти мусбӣ бахшада, имкони истифодаи ашёи шиносро ҳамчун маводи бадеӣ дар тасвирҳои минбаъда таҳким мебахшад.

Шартҳои асосии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ин аёният мебошад. Кӯдакон бояд ашё ва предметҳоеро, ки тасвир карданӣ ҳастанд, донанд, бубинад ва эҳсос кунанд. Ва дар бораи онҳо тасаввуроти возеҳ ва дақиқ дошта бошанд, танҳо баъд аз ин кӯдакон метавонанд ба тасвири шинос ҷузъиёти ҷадид ворид кунанд.

Фаъолияти тасвирӣ танҳо дар ҳамон вақт хислати эҷодӣ пайдо карда метавонад, ки дарки зебоипарстӣ, тафаккури офаранда ва тахайюл дар кӯдакон инкишоф ёфта, маҳорату малакаҳои зарурии офаридани симоро азхуд кунанд.

Раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ ба ягонагии усулҳои ҷолиби фаъолият асос ёфта, дар азхудкунии дониш, қонунҳо ва қоидаҳо санъати тасвирӣ барои инкишофи эҷодии кӯдакон имконият фароҳам меорад [44, С.3].

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ мушоҳида, дарки зебоипарастӣ, эҳсосоти мусбӣ, завқи бадеӣ, қобилияти эҷодӣ, мустақилона бо истифода аз воситаҳои дастрас офаридани ашё ташаккул ва такмил меёбад.

Фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар расмҳои худ таассуроти ҷаҳони атрофро ифода кунанд. Аз ин рӯ, нақши фаъолияти аёнӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон муҳим буда, барои ошкор ва ғанӣ гардонидани қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар ташаккули шахсияти комил, қобилият, завқ, шавқ ва ангезаи рафтори онҳо нақши муҳим дорад.

Тавре қайд кардем, ҳар як намуди фаъолияти тасвирӣ имкон медиҳад, ки дар кӯдакон фаъолияти равонӣ, эҷодкорӣ, завқи бадеӣ ва дигар сифатҳои инфиродӣ инкишоф ёбанд, ки бе онҳо асосҳои ибтидоии шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ташаккул ёфтан ғайриимкон аст.

Асосан эҷодкорӣ ҳаёти кӯдаконро рангоранг сохта, дониш, тафаккур, тахайюл, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии онҳоро рушд мебахшад. Аз ин рӯ, инкишофи тасаввуроти эҷодӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ яке аз вазифаҳои асосии омодасозии онҳо ба мактаб мебошад.

Педагог Цибатова А. Е. бар он назаранд, ки худшиносӣ дар як муддати муайян ҳаллу фасли худро намеёбад. Аз ин лиҳоз, ҳар қадаре, ки ин раванд мунтазам роҳандозӣ гардад, ҳамон қадар натиҷаҳо дилхоҳ мешаванд [185, С.17].

Усулҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон имконият фароҳам меоваранд, то онҳо худро озод ҳис кунанд, тарси худро бартараф сохта, тасвири зебоеро эҷод кунанд.

Фаъолияти тасвирӣ талаботи ҳар як кӯдакро барои озодона намоиш додани қобилият ва ифодаи андешаҳои худ таъмин мекунад.

Маъмулан, инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, дарки намудҳои гуногуни санъати тасвирӣ ва фаъолияти бадеӣ дар муҳити муассисаҳои таълимии томактабӣ сурат мегирад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон мустақилона амал намуда, мавод ва усулҳои мувофиқро интихоб карда, тасвирҳои эҳсосиро эҷод мекунанд.

Намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ дар ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ нақши муҳим доранд. Дар фаъолияти тасвирӣ кӯдакон дарк тасаввурот, тасвирҳои тахайюлӣ, тафаккури образнок, муносибати эҳсосӣ ба муҳити зист, асарҳои санъат, хотира, таваҷҷӯҳ, ирода инкишоф меёбанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ муносибатҳои оилавӣ ва волидайн нақши бузург доранд. Масалан, агар дар оила як фарзанд бошад, имкониятҳои ӯ барои инкишофи эҷодӣ ва дигар фаъолият шароитҳо муҳайё карда мешаванд. Ё марги бармаҳали яке аз волидайн боиси дар кӯдакон набудани намунаи рафтор гардида, оқибатҳои он барои ҳаёти минбаъдаи онҳо норавшан ва номуайян мегарданд (даст ба ҷинояту ҷиноятқорӣ задан).

Муносибатҳои носолим ва эҳсосотии номувофиқ дар оила ба дуршавии кӯдакон аз фаъолияти эҷодӣ замина мегузорад. Аз ин лиҳоз, барои инкишофи эҷодкории кӯдакон муҳити созгор, муносибатҳои хайрхоҳона ва тақлиди кӯдак ба шахсони эҷодкор муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи равоншиносон дар синни сесолагӣ кӯдакон тақлид ба калонсолон карда, мехоҳанд мисли калонсолон рафтор кунанд. Ин тақлиди онҳо беғаразона буда, танҳо баробар шудан бо калонсолонро дар он мебинанд. Кӯшишҳои тақлид ба амалҳои калонсолон аз охири соли дуюм ва чоруми ҳаёти кӯдакон мушоҳида мешавад. Маҳз дар ҳамин айём кӯдакон ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ тавассути тақлид ҳассостар мегарданд [91, С.23].

Шароити муҳим барои рушди эҷоди кӯдакони синни томактабӣ ташаккули ҳиссиёти солими равонӣ дар кӯдакон мебошад. Дар хотир бояд дошт, ки танқиду сарзаниш кардани кӯдакон ва ба онҳо нишон додани эҳсосҳои манфӣ ба пахш кардани равандҳои эҷодии онҳо оварда мерасонад. Ба фикру андешаҳои кӯдакон диққат додан ва онҳоро дастгирӣ намудану самимӣ дӯст доштан асоси воқеии инкишофи эҷодии кӯдакон мегардад. Илова бар ин, волидайн ва педагогу мураббиён бояд кӯдаконро дар кӯшиши иҷрои вазифаҳои душвор ташвиқ намуда, ба ин васила ҳавасмандӣ ва устувории онҳоро инкишоф диҳанд.

Ба андешаи мо, дар раванди эҷодӣ се марҳилаи ба ҳам алоқаманд дида мешавад:

1. Кӯдакон дар пеши худ вазифа мегузоранд ва маълумоти заруриро ҷамъоварӣ мекунанд.

2. Кӯдакон дар тахайюли худ масъаларо аз паҳлӯҳои гуногун таҳлил ва қиёс мекунанд.

3. Ба кор шуруъ карда, онро то ба охир ба анҷом мерасонанд.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо вақти муайянро талаб мекунад, аз ин рӯ педагог ва мураббӣ набояд кӯдаконро барои тезтар иҷро шудани амал водор созад, балки дар ҳолатҳои душвори кашидан ба онҳо кӯмак кунанд.

Тавре ишора кардем, ҳар як намуди фаъолияти эҷодӣ қобилияти кӯдаконро сайқал дода, таассуроти кӯдаконро дар бораи муҳити атроф афзун мегардонад. Аз ин рӯ, барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ вобаста ба хусусиятҳои ҳар як намуди ашё ва усулҳои кор бо он мушаххас карда шаванд. Алоқаи байни намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ тавассути азхудкунии шакл, андоза ва ҳаҷм ҳангоми кор бо ашёи гуногун сурат мегирад.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки дар синни чорсолагӣ шавқу рағбати кӯдакон ба натиҷаҳои фаъолият дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ зиёд мешавад. Кӯдакон дар баъзе ҳолатҳо аз симоҳои офаридаи худ дар ҳайрат омада мафтун мешаванд, ки ин ба шавқу рағбати онҳо мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар андешаҳои танқидомез ва эрод ҳамчун таҳқир қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои педагог ва мураббӣ аз он иборат аст, ки вазъиятҳое ба вуҷуд оранд, ки кӯдакон хатогиҳои худро хуб қабул карда, аз пайи супоришҳои навбатӣ пардозанд. Масалан, дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ метавонед ба кӯдакон пешниҳод кунед, ки ашёе, ки онҳо бояд тасвир созанд, худашон ба ҷойи дилхоҳ гузоранд, то тасвир пурмазмуну пурмуҳтаво кашида шавад.

Фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имконият медиҳад, ки донишҳои гирифтаашро дар амал мустақилона татбиқ созанд, малакаҳои кори инфиродӣ ва муштаракро аз худ намоянд ва аз натиҷаҳои он қаноатмандӣ ба даст оранд.

Нақши дигари фаъолияти тасвирӣ ин қобилияти дуруст баён кардани таассурот дар бораи воқеияти атроф дар раванди тасвири ашё ва ҳодисаҳои мушаххас бошанд. Ишора бояд кард, ки имкониятҳои тасвирии кӯдакони синни томактабӣ дар интиқоли муҳити зист маҳдуданд. На ҳама чизе, ки кӯдакон дарк мекунад, метавонад ҳамчун мавзуъ барои тасвир ё кашидани он хидмат кунад.

Барои кӯдакони синни томактабӣ интиқол додани тамоми хусусиятҳои хоси мавзеъ душвор аст, зеро вай таҷриба ва малакаҳои ба қадри кофӣ инкишофёфта надорад. Масалан, фаъолияти тасвирӣ интиқоли таҷрибаҳои гуногун, эҳсосот, тасвири тахайюлӣ, мувофиқати рангҳо, донистани қонунҳои қисматбандӣ, ранг ва ғайраро талаб мекунад. Гузашта аз ин, кӯдак наметавонад тасвири маъмулиро эҷод кунад ва як тасвирро ба таври мушаххас анҷом диҳад. Бисёр мавзуъҳо аз ҷиҳати мураккаб будани худ ба онҳо дастнорас мебошанд. Тасвирҳои эҷоди кӯдакони синни томактабӣ аз мавҷудияти баъзе аломатҳои объект иборат хоҳад буд, ки имкон медиҳад шабеҳи он мавзеъро шинохт. Танзимкунандаи ин раванд таъсирҳои педагогӣ мебошанд. Яъне, педагог ва мураббӣ метавонанд ба кӯдакон ёрии амалии худро ба воситаи усулҳои муосири педагогӣ расонанд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Салютнова В. И. «Кӯмаки педагогӣ ба худшиносии эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ҳамчун раванди мақсадноки ҳавасмандгардонии кӯдак, ба нишон додани ташаббус эҷодии худ дар раванди эҷодӣ маҳсулоти санъати тасвирӣ фаҳмида мешавад» [153, С.17].

Асосан таркиби мавзуӣ тасвири як гурӯҳи мавзеъҳоро талаб мекунад, ки бо ҳам мантиқӣ алоқаманданд. Дар раванди ҳаёт кӯдакон ба осонӣ пайвандҳо ва муносибатҳои байни ашёро аз худ мекунанд. Аммо барои инъикоси ин муносибатҳо дар фаъолияти тасвирӣ кӯдакони синни томактабӣ бояд як қатор маҳорату малакаҳоро омӯзанд, ки аз онҳо фикру хаёлоти зиёдро талаб мекунад.

Аз худ намудани усулҳои тасвирӣ кори хеле душвор буда, рушди тафаккурро талаб мекунад. Дар муассисаҳои томактабӣ ин масъала дар гурӯҳҳои калонсол то як андоза ҳалли худро меёбад. Кӯдакон метавонанд соддатарин таркиби  мавзунро иҷро кунанд ва барои эҷоди мавзуъи таъҷилӣ аз мувофиқати равшани муқобили рангҳо (сояи ашё) истифода баранд.

Яке аз вазифаҳои муҳими таълимии фаъолияти тасвирӣ ин аз худ намудани усулҳои кор бо маводҳои гуногун мебошад. Маҳорати тасвирӣ бо малакаҳои техникӣ зич алоқаманд аст. Барои тасвири ин ё он ашё бояд шакл ва самти хат симои онро зоҳир созад.

Аз худ кардани малакаҳои услубӣ танҳо дар марҳилаи ибтидоии таълим, ки кори фаъолонаи шуури кӯдаконро талаб дорад, зуҳур мекунад. Оҳиста-оҳиста малакаҳои услубӣ ба таври одатӣ дар кӯдакон пайдо гардида, онҳоро бе кӯшиши зиёд дар фаъолияти тасвирӣ истифода мебаранд. Масалан, дар машғулиятҳои тасвирӣ малакаҳои ибтидоии услубӣ аз қобилияти дуруст ба даст гирифтани қалам, ҷо ба ҷо гузорӣ ва озодона истифода бурдани онҳо иборат аст.

Педагог Матскевич Ж. В. чунин мешуморад, ки фаъолияти тасвирии кӯдакон ҳамчун пайдоиш ва тадбиқи ғоя ба воситаи маводи дастрас ва ифодакунанда амалӣ карда мешавад [203, С.8].

Ҳамин тариқ, нақши фаъолияти тасвирӣ барои ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ бағоят калон буда, барои тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, зебописандӣ, чусту чолокӣ ва маҳорату малакаҳои эҷодӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Ҳангоми фаъолияти тасвирӣ кӯдакони синни томактабӣ таваҷҷуҳи онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ, фаъолияти инсон, арзишҳо ва эҷоди бадеӣ фаъол мешавад. Ва дар ин замина шуури ахлоқии кӯдакон инкишоф меёбад.

Фаъолияти тасвирӣ раванди таълимро то андозае самараноктар гардонида, шавқу завқи кӯдакони синни томактабиро қонеъ гардонида, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодиро инкишоф диҳанд.

## Хулосаи боби 1

Ташаккули шахсияти эчодкор яке аз муҳимтарин вазифаҳои назария ва амалияи педагогӣ, равоншиносӣ ва фарҳангӣ дар марҳалаи имрӯза мебошад. Ҳалли ин масъала бояд аз синни томактабӣ оғоз карда шавад, зеро маҳз дар ҳамин синну сол кӯдакон дорои иқтидори бузурги тахайюл, ташаббус, бештар нишон додани маҳорат, худшиносӣ ва эҷодӣ мебошанд.

Эҷодкорӣ шакли олии фаъолияти ақлӣ, мустақилият, қобилияти эҷод кардани чизи нав мебошад. Сатҳ ва дараҷаи эҷод метавонад гуногун бошад, аммо дар ҳама ҳолатҳо пайдоиш ва кашфи чизи нав вуҷуд дорад.

Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакони синни томактабӣ яке аз намудҳои ҷолиб ва шавқовар мебошад. Вай кӯдаконро ба ҳаяҷон оварда, эҳсосоти мусбӣ ворид месозад. Фаъолияти тасвирӣ барои тарбияи ҳаматарафаи кӯдакони синни томактабӣ аҳамияти калон дорад. Ва ба мисли ҳама гуна фаъолияти маърифатӣ барои тарбияи равонии кӯдакон замина фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки дар фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ тасвири тахайюл аз унсурҳои аз таҷрибаи ҳаётӣ гирифташуда инъикос меёбанд. Асосан тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ нисбат ба калонсолон заифтар аст. Аз тарафи дигар, таҷрибаи кофӣ ва маҳдудиятҳои шуур низ дар офаридани тасвир нақши худро мегузоранд. Тахайюлот дар инсон тамоми умр инкишоф меёбад. Дар айёми хурдсолӣ ривоҷ додани он дар оянда ба шахс таъсирҳои худро мегузорад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон мехоҳанд чизеро тасвир созанд, ки ба фаҳмиши одамони дигар дастрас бошад.

Кӯдакони хурдсол ба ҳаракат кардан ва кунҷковона назар кардан ба ашё ниёзи зиёд доранд. Ҳаракатҳои кӯдакон гуногун ва осори онҳо низ ҳаргуна мебошанд. Ҳар як кашфи чизи нав ва ғайриоддӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб карда, ба эҷодкорӣ таконе мебахшад. Агар ба тасвирҳои кӯдакон назар афканем мебинем, ки ҳар яке аз онҳо ба таври худ ва бо диди худ ашё ё ҳолатеро рӯйи коғаз тасвир кардааст. Онҳо

намедонанд, ки дар тасвир чӣ дуруст аст ва чӣ нодуруст аст. Кӯдакон тавре ки бо дид ва бо тахайюли худ дарк мекунанд, тасвир месозанд.

Синни 6-7 солагӣ давраи камолоти эҷодии кӯдакон мебошад. Дар ин айём онҳо аллакай медонанд, чӣ тавр ва чӣ гуна ва бо кадом ранг тасвирҳои худро ороиш диҳанд. Яъне, давраи авҷи камолот шуруъ гардида, дар тасвирҳои худ бо истифода аз таҷрибаи ҳаётӣ, муошират бо калонсолон ва тахайюл эҷод мекунанд. Ҳангоми эҷодкорӣ бо истифода аз маводи гуногун ашёҳо ва тасвирҳо месозанд.

Фаъолияти тасвирии кӯдакон дар оянда қувват пайдо карда, онҳо фаъолона амал карданро меомӯзанд. Тасвирҳои онҳо хислати мураккабтар касб карда, доираи интихоби мавзуъ низ васеъ мегардад.

Рассоми бузурги Фаронсавӣ Пабло Пикассо гуфта буд, ки «Ҳар як кӯдак рассом аст. Мушкили дар он аст, ки пас аз айёми кӯдакӣ на ҳар як кӯдак рассом мемонад».

Бояд гуфт, ки усулҳои гуногуни тасвирӣ дар кӯдакон ғояҳои аслиро ба вуҷуд меоранд ва тасаввуру тахайюли онҳоро инкишоф медиҳанд. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ супориши қатъӣ ва назорати ҷиддӣ вуҷуд надорад. Кӯдакон дар фазои озод ва бо истифода аз назарияи худ ашё эҷод мекунанд. Натиҷаҳо одатан аз маҳорат ва қобилияти онҳо вобастагӣ дорад.

Самаранокии раванди фаъолияти тасвирӣ аз воситаҳо ва усулҳое, ки педагог ва мураббӣ ҳангоми машғулиятҳо истифода мебаранд, вобастагӣ дорад. Раванди машғулиятҳо тавре ба роҳ монда шаванд, ки кӯдакон маҳорату малакаҳои худро озодона нишон дода тавонанд. Яъне, дар кӯдакон тавассути фаъолияти тасвирӣ чунин сифатҳоро ба монанди мустақилият, ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ ташаккул диҳанд.

Аз мушоҳидаҳои педагогӣ муайян гардид, ки кӯдакон таҷриба карданро дӯст медоранд. Маҳз хислати ҷустуҷӯйӣ ва ҳисси кунҷковонаи кӯдакон яке аз шартҳои муҳимтарини инкишофи нерӯи зеҳнӣ ва эҷодӣ ба шумор мераванд. Ҳар қадаре, ки фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва ҳисси кунҷковонаи

кӯдакон гуногунранг ва аслӣ бошад, ҳамон қадар имкони ба даст овардани натиҷаҳои нав ва кашфиётҳо зиёд мешаванд.

Инкишофи қобилияти эҷодӣ барои ҳамаи кӯдакон аз рӯи хусусиятҳои фардиашон яксон буда наметавонанд. Баъзе кӯдакон дорои маҳорату малакаҳои табиӣ ва фавқуллода мебошанд. Вале ҳар як кӯдак қодир аст, ки моҳирона, возеҳ ва боистеъдод эҷод кунад. Барои ин шароит ва муҳити созгор омода кардан лозим аст.

Дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ ба кӯдакон бояд имконият дода шавад, ки миқдори зиёди маводи гуногунро мустақилона интихоб ва истифода баранд, то тасвирҳо мувофиқи диди онҳо нисбат ба ашё эҷод гарданд.

Истифодаи усулҳои гуногуни тасвирӣ ба кӯдакон шодиву сурур мебахшад. Кӯдакони синни томактабӣ муҳаққиқи олами атрофанд. Ҳисси кунчковӣ, майли доимо таҷриба ва муқоиса кардани ашё, хоҳиши мустакилона иҷро намудани амал ва эҷод тасдиқи гуфтаи боло шуда метавонад.

Бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ фаъолияти тасвирӣ хислату муҳимияти хоси худро дорад. Шаклҳои афсонавӣ-бозии машғулиятҳои тасвирӣ бештар барои кӯдакон пазируфта мешаванд. Фаъолияти бозӣ як падидаи воқеан аҷиби давраи кӯдакии ҳаёт аст. Ин воситаи омӯхтани ҷаҳон, омӯзиш, рушди эҷодкорӣ ва фароғатии кӯдакон мебошад.

Воситаҳои бозӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ имкон медиҳанд, ки иштироки фаъолонаи кӯдакон амалӣ карда шавад. Инчунин, шароит фароҳам меоварад, то кӯдакони синни томактабӣ захираҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои рушди худшиносии худро сафарбар созанд. Раванди бозӣ дар фаъолияти тасвирӣ таҷрибаҳоеро ба вуҷуд меорад, ки бо санҷиши қувва ва худшиносии худ алоқаманд аст. Бинобар ин, сарфи назар аз шартҳои бозӣ он воситаи муассири ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаёт мебошад.

Бозиҳо ва вақтхушӣ қисматҳои ҷудонашавандаи ҳаёти ҳар як кӯдак ба шумор мераванд. Кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои гуногунро

meписанданд ва вақти зиёди худро ба онҳо мегузаронанд. Ба мисли: бозиҳои дидактикӣ, нақшбозӣ, бинокорӣ, мусиқӣ, зеҳнӣ ва ғайра. Дар раванди бозиҳо, ки хислатҳои гуногунро доро мебошанд, маҳорату малакаҳои инфиродии ҳар як иштирокчӣ ташаккул ёфта, истеъдод ва аз монеаҳо ба осонӣ баромадан дар онҳо пайдо мегардад. Дар ин раванд вазифаи асосии педагог ва мураббиён бедор кардани ҳиссёти нуҳуфтаи ҳар як иштирокчӣ ва ба ин васила рушд бахшидан ба маҳоратҳои эҷодии кӯдакон мебошад.

Бояд қайд кард, ки тасаввуроти эҷодӣ асоси фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Барои ин шиносии кӯдакон бо ашёи гуногун ва шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст. Барои рушд бахшидани тахайюли эҷодии кӯдакон истифодаи воситаҳои ғайриоддии тасвир муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, воситаҳои аёнӣ низ ба мисли: тасвири шона, кафк, шамъ, навдаи пахта, ҷугорӣ, мошин, чойник, ҳайвонҳои гуногун ва ғайра аз манфиат холӣ нест.

Дар фаъолияти тасвирӣ кӯдакон дар тасвирҳои худ навдаи пахта, пенопласт, пластилин, коғазҳои ранга ва зочаҳоро истифода мебаранд, ки воситаи бузурги ташаккули маҳоратҳои эҷодии онҳо мебошанд.

Барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ педагог ва мураббиён метавонанд, аз шаклҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ҳангоми машғулиятҳо истифода намоянд:

- тасвир аз хотира - ин намуд диққат, тафаккури хаёлӣ ва мушоҳидаро инкишоф медиҳад;
- тасвир аз табиат - кӯдакон дидани ашёро меомӯзанд, шаклу рангро дарк мекунанд ва ҳамаи инро дар тасвирҳо инъикос мекунанд;
- аз рӯйи мушоҳидаҳои пешакӣ - аввал предмети мушаххасро нишон медиҳанд, онро меомӯзанд, дар хотир нигоҳ медоранд ва баъд тасвир мекунанд.

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки эҷодкорӣ ба ташаккули шахсияти кӯдакон таъсир расонида, бо инкишофи чунин

равандҳои равонӣ ба мисли, тахайюл, идрок, тафаккур ва диққат робитаи зич дорад. Асоси эҷодӣ мустақилонаи кӯдакон гирифтани таҷриба аз ҳаёт ва ҳисси ҷустуҷӯӣ доштани онҳо мебошад. Эҷоди бадеӣ дар синни томактабӣ ин аз ҷониби кӯдакон эҷод кардани маҳсулоти аз ҷиҳати субъективӣ нав бо истифода аз тафаккуру тахайюл мебошад. Аммо барои ба амал баровардани қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дастгирии падару модарон, фароҳам овардани шароит ва ба назар гирифтани истеъдоди онҳо муҳим мебошад. Кӯдак бояд моҳияту нотакрор будани дастовардҳои эҷодии худ ва дигаронро эҳсос кунад. Инчунин, бо рохнамоии дурусту ҳассоси педагог ва мураббӣ фаъолияти эҷодии кӯдакон натиҷаҳои баланд дода метавонад.

Афзоиши пайвастаи донишҳои инсонӣ аз насли наврас тақозо мекунад, ки барои шахси баруманд ва шоистаи даврон шудан маҳорати эҷодӣ, зеҳнӣ ва тарзи муошрати дурустро аз худ кунанд. Ва онро ҳамеша такмил диҳанд.

Дар замони имрӯза шахсоне барои ҷомеа заруранд, ки дорои меҳнати фикрӣ ва эҷодӣ бошанд. Зеро шахсиятҳои эҷодкор асоси тараққиёти инсоният буда, роҳиояндаи ҷомеаро муайян мекунанд. Маҳз онҳо, ки дарки нозуки бадеии ҷаҳонро доранд, ҳаётро дар тамоми соҳаҳои он дигаргун ва тағйир дода метавонанд.

# БОБИ 2. РОҲУ УСУЛҲОИ МУҲАЙЁ НАМУДАНИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАСВИРӢ

## 2.1. Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ

Раванди эҷодӣ фаъолияти амалии кӯдакон буда, ба рушди дарки эстетикии ҷаҳон тавассути санъати тасвирӣ нигаронида шудааст. Фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар се ҷанба асос меёбанд: эҳсосот, шавқ ва фаъолият.

Иқтидори бузурги ифшои эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ инъикос меёбад. Агар барои пайдоиш ва инкишофи он шароит фароҳам оварда шавад, вай воситаи пуриқтидори худшиносӣ ва рушди кӯдак мегардад.

Шароитҳое, ки ба ҳалли масъалахои татбиқи равандҳои педагогӣ нигаронида шудаанд, «шароитҳои педагогӣ» номида мешаванд. Мафҳуми шароитҳои педагогиро олимон ба таври гуногун шарҳ медиҳанд:

Ба андешаи Шалин М.И. «Шароити педагогӣ равандест, ки ба инкишофи шахсият таъсир расонида, омезиши омилҳои беруна (шароит, муҳит) бо ягонагии субъекту падидаҳои дохилӣ нигаронида шудааст».

Олими дигар Беликов В. А. шароитҳои педагогиро чунин таъриф медиҳад: «Шароитҳои педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои объективии мундариҷа, шакл, усулҳо ва муҳити моддию фазоӣ мебошанд, ки ба ҳалли вазифаҳои дар соҳаи педагогика гузошташуда нигаронида шудаанд» [84].

Ба андешаи педагог Павлов С.Н. «Шароитҳои педагогӣ ин маҷмуи имкониятҳои объективии таълиму тарбия, шаклҳои ташкилӣ ва иқтидори моддӣ мебошанд» [128, С.3].

Барои фаҳмидани мафҳуми «шароитҳои педагогӣ» навъҳои гуногуни шароитҳои педагогӣ, ки аз ҷониби таҳқиқотчиён муайян ва тавсиф шудаанд, арзишманд мебошанд. Дар байни навъҳои шароитҳои педагогӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи педагогика маъмултарин онҳо:

ташкилӣ-педагогӣ, психологӣ-педагогӣ ва шароитҳои дидактикӣ мебошанд.

Зери мафҳуми шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ маҷмуи мазмун, шакл ва усулҳои фаъолияти таълимиву тарбиявӣ, ки ба мақсади амалӣ шудани ҳадафҳо ва стратегияҳо нигароинда шудаанд, дониста мешавад.

Ба андешаи Ипполитова Н. ва Стерхова Н. шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои мақсаднок сохташудаи мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои як раванди педагогӣ, ки асоси идоракунии фаъолият ва рушди низоми педагогӣ мебошанд, дониста мешаванд [143].

Шароитҳои психологӣ-педагогӣ ин раванди мақсадноки ба вуҷуд овардани он маҷмуи омилҳои психологию педагогӣ (муносибатҳо, воситаҳо ва ғ.) мебошад, ки педагог имкон пайдо мекунад, то корҳои таълимӣ ва тарбиявиро самаранок амалӣ намояд. Шароитҳои психологӣ-педагогӣ яке аз тарафҳои мунтазами раванди таълиму тарбия мебошанд [186, С.15].

Бояд қайд кард, ки шароитҳои педагогӣ ҳамчун унсури таркибии раванди педагогӣ амал карда, маҷмуи тадбирҳои таъсири педагогӣ (мазмун, усулҳо, методҳо, шаклҳои таълиму тарбия, таҷҳизоти барномавӣ) ва имкониятҳои таълимро инъикос мекунанд. Шароитҳои педагогӣ ба рушди шахсият таъсир расонида, самаранокии ҳамкории педагогиро таъмин мекунанд.

Ба андешаи мо шароитҳои зерини педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон вуҷуд доранд:

- муносибати васеъ ба ҳалли масъалаҳо. Педагог бояд раванди фаъолияти кӯдаконро эҷодкорона вусъат бидиҳад. Фаъолияти кӯдакон на танҳо дар ҳолатҳои эҷодкорӣ, балки ин раванд бояд хислати маърифатӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дошта бошад;

- ташкили фаъолияти ҷолибу пурмазмуни кӯдакон дар муассисаи томактабӣ ва оила, ғанӣ гардонидани таассурот, ки барои пайдоиши ғояҳо ва тахайюлот мусоидат мекунанд;

- шиносоӣ бо санъат. Кӯдакон бо таъсири мақсадноки педагог ва мураббиён маънӣ, моҳияти бадеӣ, воситаҳои тасвирӣ ва ифодакунандаро дарк мекунанд. Ва дар хамин асос фаъолияти худро нагзтару хубтар ба роҳ мемонанд. Нақши санъат дар ташаккули ҳиссиёти зебоипарстӣ ва сифатҳои ахлоқии кӯдакон бениҳоят калон аст. Тавассути асарҳои бадеӣ  мавқеъ ва муносибати муаллифро меомӯзем, ки тавассути воситаҳои баён ва мантиқ интиқол дода мешаванд. Инчунин, ба воситаи санъат хиссиёти зебоипарстӣ кӯдакон рушд карда, захираи ғизои маънавии онҳо ғанӣ мегардад;

- истифодаи усулҳои педагогӣ дар фаъолияти тасвирӣ;

- ба эътибор гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдакон. Ин раванд ба педагог имкон медиҳад, ки хислатҳои инфиродӣ, монанди характер ва одат, хусусиятҳои принсипҳои руҳӣ ва ҳолати равонии кӯдаконро мушоҳида ва омӯзад.

Аз шароитҳои зерини педагогӣ инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ муайян карда мешавад:

1. Мавҷудияти дониш, малака дар фаъолияти тасвирӣ.
2. Инкишофи қобилиятҳои тасвирӣ.
3. Инкишофи тахайюли самаранок ва тафаккури образнок.
4. Мавҷудияти маводи гуногуни аёнӣ ва ғайрианъанавӣ.
5. Ҳавасмандгардонии эхсосии фаъолияти эҷодии кӯдакон.
6. Ташкили бозӣ дар фаъолияти эҷодӣ.
7. Рафтан ба сайру гаштҳо ба табиат ва намоиш додани саҳнаҳои афсонавӣ.

Бояд ишора кард, ки шароитҳои педагогӣ ҷузъи муҳими раванди педагогӣ мебошанд.

Ба андешаи педагог Бронникова М.С. «Шароитҳои педагогӣ маҷмӯи имкониятҳои объективии мазмун, шакл, усул, техника ва муҳити моддию фазоии муассисаи таълимии томактабӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ нигаронида шудаанд [17, С.13].

Шароитҳои педагогӣ ба рушди эҷодии кӯдакон таъсир расонида, самаранокии муошırати педагогиро таъмин мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ ва педагогӣ шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ инҳоянд:

- ташкили чорабиниҳои ҷолибу пурмазмун барои кӯдакон, ки барои дарёфти идеяҳои нав хизмат мекунанд;

- ғанӣ гардонидани таҷрибаи кӯдак тавассути муошират бо санъат;

- истифодаи усулҳои гуногун дар машғулиятҳо барои инкишофи эҷодии кӯдакон;

- дастгирии ташаббус ва мустақилияти кӯдакон.

Мусаллам аст, ки кӯдакони синни томактабӣ бисёр ҳассос, ташаббускор ва ҳисси кунҷковона доранд. Бисёр савол медиҳанд ва мехоҳанд ҳама чизро зуд аз худ кунанд. Ташаббус ва ҳисси кунҷковӣ ба рушди қобилият, ақл, заковат, маҳорат ва эҷодӣ онҳо мусоидат мекунанд.

Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти эҷодии кӯдаки синни томактабӣ инҳоянд: ҳавасмандкунӣ, мундариҷа-амалӣ ва эҳсосӣ-ихтиёрии фаъолият.

Бояд қайд кард, ки инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон тавассути фаъолияти тасвирӣ бештар самаранок мегарданд. Ин раванд имкон медиҳад, то сатҳи тафаккури эҷодӣ, ки олами атрофро аз ҷиҳати зебоипарстӣ дарк мекунад ва ба қадри асарҳои бадеӣ, дӯст доштану ҳифзи табиат баланд бардошта шавад.

Фаъолияти тасвирӣ қобилиятҳои эҷодии кӯдаконро дар азхуд намудани симоҳои санъати тасвирӣ таъмин намуда, нигоҳҳои зебоипарастӣ -ҷаҳонбинии онҳоро рушд мебахшад.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқ Риндина А.Г. «Тарбияи зебоипарастӣ бе таъсирҳои педагогӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад» [147, С.10].

Барои беҳтар ташкил кардани раванди педагогии фаъолияти тасвирӣ, пеш аз ҳама ба зуҳуроти табиии кӯдакон бодиққат будан ва барои худшиносии эҷодии онҳо шароит фароҳам овардан зарур аст. Инчунин,

эҳтироми мавқеи кӯдак дар ҳалли масъалаҳои бадеӣ аз диди ҷиҳатҳои зебоипарастӣ ба инобат гирифта шуда, талаботи кӯдаконро ба дониш, малака ва маҳорат, ки барои эҷоди симои тасаввуршуда заруранд, қонеъ гардонида шаванд.

Яке аз усулҳои баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дарк кардан ва фаҳмиши ашё ба воситаи ҳаракатҳо фаъолона мебошад. Дар раванди тасвирӣ онҳоро ба муколама ва мубоҳиса ҷалб намудан самаранокии фаъолиятро баланд мебардорад. Масалан, ҳангоми кашидани дарахтҳо педагог ё мураббӣ худро шабеҳи дарахт нишон диҳад. Танаи худро мисли танаи дарахтон, дастҳо мисли шохаҳо, ангуштон мисли баргҳо. Дар баъзан ҳолат кӯдакон барои беҳтар фаҳмидан ва эҳсос кардани тасвир онҳоро бо чизи хеле наздик ва ошно монанд кардан лозим аст. Масалан, образи фасли зимистонро бо рӯйпӯши сафеду махмалин ё гилем муқоиса мекунем. Образи харчанги баҳриро бо ситора ва ғайраҳо. Дар ин раванд худи кӯдакон симои муқоисавии тасвирро пайдо мекунанд.

Яке аз шартҳои муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ин  гуногуншакл ва гуногунрангии кор бо кӯдакон дар машғулиятҳои тасвирӣ мебошад. Навоварӣ дар синф, оғози ғайриоддии кор, маводҳои зебо, машғулиятҳои такрорнашавандаву ҷолиб ва интихоби озод дар фаъолият намунаҳои шароитҳои педагогӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ мебошанд.

Дар раванди машғулиятҳо педагог бояд ҳар дафъа вазъиятҳои нав ба вуҷуд оварад, то кӯдакон аз як тараф, дониш, малака ва маҳоратҳои қаблан омӯхташударо дар амал татбиқ кунанд, аз тарафи дигар, роҳҳои ҳалли нав ва равишҳои эҷодиро ҷустуҷӯ кунанд. Ин амалҳо дар кӯдакон эҳсосоти мусбӣ, шавқу завқ, хурсандӣ, хоҳиши эҷодкорона кор карданро ба вуҷуд меоранд.

Сухомлинский В. А. чунин андеша дошт, ки усулҳое, ки дар фаъолияти таълимиву тарбиявӣ истифода мешаванд, бояд шавқу завқи кудаконро ба омухтани олами атроф бедор намоянд ва муассисаи таълимӣ ба макони дониш, муоширут ва эҷод табдил ёбад [171].

Дар интихоби мавзуъҳое, ки ба кӯдакон барои тасвир, тасвирӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд гуногунрангӣ ворид карда шавад.

Дар раванди машғулиятҳо омӯзгор ё мураббӣ барои тасвирӣ ҳама гуна ашёи мудаввар метавонад аз ҳалқаҳо, чархҳо, ҳубобҳои собун, моҳтоб, пуфакҳо, тӯбҳои бозӣ, себ, афлесун, хурмо, помидор, чормағз ва ғайра истифода намояд. Аз ин ҳама гуногунрангии мавод баҳри тасвири ашёи мудаввар педагог метавонад барои машғулияти расмкашӣ он чизеро интихоб кунад, ки ба кӯдакон наздиктар ва ошно мебошад.

Ранг ва шакли коғазҳоро низ дигаргун кардан лозим аст, зеро ин ба ифоданокии тасвирҳо таъсир мерасонад ва кӯдаконро водор мекунад, ки барои расмкашӣ мавод интихоб кунанд, дар бораи ранги офариниши оянда фикр кунанд ва мунтазири коғази тайёр набошанд. Дар ташкили машғулиятҳо бояд гуногунрангӣ ҷорӣ карда шавад. Масалан, кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар мизҳои алоҳида нишаста расм кашанд, ду ва ё зиёда мизҳоро бо ҳам якҷо карда, барои беҳтар ва ифоданок баромадани тасвир муҳит омода созанд ё барои буридан ва часпондани қисматҳо рост истода тасвир кунанд. Муҳим он аст, ки ташкили дарс ба мазмуни он мувофиқат кунад, то барои кори кӯдакон қулай ва осон бошад.

Муҳаққиқ ва педагог Комарова Т.С. чунин дарҷ мекунад, ки: «Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакони синни томактабӣ хеле ҷолиб аст, зеро ин раванд хоҳиши ӯро барои инъикоси таассуроти аз ҳаёти атроф гирифташуда ва баён кардани муносибати худро ба он ифшо мекунад» [79, С.16].

Кӯдакон ба эҷоди симоҳои афсонавӣ ва тахайюлӣ мароқи бештар доранд. Онҳо афсонаҳоро дӯст медоранд ва омодаанд, ки онҳоро беохир гӯш кунанд. Афсонаҳо тасаввуроти кӯдаконро бедор мекунанд. Ҳар як кӯдак дорои асарҳои дӯстдоштаи худ ва қаҳрамонҳои афсонавӣ мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳоди кашидани расмҳо барои афсонаҳо ё қаҳрамонҳои онҳо ҳамеша вокуниши мусбати кӯдаконро ба вуҷуд меорад. Масалан, агар

кӯдакон аз афсонаи «Рӯбоҳи зирак» хурӯсро тасвир кунанд, пас шумо метавонед аз онҳо хоҳиш кунед, ки хурӯси калонтаринро тасвир созанд. Кӯдакон бо шавқу рағбати зиёд аз пайи иҷрои амал мешаванд. Ва ҳар яке кӯшиш мекунад, ки хӯруси ӯ зеботар ва чолоктар бошад. Ин раванд ҳисси аввалин, пешсаф ва масъул буданро дар ниҳоди кӯдакон парвариш медиҳад.

Тавре дар боло ишора гардид педагог ва мураббӣ метавонанд машғулияти расмкаширо самарабахш ба роҳ монанд. Ҳолати дигар ин аст, ки кӯдакон якҷо барои афсонаи дӯстдоштаи худ тасвирҳо эҷод мекунанд ва сипас бо навбат эпизодеро, ки онҳо тасвир кардаанд, нақл кунанд. Кӯдакон ба пешниҳоди педагог ва мураббӣ барои кашидану буридан ё часпонидани тасвири умумӣ бо камоли майл онро иҷро мекунанд. Масалан, барои тасвири персонажҳои афсонаи «Рӯбоҳ ва лак-лак», «Духтари ҷасур», «Бузаки ҷингиллапо» ва ғайра.

Дар шароити педагогии амалигардонии фаъолияти тасвирӣ, мазмун, шакл ва усулҳои кор бо кӯдакон инчунин, ашёе, ки онҳо тасвир мекунанд, ҳар қадар гуногунранг бошанд, хусусиятҳои бадеии кӯдакон ҳамон қадар босифат инкишоф меёбанд.

Вазифаи асосии фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ инкишоф додани ҳиссиёт, ғоя ва назари зебоипарстӣ ба ҷаҳон мебошад.

Мақсади асосии тарбияи зебоипарастӣ ин инкишофи додани чунин сифату қобилиятҳое мебошад, ки шахс на танҳо дар ҳама гуна фаъолият муваффақият ба даст орад, балки офарандаи арзишҳои зебоипарстӣ ва қобилияти баҳрабардорӣ аз онҳо дошта бошад [5, С.9].

Ҳангоми офаридани тасвир бо дастони худ кӯдакон аз худ қаноатманд гардида, шодию фараҳ мебаранд. Дар хотир бояд дошт, ки фаъолияти тасвирӣ машғулияти одии таълимӣ нест, ки кӯдакон чизеро меомӯзанд ва азхуд  мекунанд. Ин фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. Фаъолияте, ки аз кӯдакон муносибати мусбати эҳсосӣ, майли эҷодӣ тасвир,

ифодаи тахайюл, истифодаи кӯшишҳои фикри ва ҷисмониро талаб мекунад.

Фаъолияти тасвирӣ дар баъзе ҳолатҳо бо дигар машғулиятҳо дар як радиф гузошта мешавад, ки ин боиси ба расмият даровардани раванди педагогӣ мегардад. Педагог ва мураббиён аксар вақт ба кӯдакон ишора мекунанд, ки дар тасвири мазмун чӣ қадар ашёро бояд инъикос кунанд. Масалан, ҳангоми кашидани ҷангалзор педагог ба кӯдакон мегӯяд, ки «Ду ё се дарахт кашед кифоя». Эҳтимол педагог аз тарси он, ки кӯдакон аз уҳдаи миқдори зиёди тасвирҳо баромада наметавонанд ё сари вақт ва дар вақти муайяншуда тасвирро ба анҷом расонида наметавонанд, ҳолатро маҳдуд месозад. Тарафи дигари масъала ин аст, ки бо ин васила педагог имкони ҳамаи кӯдаконро маҳдуд мекунад. Шояд кӯдаке дар байни онҳо бошад, ки аз уҳдаи ҳамаи ин баромада метавонад.

Тавре борҳо қайд карда шуд, дар тасвир кӯдакон таассуроти аз олами атроф ва асарҳои бадеӣ гирифтаро инъикос мекунанд. Яке аз принсипҳои муҳиме, ки инкишофи эҷодии кӯдакон самараи хуб медиҳад ин алоқаи таълим бо ҳаёт мебошад. Ба маънои дигар фаъолияти тасвирӣ бояд ба таассуроте, ки кӯдак аз воқеият гирифтааст, асос ёбад. Бояд ба назар гирифтан лозим аст, ки муҳит ба кӯдакон чӣ гуна таъсир мерасонад. Кадом ҳиссиёти ӯро пахш мекунад ё рушд мебахшад. Мусаллам аст, ки кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ он чизе, ки бо онҳо шиносанд, дар ҳаёти ҳаррӯза дучор меоянд ва диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунанд, тасвир месозанд. Ҳаёти кӯдакон ҳар қадар пурмазмун ва шавқовар бошад, тасвирҳои онҳо ҳамон ҳадар диққатҷалбкунанда мешаванд.

Усули муҳиме, ки хусусияти фаъолияти тасвирӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳиро ошкор месозад, усули аёнӣ мебошад. Дар асоси ин усул кӯдаконро бо ашё ва ҳолатҳои табиӣ шинос намуда, таъмини дарки бошууронаи воқеият ва омилҳоро ба роҳ мондан лозим аст.

Муҳаққиқ Шаляпин О.В. дар китоби худ «Асосҳои назариявии тасвирҳои портретӣ» чунин менависад, ки: «Дарк, ки раванди мураккаби

маърифатӣ мебошад, хусусиятҳои хоси худро дорад (якпорчагӣ, интихобӣ, ранг, ҳаҷм). Ҳар як ашё аз як қатор қисмҳои дорои хусусиятҳои гуногундошта иборат мебошад. Ва дарки пурраи воқеияту ашё асоси раванди фаъолияти тасвирӣ мебошад» [189, С.41].

Яке аз камбудиҳои раванди педагогӣ ин маъмулан баҳои нодуруст додан, ба назар нагирифтани имкониятҳои кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ мебошад. Педагог ва мураббӣ дар бисёр ҳолатҳо мехоҳад, ки кӯдакон коғазро тавре барои расмкашӣ монанд, ки ӯ талаб кардааст. Ва дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ кӯдакон дар як доираи маҳдуд худро эҳсос карда, имкониятҳои эҷодиро ба пуррагӣ истифода бурда наметавонад. Ҳангоме, ки педагог ё мураббӣ воқеан, мазмуни расмро тавре, ки мехоҳанд, муқаррар мекунад, кӯдаконро аз имкони мулоҳиза кардан дар бораи ашё маҳрум мекунад. Беҳтар мебуд ба кӯдакон тарз ва усули дурусти офаридани тасвирро нишон дод. Метавон расми кашидаи ҳамсабақонро мисол овард ва ба онҳо нишон дод, ки тасвир бояд ин гуна бошад. Ин тарз ба тафаккури эҷодии кӯдакон таъсир расонида, аз паси ислоҳи хатоҳои худ мегардад. Ва кӯшиш мекунад онҳоро сари вақт бартараф созад.

Аз шароити мусоид ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ аз ҷониби педагог ба инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон таъсири мусбат расонида, раванди педагогиро ба маротиб самараноктар менамоянд.

Бозӣ яке аз усулҳои педагогӣ баҳри беҳтару хубтар ташкил кардани машғулиятҳо ва дар ин замина бедор кардани шавқу рағбати кӯдакон ба шумор меравад.

Ба андешаи муҳаққиқ Сухин И.Г. «Кӯдакони синни томактабӣ таҷрибаи ҷамъиятиро, пеш аз ҳама, бо ёрии фаъолияти ин синну сол – бозӣ меомӯзанд. Маҳз бо ёрии фаъолияти бозӣ кӯдакон инкишоф ёфта, заминаи мусоид барои омодагӣ ба мактаб мебошад» [170, С.11].

Бозӣ бо фаъолияти тасвирӣ алоқаи зиёд дорад. Ин раванд имкон медиҳад, ки муносибат дар байни кӯдакон пайдо гардида, таҷриба ва

доираи фаҳмиши онҳоро дар бораи ҷаҳон ва фаъолияти эҷодӣ баланд гардонанд.

Бозӣ ва фаъолияти тасвирӣ ба таассуроте, ки кӯдакон аз муҳити атроф ва дар раванди ҳаёт дар кӯдакистон ва хона мегиранд, мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, фаъолияти тасвирӣ бо бозӣ робитаи зич доранд. Ба туфайли алоқамандӣ бо бозӣ фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакон ҷолибу шавқовар мегардад, дар онҳо вокуниши возеҳи эҳсосотиро тавлид мекунад, ангезаҳои муҳим барои фаъолиятро ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ самаранокии ин равандро таъмин менамояд.

Намудҳои гуногуни бозиҳо кӯдаконро ба худ ҷалб карда, дар онҳо эҳсосоти мусбатро ҷилвагар месозанд. Ичунин, дар ин раванд тарбияи зебоипарстӣ ва ахлоқӣ ҳалли худро меёбанд. Ҳангоми бозиҳо муошират дар байни кӯдакон пайдо гардида, муносибати хайрхоҳона, дислсӯзона ва некбинона пайдо мегарданд. Кӯдакон бо ҳамроҳии мураббӣ ё педагог каҳрамонони ягон бозии сюжетӣ ё асарро муҳокима карда, ба ин васила таҷрибаҳои худро мукаммал мекунанд.

Фаъолияти тасвирӣ асосан бо бозӣ тавассути тасвири бозичаҳо алоқаманд аст. Пешниҳоди тасвир кардан ё буридану часпонидани бозича барои кӯдакони синну соли гуногун шодию фараҳ мебахшад. Ҳангоми бозӣ кӯдакон хирсакҳо, лӯхтакҳо ва харгӯшакҳои дӯстдоштаи худро тасвир карда, ҳиссиёти меҳрубонӣ ва хурсандиро эҳсос мекунанд. Ва дар навбати худ, хоҳиши беҳтар тасвир кардани бозичаи дӯстдоштаро ба вуҷуд меорад.

Дар ҳаёти кӯдакон бозии нақшбозӣ мавқеъи муҳимро ишғол мекунад. Кӯдакон ба ин намуди бозӣ пардохта, ҳамзамон, маҳорати эҷодӣ ва тахайюли худро ғанӣ мегардонанд. Дар ин раванд кӯдакон барои лухтаки худ хона сохта, ашёи рӯзгорро барои он тайёр мекунанд. Барои лухтаки худ ҳаргуна хӯрок омода мекунанд, дугона меёбанд, либос тайёр мекунанд, ҳаргуна зарфҳо барои хона пайдо мекунанд ва амсоли инҳо. Бозӣ оҳиста-оҳиста хислати мураккабро пайдо мекунад, ки ба тафаккури эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад.

Рассом Максимова А.А. паҳлуҳои фаъолияти бозиро дар раванди фаъолияти тасвирӣ шарҳ дода, чунин қайд мекунад: «Бозии нақшдоро метавон ҳамчун маҷмӯи усулҳои педагогӣ нишондод кард, ки маҳорати муоширати кӯдаконро ба таври мақсаднок ташаккул дода, онҳоро аз зӯроварӣ ва таъсирҳои манфии муҳити зист ҳифз мекунад. Бартарии дигари бозӣ он аст, ки ҳангоми содир кардани хатогӣ онро ҳамеша ислоҳ кардан мумкин аст ва натиҷаи мусбати бадастомада метавонад, такрор ёбад» [137, С.11].

Аз худ намудани рангорангии симоҳо ҳангоми бозӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон бо ашёи ҳаргуна шинос шуда, таассуроти гуногун дар онҳо пайдо гардад.

Мазмуни чунин нақшбозиҳо ҷиҳатҳои тарбиявӣ дошта, дониш ва таҷрибаи ҳаётии кӯдаконро афзоиш медиҳанд. Ва дар ин замина муносибати мусбати кӯдаконро ба ҳодиса ва ҳолатҳои табииву рӯзгордорӣ мустаҳкам мекунанд.

Барои баъзе бозиҳои сюжетӣ кӯдакон бо дастони худ барои қаҳрамонҳои онҳо ороишҳо ё ҷузъиёти саҳнавӣ ва ниқобҳо омода месозанд. Кӯдакон метавонанд дар машғулиятҳои тасвирӣ ин амалҳоро иҷро карда, кирдору рафторҳои каҳрамонҳоро аз худ кунанд.

Барои омода кардани бозӣ бо номи «Гурба, хурӯс ва рӯбоҳу саг» кӯдакон метавонанд ба се зергурӯҳ тақсим ва ба ҳар кадом гурӯҳ вазифаҳо дода шаванд. Масалан, барои гурӯҳи якум тасвири ҷангал, барои дуюм тасвири ҳавливу хона ва барои гурӯҳи сеюм тайёр кардани сару либоси қаҳрамонҳои афсона супорида шавад. Омодагӣ ба афсона ҳамаи кӯдаконро муттаҳид мекунад, равандро барои онҳо ҷолибу шавқовар мегардонад ва ба ҳар кас имконият медихад, ки дар тасвирҳо фикри худро дар бораи афсона ва қаҳрамонони он баён кунанд.

Ишора бояд кард, ки бозиҳои кӯдакони синни 4-5-сола аз ҷиҳати мавзуъ ба бозиҳои синни хурдсол шабоҳат доранд, аммо дар онҳо амалҳои мураккабтар дида мешаванд. Инчунин, шумораи қаҳрамонҳои сюжети

бози ҳам зиёдтар мушоҳида мешавад. Оҳиста-оҳиста, кӯдакон аз инъикоси рӯйдодҳои марбут ба муҳити зист ба инъикоси қаҳрамонони ҳикояҳо, китобҳо ва филмҳои тасвирӣ мегузаранд [20, С.27].

Фаъолияти тасвирӣ ва бозиҳои мавзӯи ба баланд гардидани фаъолияти кӯдакон мусоидат намуда, донишҳои онҳоро дар бораи бозӣ, расмкашӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳӣ рушд мебахшад. Дар раванди тайёр кардан ва гузарондани бозиҳои сюжетӣ, чун қоида, ҳамаи кӯдакони гурӯҳ иштирок мекунанд: баъзеҳо ҳамчун нақшбоз, дигарон ҳамчун рассомон, ки манзараҳо, костюмҳо, ниқобҳо тайёр мекунанд ва дигарон ҳамчун тамошобин.

Бояд қайд кард, ки баъди намоиши чунин саҳнаҳо барои кӯдакон тасвир кардани қаҳрамонони афсонаҳо дар фаъолияти тасвирӣ содда ва осон менамояд. Чунки онҳо аллакай симои тасвириро медонанд. Ва бо як шавқу завқи беандоза ба тасвир мепардозанд.

Дар раванди сохтани бозичаҳо ва тасвири онҳо дар кӯдакон дарки зебоипарастӣ инкишоф ёфта, ақидаҳо, тафаккур ва тахайюл ташаккул меёбанд. Бо шарофати ташаккули фаъолонаи амалиёти равонии таҳлил, муқоиса, сохторҳои маърифатии кӯдакон инкишоф меёбанд. Ва ҳар қадаре, ки кӯдакон бештар хосиятҳои ашё ва падидаҳоро муайян созад, раванди инкишофи тафаккур ва сохторҳои маърифатӣ ҳамон қадар фаъолтар мегарданд. Тамошо ва таҳлили офаридаи кӯдакон дар охири машғулиятҳо шарти муҳими инкишофи муваффақонаи санъати тасвирӣ ва эҷодӣ мебошад. Вобаста аз он ки тамошо, таҳлил ва арзёбии расмҳои кӯдакон чӣ гуна сурат мегирад, барои рушди минбаъдаи қобилиятҳои эҷодии онҳо такони ҷиддӣ дода мешавад.

Бояд баъди ҳар як машғулият тамошо ва таҳлили эҷоди кӯдакон оид ба фаъолияти тасвирӣ гузаронда шавад. Ин раванд ба кӯдакон имкон медиҳад, ки натиҷаи фаъолияти худро пурратар дарк намуда, хатогиҳоро ислоҳ созанд. Педагог ва мураббӣ набояд кӯдаконро барои нокомӣ дар ҳолати ягон амали тасвирӣ сарзаниш ва мазаммат намоянд. Зеро маҳорату

малака тадриҷан инкишоф меёбанд. Эродҳо ва сарзанишҳои беҷо ҳисси норозигиро дар кӯдакон шадидтар карда, боварии онҳоро ба худ заиф мегардонад.

Тавре дар боло зикр гардид, тамошо ва таҳлили тасвири кӯдакон пеш аз ҳама барои он арзишманд аст, ки натиҷаи фаъолияти худро мебинанд ва эътиқоди онҳо ба фаъолияти тасвирӣ ба маротиб афзоиш меёбад. Педагог ё мураббӣ кӯдаконро бо суханҳои нарму мулоим рӯҳбаланд намуда, ба онҳо гӯяд, ки ҳамаи эҷоди онҳо дар тахта ва дар лавҳаи махсус барои тамошо гузошта мешаванд.

Муҳаққиқ Киселева М.В. чунин мешуморад, ки: «Эҷоди бадеӣ эҳсосоти дохилии кӯдаконро инъикос карда, ҷаҳонбинӣ, соддадилӣ ва самимияти муносибати онҳоро ба ашё баён месозад» [75, С.11].

Муҳокимаи тасвирҳои офаридашуда дар байни гурӯҳ низ ба рӯҳияи кӯдакон таъсир мерасонад. Масалан, омӯзгор ё мураббӣ ба кӯдакон хитоб намуда гӯяд, ки чаро маҳз ин расмро тасвир кардаед? Магар ин тасвирро шумо меписандед?. Муҳим он аст, ки кӯдакон дар ин раванд фаъол гардида, муошират дар онҳо пайдо мегардад. Инчунин, саволҳои иловагӣ додан ба кӯдакони синни томактабӣ барои боз ҳам беҳтару хубтар инкишоф ёфтани муошират онҳо мусоидат мекунад. Хотирнишон бояд сохт, амалҳои дар боло зикркардаро бештар гурӯҳҳои 6-7 сола иҷро мекунанд.

Дар гурӯҳҳои хурд ва миёна фаъолияти тасвирӣ то андозае дигар хел гузаронида мешавад. Кор бо кӯдакони ин синну сол бештар хислати меҳнатӣ дорад. Педагог ва мураббӣ метавонанд ба кӯдакон ҳангоми тасвири гулзор хитоб карда гӯяд, ки «Мо чӣ қадар гулҳои зебое кашидаем ба мисли қолин». Кӯдакон ҳангоми шунидани калимаи «қолин» дарҳол дар тахайюли онҳо қолине, ки дар хонаашон ҳаст пеши назар меояд ва онҳо ба осонӣ аз уҳдаи кашидан ва рангу бори гулҳо баромада метавонад. Ё, ки педагог ва мураббӣ ба кӯдакон ҳангоми тасвири сабза ва мурғҳо хитоб карда гӯяд, ки «Дар болои алафзор чӣ қадар мурғҳои зебо бо панҷаҳои

рангоранг мегарданд. Биеёд ба онҳо дон диҳем». Аз ин суханҳои педагог шавқу рағбати онҳо афзун гардида, барои эҷоди тасвири навбатӣ мепардозанд.

Шароити дигари педагогие, ки барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунад ин воситаҳои ҳавасмандгардонии кӯдакон мебошад. Яке аз воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонӣ ва инкишоф додани санъати тасвирии кӯдакон гузаронидани намоишгоҳҳои гуногуни расмҳои онҳо мебошад. Тасвирҳои беҳтари кӯдаконро дар толорҳо, роҳравҳо ва гузаргоҳҳои боғчаи бачагон ба намоиш гузоштан ҳисси меҳнатдӯстӣ, ташкилотчигӣ, пешсафӣ ва амсоли инҳоро дар ниҳоди кӯдакон рушд мебахшад.

Дастовардҳои кӯдаконро ба маърази тамошо гузоштан ба ташаккули муносибати мусбат мусоидат намуда, онҳоро барои боз ҳам фатҳ намудани қуллаҳои баланди эҷодӣ ва тақвият бахшидани маҳорату малакаҳо роҳандозӣ менамояд [1, С.6].

Яке аз шаклҳои намоишгоҳҳои эҷодӣ кӯдакон ин ороиши толор барои идҳои гуногун ва истироҳат бо тасвирҳои онҳо мебошад. Чунин намоишгоҳҳо ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои волидайн фараҳу шодӣ мебахшад. Ҳангоми ҷамъомадҳои падару модарон онҳо бо чашмони худ аз эҷод ва фаъолияти фарзанд аз наздик шинос мешаванд. Мақсади асосии фаъолияти тасвирӣ ин мусоидат намудан ба тарбияи шахси дорои ҷаҳони эҳсосот ва тафаккури эҷодкор, ки олами атрофро аз ҷиҳати зебоипарастӣ дарк карда тавонад, табиатро ҳифз намояд, ба қадри асарҳои санъат расад ва маҳорату малакаҳои тасвириро аз худ кунад.

Бояд қайд кард, ки шиносоии инсон ба асарҳои санъати бадеӣ аз хурдӣ оғоз мегардад. Омӯзиши фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакони синни томактабӣ то андозае душвор аст. Лекин бо роҳнамоии дуруст ва бо ёрии педагог ва мураббӣ кӯдакони ин синну сол қобилияту маҳорат ва дарку мушоҳидаҳои беҳтарро пайдо мекунанд. Омӯзгор ва мураббӣ бояд чунин шароитеро фароҳам оваранд, ки на танҳо барои аз худ намудани донишҳои

нав ва ташаккули маҳорат, балки барои ифодаи эҷодкорӣ низ мусоидат намояд.

Дигар шарти инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ин таҷрибагирӣ аз ҳаёт ва таъсирҳои муҳит ба эҳсосот ва тахайюл мебошад. Муҳит дар рушди эҷоди тасвирии кӯдакон нақши бузург дорад. Тасвири манзараҳои табиӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакон мусоидат намуда, ин фаъолиятро ба эҷодкорӣ табдил медиҳад. Педагог ин равандро бо чунин ташкили шароит амалӣ месозад: дарки тимсолӣ ва эҳсосотии вокеиятро таъмин намояд; тасаввурот ва тафаккури тахлилро инкишоф диҳад; ғояҳо ва ҳиссиёти зебоипарстиро ташаккул диҳад; ба кӯдакон усулҳои офаридани симо ва воситаҳои иҷрои ифодаи онҳоро омӯзонад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи дарки зебоипарстӣ ва эҳсосот шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ки тадриҷан, ба ташаккули ҳисси зебоипарастӣ мусоидат мекунад. Ҳисси бевоситаи зебоипарстие, ки аз дарки ашёи табиат ба вуҷуд меоянд, гуногуниро дар бар мегирад. Ба мисли, ҳисси таносуб, ранг, усул ва шакл.

Педагог бояд дар ниҳоди кӯдакон ҳисси ранг, қобилияти мушоҳида ва дарки зебоипарастии муҳит, ки барои ҳаёти минбаъдаи онҳо зарур аст, ташаккул диҳад. Моҳияти рангҳоро ба кӯдакон барои фаъолияти тасвирӣ, падидаҳои муҳити зист ва қобилияти мустақилона эҷод кардани симоҳоро омӯзонад [107, С.3].

Шарти муҳими рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдаки синни томактабӣ ташкили фаъолияти мақсадноки фароғатии онҳо дар муассисаи томактабӣ ва оила мебошад. Ғанӣ гардонидани тафаккури кӯдакон бо таассуроти гуногун, таъмини таҷрибаи эҳсосӣ ва зеҳнӣ,  ки барои ба вуҷуд омадани мавзуъҳо асос шуда, тахайюлро рушд мебахшад, асоси самаранокии фаъолияти тасвирӣ мебошанд.

Инчунин, мавқеи ягонаи педагог баҳри рушди кӯдакон яке аз шартҳои муҳими рушди эҷодии онҳо мебошад. Инкишофи фаъолияти эчодиро бе алоқа бо санъат тасаввур кардан номумкин аст. Кӯдакон бо

дастгирии мақсадноки педагог ва мураббиён маънӣ, моҳияти бадеӣ, воситаҳои аёнӣ ва баёниро дарк мекунанд. Шароити дигари инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ин омӯзиш мебошад, ки дар ҷараёни он дониш, усулҳои амал ва қобилият ташаккул меёбанд. Барои ба натиҷаҳои дилхоҳи педагогӣ ноил шавем бояд донишу малакаҳо чандирӣ ва тағйирёбанда, яъне дар шароитҳои гуногун татбиқшаванда бошанд.

Эҷодӣ чандирӣ ин маҳорату малакае мебошад, ки шахс дар ҳолатҳои ғайриоддӣ роҳи ҳаллӣ масъаларо дарёфт карда, ба кашфи чизи нав замина фароҳам меорад [141, С.12].

Шарти дигаре, ки ба инкишофи эҷодии тасвирӣ мусоидат мекунад, ташаккули маҳорати иҷрокунии мавзуъҳои тасвирӣ мебошад. Шиносоии кӯдакон бо ашёи аёнӣ, мустаҳкам намудани роҳҳои амалигардонии онҳо дар фаъолияти тасвирӣ асоси муваффақияти кор ба шумор мераванд. Истифодаи асарҳои бадеӣ дар фаъолият бо кӯдакони синни томактабӣ низ ба рушди эҷодии онҳо мусоидат мекунад.

Дар раванди ташкили шароитҳои педагогӣ дар фаъолияти тасвирӣ педагог бояд таваҷҷуҳи худро ба эҷод ва раванди офариниши образҳои тасвирии кӯдакон равона созад. Педагог бояд аз усулҳо ва техникаи фаъолияти тасвирӣ бархурдор бошад. Шароитҳои педагогӣ ва равонии ин равандро таъмин созад.

Шароитҳое, ки ба рушди фаъолияти тасвирӣ монеъ мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

- дуруст дарк накардани моҳияти фаъолияти тасвирии кӯдакон аз ҷониби омӯзгор;
- ба эътибор нагирифтани инкишофи равонии кӯдакон ҳангоми воридшавии онҳо ба машғулиятҳои тасвирӣ;
- баҳои нодуруст додан ба бозӣ ҳамчун фаъолияти маърифатӣ, ҳангоми ташкили бозӣ ба эътибор нагирифтани ҷиҳатҳои синну солии кӯдакон;

- сарфи назар кардани муносибати инфиродӣ дар раванди эҷодии кӯдакон;

- нодуруст фаҳмидани хусусиятҳои татбиқи асосҳои алоқаи таълим ва вазифаҳои эҷодӣ;

- нодида гирифтани талабот ва шавқу рағбати кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ;

Чуноне, ки таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, барои бомуваффақият ташкил намудани машғулиятҳои тасвирӣ низоми махсуси шароити педагогиро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки ба инкишофи эҷодии бадеии кӯдакон таъсир расонад. Ин низом шартҳои зеринро дар бар мегирад:

- инкишоф додани шавқ ба омӯзиши санъати тасвирӣ дар ниҳоди кӯдакон;

- маҷмӯи назорати мунтазами педагог ба фаъолияти тасвирии кӯдакон;

- тарбия намудани қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ;

- зина ба зина мураккаб намудани машғулиятҳои  тасвирӣ;

- азхуд намудани воситаҳои ифодаи бадеии санъати тасвирӣ;

- истифодаи мақсадноки ҳикояҳо ва бозиҳое, ки диққати кӯдаконро ба худ ҷалб намуда, тафаккур, ҳолатҳои равониву эхсосӣ ва зебоипарстии онҳоро фаъол мегардонанд;

- дар машғулиятҳои тасвирӣ истифода бурдани воситаҳои махсуси таълим, аёнӣ, таҷҳизоти видео ва аудиоӣ;

- ворид намудани унсурҳои бозӣ ва бозиҳои бадеию дидактикӣ ба сохтори машғулиятҳо ва ташкили озмунҳову мусобиқаҳо ба раванди фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ;

Маврид ба зикр аст, ки барои ташаккул додани шавқу завқи кӯдакон ба фаъолияти тасвирӣ воситаҳои гуногун таълимӣ аз ҷумлаи: усулу воситаҳои таълим, шаклҳои ташкилии фаъолияти таълим, истифодаи воситаҳои таъсиррасонӣ ва амсоли инҳо истифода мешаванд.

Маҷмуи назорати мунтазами педагог ба фаъолияти тасвирии кӯдакон имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва нақшаҳои баланд бардоштани фаъолияти эҷодии онҳо, то андозае баланд бардошта шавад. Самараи тарбияи фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ вақте зиёд мешавад, ки худи кӯдакон ба чунин назорат дар раванди машғулятҳои тасвирӣ ҷалб карда шаванд. Ин ба кӯдакон имконият медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти худ ва рафиқонро дида, таҳлил намуда камбудиҳоро дар оянда ислоҳу бартараф созанд.

Моҳияти раванди педагогӣ дар он аст, ки он дорои мазмун ва муҳтавои воқеӣ буда, амалҳои муайяни касбиро дар бар мегирад. Инчунин, натиҷаҳои ниҳоии фаъолиятро тавсиф карда,  шароити мусоид барои муошират фароҳам меорад [58, С.4].

Баъзе омӯзгорон ба машғулиятҳои тасвирӣ диққати зарурӣ надода, онро ҳамчун вақтхушии кӯдакон меҳисобанд. Аслан рисолати педагог ин бедор кардани шавқу рағбату ҳавас ва ба шур овардани ангезаҳои кӯдакон ва ба ин васила, инкишоф додани шуури онҳо мебошад.

Шарти муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ин дар машғулиятҳои тасвирӣ истифода бурдани воситаҳои техникии таълим, махсусан видео ва аудио, асбобҳо ва ашёи тасвирӣ мебошанд.  Бомуваффақият татбиқ намудани усули аёнӣ дар машғулиятҳо имкон медиҳад, ки тафаккури тасвирии кӯдакон фаъол гардида, аз муайян ба мавҳум ва ё баръакс аз мавҳум ба муайян ба амал ояд.

Усули намоиши видеоҳо дар фаъолияти тасвирӣ гуногун аст. Онҳо метавонанд порчаҳои кӯтоҳ ё тӯлонии аниматсионӣ, намоишҳои саҳнаҳо бо мусиқии миёнарав ва ғайра бошанд.

Рушди эҷодии кӯдакон тавассути адабиёти бадеӣ, шифоҳӣ ва видеоҳову порчаҳои аниматсионӣ ба ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии кӯдакон мусоидат карда, тахайюлот ва тафаккури образнокии онҳоро тақвият мебахшад [161, С.10].

Омӯзиши фаъолияти кӯдакон зери роҳбарии педагог, фаъол кардани мушоҳидаҳо дар бораи воқеияти атроф, дарки ашёи санъату фарҳанг ва

ҷузъиёти меъморӣ ба шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакон дохил мешаванд. Барои фаъол гардонидани мушоҳидаҳои кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ саволномаҳо тартиб додан ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан, ба кӯдакон муроҷиат карда гӯед, ки «Дар сафи пеш чиро мебинед ва чӣ ҷойгир аст?», «Кадом ранг ба осмон шабоҳат дорад?», «Дар фасли тиррамоҳ кадом ранг бештар дар табиат дида мешавад» ва ғайра.

Тавре дар боло зикр гардид, шарти муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ин гуногун будани масолеҳ ва таҷҳизоти бадеӣ мебошад. Барои иҷрои супоришҳо ба кӯдакон ашёи тасвирӣ аз ҷумлаи: қаламҳои ранга, фламастер, гуаш, когазҳои ранга ва ғайра пешниҳод карда мешаванд.Дар ҳар як маврид интихоби ашёи тасвирӣ аз рӯи иҷроиши вазифаи мушаххас муайян карда мешавад. Истифодаи маводҳои гуногуни бадеӣ на танҳо ба кӯдакон имкон медиҳад, ки ба ифодаи тимсолӣ  ноил шаванд, балки ба инкишофи эҷодӣ низ мусоидат мекунанд.

Гузаронидани озмунҳои гуногуни тасвирӣ дар машғулиятҳо яке аз роҳҳои баланд бардоштани рушди эҷодии кӯдакон ба шумор меравад. Масалан, кӯдаконро ба гурӯҳҳо тақсим карда шарт монда мешавад, ки кадом гурӯҳ тезтар ва ифоданок мавзуъи бадеиро тасвир месозад. Дар ин маврид кӯдакон бо навбат ин ё он қисми расмро иҷро мекунанд. Бояд педагог онҳоро бо роҳҳои гуногун ба раванди тасвирӣ дилгарм намуда, даъват ба амал орад, ки кадом гурӯҳе, ки ғолиб барояд тасвири онҳо дар синф нигоҳ дошта мешавад. Кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки тасвири онҳо нисбати гурӯҳи дигар бештар ифоданок ва ҷолиби диққат бошад. Ин раванд дар ниҳоди онҳо ҳисси пешсафӣ, болодастӣ, пирӯзӣ ва бартарӣ доштан нисбат ба рақибонро тарбия мекунад.

Шароити дигари педагогӣ барои инкишофи эҷодии кӯдакон ин муҳайё кардани фазои эътимоднок ва муоширати манфиатдор мебошад. Ташкилкунандаи асосии чунин муҳит педагог ба шумор меравад, ки қодир ба бадеҳагӯи, табдилдиҳӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни таъсири

педагогӣ, татбиқи шаклу усулҳои самарабахши услубҳои мухталифи муносибат дар ҳалли масъалаҳои бадеӣ ва эҷодӣ дар асоси усули муошаратӣ-фароғатӣ мебошад.

Муҳаққиқ Фалей М.В. дар китоби худ «Муошарати педагогӣ» чунин қайд кардааст, ки: «Муошират раванди таъсиррасонӣ ва робитаи мутақобилаи шахсони иҷтимоӣ (шахсон, гурӯҳҳо) мебошад, ки бо мубодилаи иттилоот, таҷриба, фаъолият, қобилият, малака, инчунин натиҷаҳо хос аст. Муошırати шахс бо худ тавассути нутқи дохилӣ ва беруна, ки бо намуди муколама сохта шудааст, ба амал меояд. Ин амал ҳамчун як тарзи универсалии тафаккури инсон ҳисобида мешавад. Виготский Л.С. чунин мешуморад, ки «Шахс ҳатто танҳо бо худ будан ҳам муоширатро нигоҳ медорад» [180, С.10].

Ҳар як педагог имрӯзҳо дар ҷустуҷӯи усулҳо ва методҳои самараноки таълиму тарбия қарор дорад, ки барои беҳтар омӯхтану таҳлили алоҳидаи ҳар як кӯдак ҳамчун як шахс ва дар маҷмӯъ коллективи кӯдакон, ошкор кардани қобилият ва хусусиятҳои онҳо, муайян кардани нерӯи эҷодӣ ва барои инкишофи он шароит фароҳам оварад.

Амалҳои тарбиятгар ба фароҳам овардани шароите нигаронида шудааст, ки дар он кӯдакон метавонанд нақшаи худро мустақилона амалӣ созанд, эҳсосот, табъи худро дар фаъолияти аёнӣ, ороишӣ ва амалӣ баён кунанд ва ба ин ё он намуди он таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Кӯдакон дар вазъияти пайдо кардани роҳҳои ҳалли масъала қарор мегиранд. Дар ин раванд педагог ба фаъолияти кӯдакон бевосита роҳбарӣ накарда, ба зуҳури ташаббус ва фаъолияти эҷодӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Новобаста аз он ки фаъолияти педагог бо кадом марҳила таълим нигаронида шудааст, он бояд тавре сохта шавад, ки ҳар як кӯдак худро дар доираи дарсҳои ҳатми маҳдуд ҳис ва фишори доимии зӯроварии калонсолонро эҳсос накунад.

Хулоса, фаъолияти тасвирии кӯдакон як намуди ҷолиб ва муфиди фаъолият буда, дар рафти он бо истифода аз маводҳои гуногун тасвирҳо ва

ҷадвалҳо бо роҳҳои гуногун сохта мешаванд. Фаъолияти тасвирӣ кӯдаконро бо олами зебоӣ шинос карда, эҷодкориро инкишоф медиҳад. Ин раванд завқи зебоипарстиро ташаккул дода, имкон медиҳад, ки ҳамоҳангии ҷаҳони атрофро кӯдакон эҳсос кунанд.

Фаъолияти тасвирӣ кӯдаконро ба эҷодкорӣ ташвиқ карда, ба онҳо таълим медиҳад, ки ҷаҳонро бо рангҳои зинда бубинанд. Ҳамаи ин дар шароитҳои педагогии ташаккули фаъолияти эҷодии кӯдакон амалӣ карда мешаванд.

## 2.2. Мукаммалсозии раванди рушди эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ва тарҳрезии барномаи педагогӣ

Тарбияи зебоипарстии кӯдакон ва фароҳам овардани шароит барои зухури қобилияти эҷодии онҳо яке аз вазифаҳои муҳими соҳаи маориф ба шумор меравад. Дар ниҳоди кӯдакон бояд аз хурди ҳисси зебоӣ, завқи баланди зебоипарастӣ, қобилияти дарк ва қадр кардани асарҳои санъату ҳунарҳои мардумӣ ташаккул дода шаванд. Ин раванд ба ташаккули инкишофи маҳорату малака ва ҷанбаҳои маънавиву ахлоқии кӯдакон мусоидат мекунад.

Инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ раванди мураккаб ва тулонӣ буда, тавассути он таассуроти аввалини бадеӣ дар онҳо пайдо мешавад. Яъне, бо шаклҳои санъати тасвирӣ шинос шуда, намудҳои гуногуни фаъолияти бадеиро азхуд мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Карпенко Н.А. «Ташаккули тафаккури эҷодӣ бевосита ба ташаккули маҳорат ва лаёқати иҷрокунанда вобаста аст. Махорат ва қобилият ҳар кадар рангин ва мукаммал бошад, тасаввурот ҳамон қадар ғанӣ мегардад. Ва шахс аз уҳдаи вазифаҳои мураккаб баромада метавонад» [73, С.20].

Муҳити иҳотакардаи мо зебо, гуногун ва тағйирёбанда аст. Он пур аз рангҳо, садоҳо, бӯйҳо ва шаклҳои ашё иборат мебошад. Кӯдакон онҳоро ҳар рӯз мушоҳида мекунанд. Ба онҳо таъсир расонида, истифода мебаранд. Ҳамин тавр ҳаёти ботинии онҳо ба тадриҷ инкишоф меёбад, ки онҳоро дар эҷодиёт ифшо кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, кӯдаконро ҳар чи зудтар ба олами санъат ва эҷодкорӣ аз содда ба мураккаб ва аз мушаххас ба умумӣ шинос намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Маврид ба зикр аст, ки санъати тасвирӣ олами маънавии кӯдаконро рушд бахшида, ҳиссиёт, завқ ва ормонҳои онҳоро инъикос мекунад.

Фаъолияти тасвирӣ ҳамчун як намуди фаъолияти кӯдакон унсурҳои таърих ва  назарияи санъати тасвирӣ, ташаккули маҳорати амалии симо ва худфикрии эҷодиро дар бар мегирад.

Асосан мазмун ва муҳтавои фаъолияти тасвирӣ дарк кардан ва омӯхтани асарҳои санъати тасвирӣ, инкишофи завқи тасвирӣ ва ташаккули муносибати эҷодӣ ба воқеиятро ифшо мекунад.

Дар барномаи машғулиятҳои тасвирӣ дар боғчаи бачагона вазифаҳои зерини таълими санъати тасвирӣ ҷой дода шудаанд:

- ✓ инкишоф додани дарки ҳодисаҳои воқеияти атроф;
- ✓ ташаккули малакаҳои амалии фаъолияти бадеӣ;
- ✓ инкишофи мунтазам ва мақсадноки дарки тасвирӣ;
- ✓ ҳисси ранг;
- ✓ фарҳанги эҷодӣ;
- ✓ тафаккури тимсолӣ;
- ✓ тасаввуроти тасвирӣ;
- ✓ қобилияти дар тасвирҳо ифода кардани ҳалли масъалаҳои эҷодӣ;
- ✓ дар раванди фаъолияти меҳнативу ҷамъиятӣ амалан татбиқ намудани қобилиятҳои бадеӣ.

Машғул гардидан ба фаъолияти тасвирӣ ба кудакон имкон медиҳад, то онҳо дарк, тақсимот, мувофиққунонии рангҳо ва мувозинати байниҳамдигарии онҳоро риоя кунанд. Инчунин, кӯдакон тартиби, симоҳо, дақиқ ва ифоданок тасвир кардани воқеиятро аз худ мекунанд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ба фаҳмидани маънои аслии тасвирҳо огоҳӣ пайдо кунанд.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон донишҳои гуногунро азхуд мекунанд, ақидаҳо дар бораи муҳити атрофу ашё мукаммал ва амиқ мегарданд ва тарзи бошуурона истифода бурдани онҳоро меомӯзад [83, С.10].

Бояд қайд кард, ки рангҳо воситаи маъмулии образнок ва ифодакунандаи тасвирҳо ба шумор мераванд. Бо шарофати онҳо рассом имконият пайдо мекунад, ки гуногунии олами атрофро инъикос созад.

Кӯдакон бо истифода аз рангҳо метавонанд тамоми ҳиссиёти худро ба таври тасвир ифода карда, эҳсосоти дохилиро ифшо созанд.

Рангҳо воситаи ҷолибтарине маҳсуб шаванд, ки диққати кӯдаконро ба худ ҷалб намуда, ба ҳиссиёти онҳо таъсир мерасонад.

Рушноӣ ва ранг ба ташаккули ҳолатҳои психофизиологии ҷисм таъсири қавӣ доранд [34, С.16].

Шинос кардани кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ аз ҳар ҷиҳат шароити мусоид фароҳам оварда, дар ниҳоди онҳо муҳаббат ба табиатро мепарварад. Инчунин, диққат, зеҳн, интихоби дурусти ранг, қобилияти муқоиса, таҳлил ва баҳо додан ба корҳои дигаронро инкишоф медиҳад.

Педагог бояд дар раванди фаъолияти тасвирӣ чунин қоидаҳои зеринро риоя намояд:

• дар фаъолияти тасвирӣ кӯдакон фазои озод барои нишон додани ташаббус ва эҳсосоти худро дошта бошанд;

• кӯдаконро дар интихоби маводи зарурии тасвирӣ маҳдуд кардан лозим нест;

• тасвирҳои онҳоро дар байни гурӯҳ танқид кардан ҷоиз нест;

• тасвири кӯдак ҳарчанд диққатҷалбкунанда ҳам набошад, педагог бояд ба он эътибор диҳад.

Фаъолияти тасвирӣ воситаи муҳимтарини тарбияи зебоипарастӣ мебошад. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи равониву эҳсосотии кӯдакон ва дарки мусбати бадеӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ки ба ташаккули муносибатҳои зебоипарастӣ ба воқеият мусоидат мекунанд. Фаъолияти тасвирӣ фаъолияти эҷодие мебошад, ки на танҳо ба инъикоси таассуроти аз ҳаёт гирифташуда, балки ба ифодаи муносибати худ ба тасвиршуда нигаронида шудааст.

Фаъолияти тасвирӣ аз донишҳое, ки дар раванди ҳаёт ба даст меоянд, манша гирифта, ба таври расм дар эҷоди кӯдакон инъикос мегарданд. Инчунин, мисли ҳама гуна фаъолияти маърифатӣ барои тарбияи равонии

кӯдакон аҳамияти бузург дорад. Азхуд кардани қобилиятҳои тасвирӣ бе инкишофи дарки мақсадноки аёнӣ – мушоҳидавӣ имконнопазир аст. Барои тасвир кардани ягон ашё ё воқеият аввал бояд онро хуб дарк намуда, шакл, андоза, тарҳ, ранг ва ҷойгиркунии қисмҳои онро дар хотир нигоҳ доред. Барои инкишофи тафаккури тимсолии кӯдакон тадриҷан васеъ кардани захираҳои дониш дар асоси ақидаҳо дар бораи гуногунии шаклҳои ҷойгиршавии ашёҳои олами атроф, андозаҳо ва рангҳо аҳамияти калон дорад.

Равоншинос Петровский А.В. қайд мекунад, ки тахайюл дар ҳамон ҳолат фаъол мегардад, ки номуайянии вазъият ба нуқтаи баланди худ расидааст [138, С.11].

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ фаъолияти фикрӣ ва ҷисмонӣ ба ҳам пайваста мешавад. Барои эҷод кардани тасвир кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки бо як шавқу завқи зиёд ва амалҳои меҳнатӣ аз иҷрои супориши дода шуда бароянд. Фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакони синни томактабӣ барои бартараф намудани душвориҳо, ҷидду ҷаҳд барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ва азхуд намудани малакаҳои меҳнатиро меомӯзонад. Кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ бисёр малакаҳои амалиро ба даст меоранд, ки баъдтар барои иҷрои корҳои гуногун истифода мешаванд. Маҳорати бо даст иҷро кардани амалҳо ба кӯдакон имкон медиҳад, ки мустақилиятро ҳис кунанд. Ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ба чунин сифатҳо ба мисли: таҳаммулпазирӣ, устуворӣ, тобоварӣ, чусту чолокӣ ва пешсафӣ алоқаманд аст. Иштироки кӯдакон дар тайёрӣ ба машгулиятҳо ва корҳои ободонӣ ба ташаккули меҳнатдӯстӣ ва худхизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ аз марҳилаҳои гуногуни ҳаётӣ иборат мебошад. Ва дар ҳар марҳила тасвири кӯдакон обу тобиши гуногунро ба худ касб мекунад.

*Марҳилаи якум давраи пеш аз тасвирӣ* мебошад. Давраи пеш аз тасвирӣ аз синни 1,5-2 солагӣ сар карда, то 3-3,5 сол идома меёбад. Дар ин

давра хислат ва рафтори кӯдакон тақлидкорона мебошад ва онҳо кушиш мекунанд, ки амалҳои калонсолонро такроран иҷро намоянд. Дар ин айём дар кӯдакон кашидани хат, азхуд кардани шаклҳои ибтидоии ашё ва намуди зоҳирии тасвир пайдо мешаванд.

Кӯдакони ин синну сол на ҳамеша метавонанд мақсадҳои худро ба тариқи тасвир аз сабаби таҷрибаи нокифоя доштан, ифшо созанд. Кӯдакон аксар вақт тасвирҳои афсонавиро аз тасвирҳои воқеӣ фарқ намекунанд ва баъзан омодаанд ба ҳама гуна тасвир розӣ шаванд [23,С.181].

Дар марҳилаи аввал, тасвири кӯдакон ба муддати тӯлонӣ бетағйир мемонад. Аввалин зуҳуроти нақша то андозае тасодуфӣ ба назар мерасад. Ва кас гумон мекунад, ки кӯдак ба тасвир не, балки ба калам шавқ дорад.

Дар оғоз  вақте  ки кӯдак қаламро ба даст мегирад, дар тасвирҳои онҳо танҳо хатҳо кашида мешаванд. Вақте  ки ҳаракатҳои кӯдак дақиқтар мешаванд, ӯ имкон пайдо мекунад, то хатҳои тасвиршударо гуногунранг кунад. Диккати худро ба хатҳо ҷалб карда, як хатро аз дигараш авлотар донистан мегирад. Ва хате, ки ба ӯ бештар писанд омадааст, онро такроран идома медиҳад.

*Марҳилаи тасвирҳои бешакл* камтар аз як сол идома меёбад (ин марҳила кӯдакони синни 3-4 соларо дар бар мегирад). Дар аввал, он ба тасвири қаблӣ хеле монанд аст. Тасвирҳо оддӣ ва дар байни онҳо кӯшиши кашидани чизи воқеӣ хеле кам дида мешавад. Асосан, дар ин марҳила кумаки  мураббӣ  ба кӯдакон бештар лозим мебошад. Кӯдакон аз уҳдаи тасвири оддӣ баромада метавонанд, аммо баъзан ба мушкилӣ дучор меоянд, ки бе ёрии амалии мурработӣ дар  иҷрои он мушкилӣ мекашанд. Масалан, мошин ё  крани борбардорро онҳо борҳо дидаанд, вале дар иҷрои баъзе амалҳо мустаҳқилона баромада наметавонанд. Педагог дар ҳолати ҷойдошта бо саволҳои ёрирасон метавонад ба кӯдакон барои иҷрои амал ёрӣ расонад.

Ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ дар боғчаи бачагонаи № 3 дар шаҳри Ҳисор, ки сарварии онро Муҳаммадзода Дилафрӯз ба ӯҳда

дошт, дар гурӯҳи 4 мушоҳида кардем, ки кӯдакон аз иҷрои супориши дода шуда ба мушкилӣ баромада истодаанд. Мавзуи машғулияти тасвирӣ кашидани расми дарахти себ буд. Кӯдакон бо шавқи беандоза ба тасвирӣ он мепардохтанд. Аммо дар байни кӯдакон онҳое низ буданд, ки ба кумаки мураббӣ ниёз доштанд. Мо бо ҳамроҳии мураббӣ бо саволҳои ёрирасон аз ҷумлаи «Дарахтро дидаӣ?, Дарахт чӣ дорад?, Шакли себ чӣ хел аст?» ва амсоли инҳо. Албатта, баъди чунин ёрии амалии мо тасвири кӯдакон то андозае шакли ифоданокро ба худ касб кард.

*Марҳилаи дигар тасвирҳои боварибахш* мебошад. Дар аксари кӯдакон дар синни 5-6-солагӣ оғоз шуда, то 13-14-солагӣ идома меёбад.

Агар тасвирҳои кӯдакон дар марҳилаҳои пешин маъно ва ифоданок набошанд, пас дар ин марҳила тасвирҳои онҳо то як андоза пурмазмун ва фаҳмо инъикос мешаванд. Масалан, агар кӯдакон мошинро дар марҳилаҳои пешин на онқадар ифоданок тасвир мекарданд, дар ин марҳила онҳо ба шакл, андоза, намуд ва ранги он таваҷҷуҳ менамоянд. Оҳиста –оҳиста дар кӯдакон дарки андозаи ашё пайдо мешавад. Шакли мошинҳо тағйир меёбанд. Ранги онҳоро кӯдакон дигар мекунанд. Қисматҳои мошин ба таври ифоданок тасвир мешаванд. Чархҳои онро гуногун тасвир мекунанд. Инчунин, роҳе, ки мошин бояд дар он истода бошад, инъикос мекунанд. Яъне, дар кӯдакон дарк, мавқеъ ва ҳолати ашё пайдо шудан мегирад.

Дар ин марҳила кӯдакони синни томактабӣ муносибати онҳо ба ҷаҳони атроф, ба ашё, роҳҳои истифодаи онҳо ташаккул меёбанд. Фаъолияти онҳо торафт рушд карда, доираи мавзуъҳо васеъ мегарданд. Тасвирҳо торафт хислати мушаххасона пайдо мекунанд. Кӯдакон аз амалҳои муштарак бо калонсолон ба фаъолияти мустақил мегузаранд ва худро ҳамчун шахсият дарк мекунад.

Кӯдакони ин синну сол тамоми ҳолатҳои эҳсосии дигаронро дарк мекунанд, эҳсосот ва муносибатҳо устувор мегарданд, инчунин ҳиссиёти олӣ, зеҳн ва малакаҳо ташаккул меёбанд[78, С.7].

Марҳилаи дигари фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ *марҳилаи тасвирҳои ҳақиқӣ (ё асил)* мебошад. Тасвирҳои кӯдакон дар ин марҳила маъно ва муҳтавои дурустро касб мекунанд. Кӯдакон бодиққат қисматҳои ашёро тасвир месозанд ва дарки ранг дар онҳо пайдо мешавад.

Дар синни 5-7-солагӣ инкишофи олами симоҳои-тахайюлӣ дар фаъолияти тасвирии кӯдакон сурат мегирад. Масалан, кӯдакон биноҳои бисёрошёна, роҳравҳо, дашти гулҳо, дарахтзор ва ҳайвоноту паррандагонро тасвир мекунанд. Инчунин, аз ӯҳдаи акси одамон низ мебароянд. Кӯдакон аллакай дар синни 5-6-солагӣ муносибатҳои дохили оиларо хуб медонанд ва онҳоро дар тасвирҳои худ нишон медиҳанд. Онҳо кушиш мекунанд, аз рангҳои гуногун истифода намуда, тасвирҳоро оро диҳанд.

Бояд қайд кард, ки кӯдакони синни томактабӣ дар эҷоди тасвирҳо як қатор хусусиятҳо доранд. Аввалан, кӯдакон бештар ба ҳодисаи рухдода таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, бештар хатҳо, андоза ва шаклҳоро ифода мекунанд. Сипас, ташаккули заминаи бадеӣ-хаёлии фаъолият ба амал меояд ва нияти онҳо аллакай медонанд бо кадом тарз мақсадҳои худро дар фаъолияти тасвирӣ амалӣ созанд. Умуман, фаъолияти тасвирии кудакони синни томактабиро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: онҳое, ки тасвири ашёи алоҳидаро афзалтар медонанд ва онҳое, ки ба ифшои мазмун майл доранд.

Равоншиносон ва педагогҳо фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабиро ба якчанд марҳилаҳои гуногун тақсим кардаанд, ки ҳар як давра хусусиятҳои хоси худро дорад ва ҳар кадоми онҳо ба таҳлил ва ташхиси тасвирҳои кӯдакон ёрӣ мерасонанд [190, С.5].

**Нақшаи фаъолияти тасвирии кӯдакони синни хурдсоли томактабӣ**

| | |
|---|---|
| 1 моҳа | Ба таври рефлекторӣ қаламро дар даст нигоҳ медорад, аммо ба он нигоҳ намекунад. |
| 1-3 моҳа | Ҳаракатҳо торафт мураккабтар мегарданд, вале ба қалам |

| | |
|---|---|
| | вокуниш нишон намедиҳад. |
| 3-5 моҳа | Баланд бардоштани ҳамоҳангсозии даст ва чашм. Коғаз ва қаламро ба даст гирифта онҳоро алвонҷ медиҳад. |
| 6-9 моҳа | Ба қалам даст мерасонад ва онро меҷунбонаду мекӯбад. Коғазро пора мекунад. Ба дахонаш калам мегузорад. |
| 9-12 моҳа | Кӯдак коғазро бо калам мезанад ва дар он хатҳои мекашад. |
| 12-18 моҳа | Қаламро бо шиддат ба ҳаракат медарорад ва хатҳои дар рӯи коғаз ҳосилшуда диққати ӯро лахзае ба худ ҷалб месозанд. |
| 18-21 моҳа | Оромона хат мекашад. Фарқи байни хатҳои рост ва даврашаклро дарк мекунад. |
| 24-30 моҳа | Намуди тасвирҳо диққати ӯро ба худ ҷалб месозанд. Ӯ мехоҳад муддати тӯлонӣ тасвир кашад. |
| 30-36 моҳа | Аз уҳдаи тасвири доирашакл ва хатҳои бурида баромада метавонад, аммо такроран онро карда наметавонад. |
| 36-48 моҳа | Хати рост ва хати уфуқӣ кашида метавонад. Давраро аз намунаи пешниҳодшуда нусхабардорӣ мекунад. |
| 48-60 моҳа | Аз ӯҳдаи такрори бисёр тасвирҳо мебарояд. Хати каҷро аз рост фарқ мекунад. Ба осонӣ секунаҷа ва чоркунҷаро тасвир мекунад. |

Эҷоди кӯдакон ин инъикоси бошууронаи воқеияти атроф дар асоси кори тахайюлот, мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо мебошанд, ки тавассути калима, тасвир ва дигар шаклҳои санъат инъикос мешаванд.

Раванди эҷодӣ як шакли махсуси гузариши сифатӣ аз маълум ба нав мебошад. Эҷодкории кӯдак муҳимтарин сифатҳои шахсияти ӯ буда, ташаккули тамоми қобилиятҳои дигарро ташкил медиҳад. Ин ҷаҳонбинии махсуси кӯдак, муносибати махсуси ӯ ба олами атроф чӣ аз ҷиҳати идрок ва чӣ аз рӯи тағйирёбӣ мебошад.

Кӯдакони 5-6 сола ашёи атрофро дарк карда, аллакай кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои онҳоро нишон диҳанд. Инчунин, таҳлили умумӣ ва хулосаҳо барорад. Кӯдакон аксар вақт ба ҷузъиёте, ки диққати онҳоро

ба худ ҷалб месозад, машғул мешаванд, ки дар бисёр маврид ҳангоми машғулиятҳои тасвирӣ муҳим нестанд. Масалан, кӯдакон дар даст қалами сурх ё сабз доранд, вале онҳо бо виқор пофишори карда талаб мекунанд, ки қалами сиёҳ ба онҳо дода шавад. Ҳол он, ки бо қалами сурх ё сабз низ тасвир кардан мумкин аст. Чунин ҳолатҳо дар рафти корҳои озмоишӣ борҳо ба мушоҳида расидаанд, ки то як андоза ба фаъолияти тасвирӣ монеаҳо эҷод мекунанд. Бояд педагог ё мураббӣ ба онҳо дар ин масъала кумак расонида фаҳмонад, ки бо қалами сурх ё сабз тасвир кардан ҳам ба маврид хоҳад буд.

Вазифаи асосии педагог ин аст, ки дарки аслии эҷод ва назари кӯдаконро ба ашёи гирду атроф тағйир надиҳад. Ба кӯдак гуфтан лозим нест, ки ӯ нодуруст тасвир мекунад. Ин амал метавонад, ба рӯҳияи ӯ таъсирҳои манфӣ расонад. Инчунин, набояд рамз ва назари худро ба кӯдакон таҳмил кунед [69, С.6].

Дар синни калонсолии томактабӣ дар кӯдакон сатҳи тафаккури тахлилӣ бештар инкишоф меёбад, ки барои раванди тасвир муҳим аст. Инкишофи эҷодкорӣ ҳамчун хислати шахсияти кӯдаки синни томактабӣ бояд яке аз вазифаҳои асосии системаи таълим ва тарбияи онҳо гардад.

Синну соли томактабӣ барои рушди тахайюл заминаи мусоид фароҳам оварда, барои нақшаҳои минбаъдаи кӯдакон мусоидат мекунад. Омӯзгорро зарур аст, ки раванди табиии ҳаёт ва фаъолияти кӯдаконро эҷодкорона намояд. Кӯдаконро дар ҳолатҳои эҷодиёти маърифатӣ, бадеӣ ва ахлоқӣ тарбия намояд. Корҳои махсус, ки омӯзгор дар машғулиятҳо ва раванди таълим бояд иҷро намояд, ба рушди эҷодкорӣ нигаронида шуда, тафаккур ва тахайюли кӯдаконро ташаккул диҳад.

Ҳар қадаре, ки омӯзгор ва мураббӣ бо кӯдакон кор баранд, дар байни онҳо ҳамон қадар муносибат мустаҳкам мегардад. Аз ин рӯ, мавқеи ягонаи педагог дар инкишофи кӯдакон ва ҳамкории байни онҳо яке аз шартҳои муҳимтарини рушди эҷодиёт мебошад.

Кӯдакон ҳамеша бо як ҳисси боварӣ ба одамон ва бо чеҳраи кушодаву беолоиш ба ҷаҳони атроф нигоҳ мекунанд. Бо дастгирии дигарон ин сифатҳо дар ниҳоди кӯдакон рушд карда, эътимод ба худ дар онҳо инкишоф меёбад. Дастгирии равоние, ки калонсолон пайваста ба онҳо менамоянд, ба ташаккули кӯдакон таъсири мусбат расонида, як навъ пешгирии ҳолатҳои равонӣ ва мутобиқшавии фаврӣ ба ҳолат мегардад [108, С.7].

Инкишофи фаъолияти бадеӣ ва эчодии кӯдаконро бе алоқа бо санъат тасаввур кардан мумкин нест. Кӯдак бо таъсири дурусти калонсолон маънӣ, моҳияти бадеӣ, воситаҳои тасвирӣ ва ифодакунанда ва маънои тобеии онҳоро дарк мекунад. Ва дар хамин асос фаъолияти эҷодиро беҳтар ба роҳ мемонад.

Азбаски эҷодкорӣ ҳамеша ифодаи фардият аст, дар ташаккули мақсадноки қобилияти эҷодӣ хусусиятҳои фардии кӯдакро ба назар гирифтан лозим аст. Мизоҷ ва хусусиятҳои баъзе равандҳои равонӣ (масалан, намуди бартаридоштаи тасаввурот) ва ҳатто рӯҳияи кӯдакро дар рӯзе, ки корҳои эҷодиро ба анҷом мерасонад, ба назар гирифтан муҳим аст.

Дар раванди фаъолияти эҷодӣ кӯдакон бояд худро озод, ором ва бароҳат ҳис кунанд. Агар дар синф ё фаъолияти мустақили бадеӣ, фазои муоширати боэътимод, ҳамкорӣ, ҳамдилӣ, боварӣ ба қувваи кӯдакон, дастгирӣ дар ҳолати нокомӣ ва шодӣ аз дастовардҳои онҳо хукмфармо бошанд, раванди фаъолияти эҷодӣ ба маротиб самарабахш мегардад.

Машғулиятҳои гурӯҳи дар ҳама давру замон афзалияти худро дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ борҳо собит кардаанд.

Ба андешаи Сухомлинский В.А. Асоси муҳимтарини кори тарбиявӣ ин иштироки ҳар як кӯдак дар ҳаёти гурӯҳҳои гуногун мебошад. Чунки, ҳар як гурӯҳ тарз ва усули корбарии худро дошта, ҷанбаҳои бисёртарафаи маънавии шахсро рушд мебахшанд [171, С.50].

Дар кори бомуваффақият гузарондани машғулиятҳои гурӯҳӣ омодагии пешакӣ, тайёр кардани таҷҳизот, масолеҳ ва ташкили кӯдакон

нақши калон доранд. Ҳангоми ташкили машғулиятҳои гурӯҳӣ бояд пеш аз ҳама, хусусиятҳои хоси фаъолияти якҷояи кӯдакони ҳар як синну сол ва дараҷаи тафаккури онҳо ба назар гирифта шаванд.

Дар гурӯҳи хурдсоли томактабӣ дар машғулиятҳои аввал омӯзгор бояд кори инфиродии кӯдаконро ба кори умумӣ якҷоя карда, маромнокӣ ва диққати онҳоро бо амалҳо ва хитоби худ ҷалб созад. Дар машгулиятҳои гурӯҳӣ маҳорати амалии кӯдакон такмил дода мешаванд.

Дар гурӯҳи миёнаи томактабӣ дар машғулитяиҳои тасвирӣ педагог ба кӯдакон муроҷиат карда гӯяд, ки онҳо дар байни худ барои иҷрои вазифаи додашуда, бо маслиҳат ва бо салоҳдиди худ супоришҳоро тақсим намоянд. Инчунин, педагог метавонад раванди машғулиятро ба таври бозӣ суръат бахшад. Ва дар охири машғулият онҳое, ки аз иҷрои супориш баромадаанд, раҳматнома ва арзи сипос намояд. Ин раванд дигар кӯдаконро ба шур оварда онҳо низ мехоҳанд, дар машғулиятҳои минбаъда дастболо шаванд.

Дар гурӯҳи калонсоли синни томактабӣ бошад кӯдакон аллакай таҷрибаи амали муштарак доранд. Онҳо қисмҳои супоришро байни худ тақсим мекунанд, ба ҳамдигар кӯмак мекунанд, усулҳои инфиродии техникӣ ва тасвириро муҳокима мекунанд, ба рафиқон бо дархост муроҷиат мекунанд ва барои хидмат ба онҳо миннатдор мешаванд. Фаъолияти гурӯҳҳии кӯдакони синни томактабӣ бо роҳбарии мақсадноки педагог равияи эҷодӣ пайдо мекунад. Кӯдакон дар машғулиятҳои гурӯҳҳи муҳокимаи мазмуну мундариҷаи воситаҳои тасвириро меомӯзанд(таркиб, ранг, мавод, усулҳои эҷод, инчунин усулҳое, ки ба ифоданокии тасвирҳо мусоидат мекунанд).

Яке аз қисматҳои мукаммалсозии раванди педагогии фаъолияти тасвирӣ ин гузаронидани корҳои инфиродӣ бо кӯдакон мебошад. Корҳои инфиродӣ бо кӯдакон дар ду самт амалӣ карда мешавад:

1. Бо кӯдакони қафомонда, сусту танбал, шармгину дар худ баста ва парешон.

2. Кор бо кӯдакони болаёқат, ки ба фаъолияти тасвирӣ шавқу рағбати доимӣ зоҳир менамоянд.

Кори инфиродӣ бо кӯдакони синни томактабӣ барои бартараф намудани душвориҳои мушаххасе, ки кӯдак ҳангоми таълим дар машғулиятҳо рӯ ба рӯ мегардад, мусоидат мекунад.

Шакли инфиродии ташкили таълим имкон медиҳад, ки таълим (мазмун, усул, воситаҳо) фардӣ кунонида шаванд. Ин тарз аз кӯдак хароҷоти зиёди асаб, нороҳатии эҳсосотӣ ва маҳдудият бо дигар кӯдаконро талаб мекунад [101].

Барои он, ки кӯдакон ба меҳнати эҷодӣ дилбастагӣ дошта бошад, омӯзгор ё мураббӣ бояд ба онҳо сари вақт кумак расонад. Усулҳои расонидани кӯмак метавонанд, гуногун бошанд. Масалан: маслиҳат додан, роҳнамоӣ кардан, шарҳ додан, нишон додани роҳи ҳалли масъала, ҳавасманд кардан ва ғайра.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки яке аз муҳимтарин нақши фаъолияти тасвирӣ ин тарбияи бадеӣ-зебоипарастӣ мебошад.

Тарбияи зебоипарастӣ ташаккули ҳиссиёти зебоипарастӣ дар шахс ва шакли махсуси муносибати маънавӣ ва амалӣ ба воқеияти атроф мебошад. Ҳар як асари бадеӣ-фарҳангӣ ва омили аз ҷиҳати зебоипарастӣ аҳамиятнок: табиати зебо, муносибати гуворо, раванди меҳнат ва натиҷаҳои он, муҳити шахр ба сифати объекти зебоипарастӣ шуда метавонад. Тарбияи зебоипарастӣ ин ташаккули муносибати зебоипарастӣ на танҳо ба санъат, балки ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон арзиши зебоӣ доранд, мебошад. Бинобар ин, агар воситаи тарбияи бадеӣ санъат бошад, пас воситаи тарбияи зебоипарастӣ ҳам санъат ва ҳам тамоми доираи фаъолияти амалии инсон ва табиати иҳотакардашуда ба шумор меравад.

Ба андешаи муҳаққиқ Бутенко Н.В. «Натиҷаи фаъолияти тасвирии кӯдакон нишондиҳандаи рушди зеҳн, маърифат, бадеият, зебоӣ ва эҷодии онҳо мебошанд» [22, С.125].

Тарбияи зебоипарастӣ инкишофи зебоипарастиро ҳамчун раванди фаъолгардонии идрок, тасаввуроти эҷодӣ, тафаккури тахайюлӣ ва эҳсосотро дар бар мегирад. Моҳияти тарбияи зебоипарастӣ аз таъсирҳои бадеӣ ба тарбиягирандагон вобаста аст.

Тарбияи зебоипарстии кӯдакони синни томактабӣ  чанд қисматро дар бар мегирад:

- дар кӯдакон инкишоф додани маҳоратҳои эҷодӣ ва фароҳам овардани шароит барои дарки омилҳои зебоипарастӣ;
- дарки моҳияти арзишҳои маънавӣ;
- тарбияи ғоявию ахлоқӣ ва бадеӣ;
- омӯзиши малака ва маҳоратҳое, ки ҷалби кӯдаконро ба фаъолияти эҷодӣ-ташаббускорӣ таъмин менамояд;
- инкишофи қувваҳои мухими маънавӣ, ҷисмонӣ ва маҳорати эҷодӣ.

Фаъолияти бадеии кӯдакони синни томактабӣ восита ва шарти тарбияи зебоипарастӣ  мебошад, ки бевосита ба чунин намудҳои санъат ба мисли: эҷодиёти шифоҳӣ, бадеӣ, ороишӣ, бозиҳои театрӣ, ҳунармандӣ, санъати тасвирӣ ва мусиқӣ алоқаманд аст.

Татбиқи вазифаҳои тарбияи зебоипарастӣ дар шароитҳои зерин сурат мегирад:

- муносибатҳои инфиродӣ ба кӯдакон;
- муҳити мусоид;
- нигоҳдории асарҳои санъат дар ҳаёти ҳаррӯза;
- дастгирии ташаббус ва хоҳишҳои кӯдак.

Инкишофи эҳсосоти зебоипарастӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон зебоиро дар ҷаҳони атроф бубинанд. Инчунин, санъат манбаи ҳаёти инсон низ мебошад. Дар бисёр маврид санъат қодир аст, шахсро ба ҳаёт ва мубориза бурдан бар зиддӣ мухолифатҳои дохилӣ роҳандозӣ намояд. Ин кувва метавонад рафторҳои худ ва дигаронро дар дараҷаи баланди ахлоқӣ нигоҳ доранд. Тарбияи бадеӣ- зебоипарастӣ ҷанбаҳои муҳимтарини шахс,

таҳкурсии ҷаҳонбинӣ дар муносибат ба ҷаҳон, фаъолияти равонӣ-эҳсосотӣ ва зебоӣ бахшидан ба олами атроф ба ҳисоб меравад [52, С.5].

Мусаллам аст, ки санъат ҳиссиёти зебоипарастиро ба вуҷуд меорад. Дараҷаи марказӣ дар ин низом вожаи зебогӣ ба шумор меравад. Ин вожа ҳамчун синоними эстетикӣ қабул карда шудааст, зеро эстетика ҷуз таълимоти зебоӣ чизи дигаре нест.

Дар синни томактабӣ кӯдакон зебоии ашёро хеле осон дарк мекунанд, баъзан ҳангоми баҳодиҳии зебои онҳо аз ҷониби педагог ё мураббӣ ва ҳамсолон роҳнамоӣ карда мешаванд.

Ушинский К.Д. қайд мекунад, ки кӯдакон дар тасаввури худ симои ҳақиқии ашёро мебинад ва баъзан бозичаи шикастаи худро бо садоқат дӯст медорад ва калонсолон ӯро бовар кунонда ҳам наметавонанд, ки бозичаи нав зеботар ва бехтар аст. Барои кӯдакон он кас ё чизе зебо менамояд, ки онҳо фикру ҳиссиёт ва муҳаббаташонро додаанд [91].

Зебоиро кӯдакон ҳамчун ягонагии шакл ва мундариҷа дарк мекунад. Шакл дар маҷмӯи садоҳо, рангҳо, хатҳо ифода меёбанд. Аммо дарк танҳо дар ҳамон вақт зебо мегардад, ки ҷиҳатҳои эҳсосӣ дар он дида шаванд.

Дарки зебогӣ бо ҳиссиёт ва таҷриба алоқаи зич дорад. Хусусияти эҳсосоти зебогӣ ин шодии беғараз ва ҳаяҷонбахши эҳсосӣ мебошад, ки аз вохӯрӣ бо зебоӣ ба вуҷуд меояд. Педагог бояд кӯдаконро ба дарки зебоӣ, вокуниши эҳсосӣ ба он, ташаккули ақидаҳои зебоӣ ва баҳодиҳӣ раҳнамоӣ созад.

Ба кӯдакони синни томактабӣ қариб ҳама намудҳои фаъолияти бадеӣ аз ҷумлаи ҳикояҳо, сурудхонӣ, расмкашӣ, ихтороъкорӣ ва амсоли инҳо дастрас мебошанд. Табиист, ки онҳо асолати бузурге доранд, ки дар инъикоси соддалавҳона, самимият, боварӣ ба ҳақиқати тасвиршуда, бепарвоӣ нисбат ба тамошобину шунаванда ифода ёфтаанд. Дар ин марҳила инкишофи қобилиятҳои эҷодии бадеии кӯдакон сурат мегирад, ки дар пайдоиши мафкура, амалан татбиқ намудани он дар фаъолият,

малакаи ба ҳам пайвастани донишу таассуроти худ ва самимият дар ифодаи ҳиссиёту фикр зоҳир мегарданд.

Барои боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондан ва пажӯҳиши инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ барномаи рушди эҷодии кӯдаконро дар асоси Стандартҳои давлатӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф таълиф ва роҳандозӣ намудем.

Барномаи пешниҳодшуда ба ташаккули фарҳанги бадеии кӯдакони синни томактабӣ, ки як ҷузъи маънавиёт ба шумор меравад, кӯдаконро ба олами санъат, арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ва ба даст овардани таҷрибаҳо равона месозад. Ташаккули ҷанбаҳои фарҳангии шахсияти эҷодкор дар кӯдакон инкишоф ёфта, сифатҳои эҷодкорӣ, ташаббус ва қобилиятҳои махсус, ки ба онҳо имкон медиҳанд, то худро дар намудҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ нишон диҳанд, рушд мекунанд.

Барномаи «Инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» такя ба самтҳои афзалиятноки корҳои таълимию тарбиявӣ, ки ба рушди устуворӣ, диққат, таҳаммулпазирӣ, тафаккур, тахайюл ва маҳорати ҳаракатҳои даст роҳандозӣ гардидааст.

Истифодаи усулҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии фаъолияти тасвирӣ ба кӯдакон эҳсосоти мусбат бахшида, имкони истифодаи ашёи шиносро ҳамчун маводи бадеӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ муҳайё месозад. Чунин раванди фаъолият ба рушди истеъдод, тасаввурот, завқи бадеӣ ва тафаккури кӯдакон мусоидат мекунанд.

Усулҳои тасвирии ғайрианъанавӣ ба рушди тахайюл ва эҷодкорӣ, зуҳури мустақилият, ташаббус ва ифодаи шахсият мусоидат мекунанд. Татбиқ ва якҷоя кардани методҳои гуногуни тасвир дар фаъолият кӯдаконро ба фикр кардан далолат дода, мустақилона истифодабарии ин ё он техникаро дар тасвир нишон медиҳанд [131, С.7].

Дар рафти иҷрои барнома ҳар моҳ намошҳои эҷодии кӯдакон ташкил карда мешуданд, ки ба ташаккули инкишоф, маҳорату малака ва қобилиятҳои тасвирии онҳо таъсир мерасониданд.

***Мақсади барнома:*** фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, худшиносии эҷодӣ ва рушди қобилиятҳои бадеӣ.

***Вазифаҳои барнома:*** кӯдаконро ба усулҳои гуногуни анъанавӣ ва ғайрианъанавии фаъолияти тасвирӣ, маводҳои гуногуни бадеӣ ва усулҳои кор бо онҳо шинос намудан;

- ташаккул додани завқи бадеӣ, тахайюл, зеҳн, заковат, тасаввуроти симоӣ, тафаккури эҷодӣ, диққат ва таваҷҷуҳи доимӣ ба фаъолияти бадеӣ дар кӯдакон;
- инкишофи малака ва маҳоратҳои зарурӣ барои эҷодӣ тасвир;
- кӯдаконро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, хоҳиши ба даст овардани муваффақият бо меҳнати худ ва худшиносии эҷодӣ тарбия намудан;
- тарбияи вокуниши эҳсосӣ тавассути ташаккули «Ман»;
- ташаккули шавқу завқ ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ.

Барнома барои кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод карда мешавад.

***Муҳлати иҷрои барнома*** барои 1 сол пешбини гардидааст. Давомнокии машғулиятҳои тасвирӣ:

- кӯдакони синни 3-4 сола – 10-15 дақиқа;
- кӯдакони синни 4-5 сола – 15-20 дақиқа;
- кӯдакони синни 5-6 сола – 20-25 дақиқа;
- кӯдакони синни 6-7 сола – 25-30 дақиқа.

***Шакл ва воситаҳои татбиқи барнома*:**

- корҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ бо кӯдакон;
- намоиши асарҳои эҷодии кӯдакон дар гурӯҳ ва роҳраву толорҳои муассисаи таълимии томактабӣ;
- иштирок дар озмунҳо, бозиҳо ва намоишҳои театрӣ-сюжетӣ;

- машварат ва ҷамъомадҳо бо волидайни кӯдакон;
- интишори маълумот дар вебсайти муассисаи таълимии томактабӣ.

***Методҳои барнома:***

- шифоҳӣ. Ин метод ба таври суҳбат, шарҳ ва ҳикояи маърифатӣ роҳандозӣ мегардад;

- аёнӣ. Ба тариқи расмҳо, диаграммаҳо, ашё ва намунаҳо ба роҳ монда мешавад;

- мушоҳида. Ба тариқи сайру гаштҳо дар табиат амалӣ мегардад;

- бозӣ. Ба тарзи дидактикӣ, рушдкунанда ва рақобатпазирӣ гузаронида мешавад;

- таълимӣ-масъалаи муҳим. Ба тариқи ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳи ҳалли вазифа ва бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта роҳандозӣ мегардад.

***Принсипҳои барнома:***

- ба роҳ мондани фаъолияти эҷодӣ дар асоси хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак;
- ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синну солӣ ва ҳолатҳои равонии кӯдакон;
- роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои педагог бо кӯдакон;
- дастгирии ташаббусҳои кӯдакон дар чорабиниҳо ва намоишҳои гуногун;
- ташкили бозӣ-сюжетӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ;
- шиносии кӯдакон ба меъёрҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа тавассути фаъолияти тасвирӣ.

***Шароитҳое, ки барои инкишофи эҷодии кӯдакон мусоидат мекунанд:***

- аз синни хурдсолӣ ворид кардани кӯдакон ба фаъолияти тасвирӣ;

- инкишофи дурусти ҷисмонӣ ва сари вақтии кӯдакон;

- муҳайё кардани шароитҳое, ки кӯдаконро барои эҷод фаъол мегардонад;

- машғулиятҳои тасвирии кӯдакони синни томактабӣ танҳо бо роҳи бозӣ роҳандозӣ карда шаванд;

- гуногунии фаъолияти тасвирӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ;

- пешниҳоди муҳити озод дар интихоби маводи тасвирӣ ба кӯдакон;

- пайдарҳамӣ ва бетаъхирии фаъолияти тасвирӣ;

- ёрии саривақтии педагог ё волидайн дар ҳолати пайдоиши душворӣ дар фаъолияти тасвирӣ;

- дастгирӣ, ҳамфикрӣ, якдилӣ ва руҳбаланд кардани кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ.

***Ҷанбаҳои педагогии ташаккули кӯдакон дар асоси фаъолияти тасвирӣ:***

- мусоидат ба рушди шахсияти эҷодкор, ташаккули маҳорати эҷодӣ ва ноил шудан ба муваффақият дар зиндагӣ;

- муносибати мусбати кӯдакон ба дигарон, тарбияи эҳтиром ва таҳаммулпазирӣ;

- рушди салоҳияти коммуникатсионии кӯдакон, қобилияти барқарор кардан ва нигоҳ доштани робитаҳои зарурии муассир бо одамони дигар, ҳамкорӣ қабул кардани пешниҳоди дигарон;

- инкишофи малакаҳои иҷтимоии кӯдакон. Маҳорати иҷтимоӣ барои барқарор кардани муносибатҳои дӯстона, худро бароҳат ҳис кардан дар ҳама гуна муҳит ва қобилияти мутобиқ шудан ба шароит;

- ғанӣ гардонидани тафаккур ва таҷрибае, ки ба кӯдакон имкони рушди худшиносиро фароҳам меорад.

***Натиҷаҳои барномаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ:***

- рушди иҷтимоӣ-коммуникатсионӣ – азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷомеа қабулшуда, муошират ва ҳамкории кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон, ташаккули мустақилият, мақсаднокӣ ва худтанзимкунии амалҳои худ, вокуниши эмотсионалӣ ва ҳамдардӣ;

- рушди маърифатӣ - ташаккули тасаввурот дар бораи ранг, шакл, андозаи ашё, ташаккули тасаввурот дар бораи худ ва дигарон, ашёи

муҳити атроф, дар бораи Ватан, ташаккули ғояҳо дар бораи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, анъана ва идҳои хонагӣ, хусусиятҳои табиат, гуногунии мамлакатҳо ва халқҳои ҷаҳон;

- инкишофи нутқ – ташаккули қобилиятҳои барқарор кардани суҳбат, ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан, баён кардани нуқтаи назари худ, азхудкунии маҳорати суханварӣ ҳамчун воситаи муошират ва фарҳанг, ғанӣ гардонидани луғати фаъол ва инкишофи нутқи мураттаб;

- рушди бадеӣ ва зебоипарастӣ – ташаккули заминаҳои дарки арзишӣ-маъноӣ ва дарки осори бадеӣ, олами табиат, муносибати ғамхорона ба олами атроф, тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи намудҳои санъат ва амалигардондани фаъолияти мустакилонаи эҷодӣ;

- тарбияи меҳнатӣ ва ҷисмонӣ - ташаккули арзишҳои меҳнатӣ ва тарзи ҳаёти солим, аз худ намудани меъёрҳо ва қоидаҳои ибтидоии онҳо, тамиз кардани ҷойи зист ва мизу курсӣ дар раванди машғулиятҳои тавирӣ.

Дар раванди роҳандозӣ ва матраҳ намудани барномаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҷанбаҳои равонии кӯдакон низ ба инобат гирифта мешуданд. Аз мушоҳидаҳо чунин бармеомад, ки кӯдакон кӯшиш мекарданд, ки худ ва шахси дигарро ҳамчун намояндаи ҷомеа бишносанд, оҳиста-оҳиста ба дарки робита ва вобастагии рафтори иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни одамон шурӯъ мекарданд. Онҳо дар ҳолатҳои муошират на танҳо вожаи хубу бад, неку писандида, балки боодоб, поквиҷдон, ғамхор ва гайраро низ ба кор мебурданд.

Лебедева С.А дар китоби худ «Психологияи таълими томактабӣ» чунин қайд мекунад, ки: «Дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ тахайюлот дар аввал худсарона менамояд ва минбаъд бо дастгирии калонсолон тақвият меёбад. Баъдтар кӯдакон мустақилона тасаввуроти ихтиёриро истифода мебаранд. Ва оҳиста-оҳиста дар ниҳоди онҳо тасаввуроти эҷодӣ пайдо мешавад» [98, С.32].

Дар ин айём дар рафтори кӯдакони синни томактабӣ тағйироти сифатӣ ба вуҷуд меоянд. Дар онҳо имкони худтанзимкунӣ, яъне кӯдакон

супоришҳое, ки қаблан аз ҷониби калонсолон ба онҳо пешниҳод шуда буданд, иҷро менамоянд.

Дар кӯдакони синни 6-7 сола системаи шахсияти ибтидоии гендерӣ ташаккул меёбад. Кӯдакони синни томактабӣ ба амалҳои худ мувофиқи ҷинс баҳо медиҳанд, қоидаҳои рафторро дар муносибат бо кӯдакони ҷинси муқобил мувофиқи одоб дарк мекунанд.

Тағйироти ҷиддӣ дар ин синну сол дар бозӣ, яъне дар муоширати бозӣ ба амал меояд, ки дар он муҳокимаи муштараки қоидаҳои бозӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Кӯдакон аксар вақт кӯшиш мекунанд, ки амалҳои якдигарро назорат кунанд. Онҳо ба дигарон нишон медиҳанд, ки ин ё он амал чӣ гуна бояд бошад. Дар ҳолатҳои низоъҳо дар рафти бозӣ кӯдакон бо истинод ба қоидаҳо амалҳои худро ба шарикон мефаҳмонанд ё амалҳои онҳоро танқид мекунанд. Баъди бозӣ муоширати кӯдакон камтар оромтар мегардад. Онҳо ба якдигар дар бораи он чизе, ки бо онҳо рӯй дод нақл мекунад. Кӯдакон якдигарро бодиққат гӯш мекунанд ва инчунин ақидаю назари худро низ баён месозанд.

Ба андешаи равоншинос Смирнова Е.О. «Кӯдакон ҳеҷ гоҳ дар муносибат бо калонсолон ғайрифаъол нестанд. Онҳо ҳамеша майлу хоҳиш ва шавку завқ ба муҳит дорад, ки дар фаъолияти ҳаррӯза ифода меёбад» [163, С.61].

Тавассути фаъолияти мақсаднок ва мунтазами ҳаракатҳо мушакҳо ва пайвандҳои кӯдакон мустаҳкам мегарданд. Сифатҳои устуворӣ ва қавӣ инкишоф меёбанд. Маҳорат ва инкишофи малакаҳои мустақилияти кӯдакон ҳангоми ба бар кардани либос ва пӯшидани пойафзол пайдо мегарданд. Кӯдакони синни томактабӣ тавассути фаъолият ва ҳисси кунҷковона ба саволҳои худ ҷавобҳо пайдо карда, таҷриба ба даст меоранд. Кӯдакони синни 6-7 сола рангҳоро аз ҳамдигар ҷудо ва бо онҳо тасвир карда метавонанд. Инчунин, фарқияти шаклҳои геометриро аз ҳамдигар дарк мекунанд. Барои онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм бо ҳамдигар муқоиса кардани шумораи зиёди ашёҳо душвор нест. Диққати кӯдакон устувортар

мешавад. Онҳо метавонанд дар тӯли 20-25 дақиқа якҷо бо педагог ё мураббӣ кори хеле ҷолибу муҳимро иҷро кунанд. Кӯдакон аллакай мувофиқи қоидаҳое, ки калонсолон муқаррар кардаанд, амал карда метавонанд.

Хусусиятҳои рӯҳии хоси кӯдакони синни томактабӣ ин муносибати устувории мусбӣ, эътимод ба қувваю неруи худ ва ҳисси самимӣ доштан ба муҳити атроф мебошад. Кӯдакон ин сифатҳоро дар намудҳои гуногуни фаъолият ба мисли: бозӣ, муошират, тартибдиҳӣ ва расмкашӣ нишон медиҳанд [191, С.360].

Хулоса, тарбия кардани насли созандаи Ватан маҳз аз овони хурдӣ сарчашма мегирад. Дар назди давлат, мактаб, педагогон, мураббиён ва падару модарони вазифаи ниҳоят муҳим меистад, яъне кушиш ба харҷ додан, то ҳар як кӯдаке, ки ба боғча ва кӯдакистонҳо мераванд, на танҳо шахсони солиму тансиҳат, балки ташаббускор, тарзи дурусти фикрронӣ ва қодир ба муносибати эҷодӣ дар ҳама гуна фаъолият бошанд. Ва мавқеи фаъоли ҳаётӣ, ташаббускорию эҷодӣ метавонанд асоси рушди шахсият гарданд. Аз ин бармеояд, ки бояд ҳама ба фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ машғул гарданд.

## 2.3. Корҳои озмоишӣ барои муайян намудани шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти эҷодӣ

Ташаккули шахсияти эҷодкор дар мархалаи имрӯза яке аз муҳимтарин вазифаҳои назария ва амалияи омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад. Қобилиятҳои эҷодкорӣ, махсусан, дар синни томактабӣ барои кӯдакон ва барои ояндаи онҳо муҳим арзёбӣ мегарданд. Агар эҷодкорӣ дар ин давра инкишофи дуруст наёбад, дар оянда рушди он то андозае мушкилтар мегардад ва на ҳамеша зоҳир мешавад. Дар илми педагогика проблемаи эҷодкорӣ ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Эҷодкорӣ яке аз шаклҳои пурмазмуни фаъолияти равонии кӯдакон буда, онро метавон ҳамчун воситаи ҳаматарафа ташаккули шахсият, таъмини мутобиқшавии устувор ба шароити нави зиндагӣ, захираи зарурии қувва барои рафъи ҳолатҳои асабоният ва муносибати фаъоли эҷодӣ ба воқеият арзёбӣ кард. Маромнокӣ асоси эҷодии кӯдакон ба шумор рафта, хоҳиши баён кардани таассурот, таҷриба ва азхуд кардани онҳо дар фаъолият мебошад. Иқтидори бузурги ифшои эҷодии кӯдакон маҳз дар фаъолияти тасвирӣ баён мегардад.

Яке аз барҷастатарин рассомони Фаронса Пабло Пикассо дар бораи фаъолияти тасвирии кӯдакон чунин гуфта буд: «Ман метавонам мисли Рафаэл(рассоми итолиёвӣ) тасвир созам, аммо барои мисли кӯдак тасвир кардан як умр омӯхтан лозим аст» [53].

Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакон моҳияти бисёр дорад. Аз ин рӯ, педагог ва мураббиён муввазафанд, ки дараҷаи инкишофи фаъолияти тасвирии кӯдаконро ҳамчун нишондиҳандаи инкишофи зебоишиносӣ ва зеҳнӣ, инчунин, рушди ҷаҳонбинии онҳо дар давраи муайяни ин синну сол тақвият бахшанд.

Дар асоси таҳлили адабиёти равоншиносию педагогӣ мо нишондиҳандаҳои зерини инкишофи эҷодии кӯдаконро дар фаъолияти тасвирӣ муайян кардем:

1. Дар шакли асил офаридан - ин қобилияти пешниҳод кардани симоҳое мебошад, ки аз тасвирӣ ғайриоддӣ ва возеҳ тафовут доранд. Аслият аз рӯи дараҷаи баланд барои фаъолияти босуръати зеҳн ва дарку эҳсосот баҳогузорӣ карда мешаванд.

2. Маҳорати даст. Қобилияти тавлиди миқдори зиёди фикру андешаҳо ҳангоми фаъолияти тасвирӣ ифода мекунад. Ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки сатҳи рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдаконро муайян созем.

3. Чандирӣ - қобилияти таҳия кардани мафкура бо истифода аз андешаҳои гуногун мебошад. Баҳои баланди ин нишондиҳанда аз ҷониби одамон аз огоҳӣ ва рушди зеҳни он шаҳодат медиҳад.

Пас аз омӯзиши мушкилот ва масъалаҳои назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ мо ба корҳои озмоишӣ шурӯъ кардем.

Корҳои озмоишӣ таҳқиқоти дар пойгоҳи муассисаҳои томактабии №119, 82, 55-и шахри Душанбе ва № 1,3-и шаҳри Ҳисор гузаронда шуданд. Мақсади корҳои озмоишӣ ин муайян ва ошкор кардани сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ буд.

Барои тасдиқи фарзияи таҳқиқот мо сохтори корҳои озмоишӣ ва барномаи педагогиро роҳандозӣ сохта, раванди ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ мавриди омӯзиш қарор додем.

Ташкил ва усулҳои тадқиқот аз рӯи муқаррароти назариявӣ, ки дар бобҳои қаблии пажӯҳиш зикр гардидаанд, муайян карда шуд. Инчунин, дар раванди корҳи озмоишӣ барномаи педагогии таҳиягардида мавриди роҳандозӣ қарор дода шуд.

Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои озмоишӣ вазифаҳои зерин баҳри муайян ва ошкор кардани эҷоди кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ ҳаллу фасл карда шаванд:

1. Омӯзиши эҷоди кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ.

2. Муҳайё намудани шароитҳои педагогие, ки баҳри баланд гардидани дараҷаи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ ёрӣ мерасонанд.

3. Интихоб кардани усулҳо ва меъёрҳои ташхис, ки барои муайян кардани сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ нигаронида шудаанд;

4. Ошкор ва муайян кардани дараҷаи инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ.

5. Коркарди натиҷаҳои ниҳоии сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ.

Дар корҳои озмоишӣ 200 нафар кӯдакони синни томактабӣ, 40 мураббиёни боғчаҳои бачагона ва 51 нафар падару модарон ҷалб карда шуданд. Аз 200 нафар кӯдаконе, ки дар озмоиш ширкат варзиданд, 104 нафар ба гурӯҳи озмоишӣ ва 96 нафар ба гурӯҳи назоратӣ шомил буданд.

Барои ноил шудан ба ҳадафи корҳои озмоишӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда **методҳои зерин** истифода шуданд:

- омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳо таълимӣ дар муассисаи томактабӣ, ки ба самти инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бахшида шудаанд;
- омӯзиши таҷрибаи педагогӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ;
- мушоҳидаи бевоситаи фаъолияти кӯдакон дар раванди тасвирӣ;
- усулҳои таҳлил ва ташхиси муҳити педагогии фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти эҷодӣ:
- пурсишнома ва гузаронидани тестҳо;
- банду баст ва сохтани барномаи педагогӣ;
- сӯҳбатҳо ва мусоҳибаҳо бо кӯдакон, падару модарон ва кормандони муассисаҳои томактабӣ;
- коркарди маълумоти оморӣ.

Корҳои озмоишӣ дар се марҳила гузаронида шуд:

**Марҳилаи аввал** ин муайянкунӣ мебошад, ки дар он воситаҳои ташхис барои муайян кардани инкишоф эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ интихоб карда шуд.

**Марҳилаи дуюм** - кори инкишофдиҳӣ бо кӯдакони синни томактабӣ дар асоси фаъолияти тасвирӣ буд.

**Марҳилаи сеюм** марҳилаи ниҳоӣ мебошад, ки дар он ташхис барои муайян кардани сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки барои ташаккули эҷоди кӯдакон тавассути фаъолияти тасвирӣ дар гурӯҳҳои муассисаҳои томактабӣ шароитҳои муайян фароҳам оварда шудаанд:

- дар гурӯҳҳо гӯшаҳои фаъолияти тасвирӣ насб гашта, воситаҳо ва таҷҳизот барои машғулиятҳо фароҳам гардида буданд;

- дар гурӯҳҳо намоиши эҷодии кӯдакон ташкил карда шуд.

Сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар раванди фаъолияти тасвирӣ чунин муайян кардем:

1. Дараҷаи дарки ашё ва муҳити иҳотагардида.

2. Ташаккули тафаккури образнок ва қобилияти тартиб додани композитсияи сюжет.

3. Инкишофи тахайюл ва маҳорати офаридани образҳо.

Дар равоншиносӣ даркро раванди инъикоси воқеият дар тамоми робитаҳои байниҳамдигарии он мефаҳманд. Кӯдакон муҳити атрофро тавассути ҳиссиёти гуногун дарк мекунанд. Яъне, ахборот ба майнаи ворид шуда, сипас коркард мешавад ва эҳсосоти гуногун нисбати ашёи мухталиф бавуҷуд меояд.

*Қобилияти дарки ашё* ва муҳити иҳотакарда модарзодӣ нест. Кӯдакон дар раванди фаъолият ин амалро ёд мегиранд. Дар ҷараёни машғулиятҳои тасвирӣ нақши дарк кардани ашё барои инкишофи эҷодии кӯдакон хеле муҳим мебошад. Моҳияти дарки ашё барои ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон дар чунин қисматҳо арзёбӣ мегардад:

- ҳамчун сарчашмаи дониш дониста мешавад;

- самти фаъолияти кӯдаконро дар фазои атроф таъмин мекунад;

- барои ғанӣ гардидани таҷриба ёрӣ мерасонад.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои рушди эҷодии кӯдакон ин омӯзонидани бошуурона истифода бурдани асосҳои ибтидоии дарки ашё ва ба ин васила, ташаккули тафаккури образнок ва қобилияти тартиб додани сохти мазмун мебошад.

*Тафаккури бадеии* раванди тасвири воқеият дар расмҳо мебошад, ки хусусиятҳои гуногун дошта метавонад. Дар кӯдакони синни томактабӣ дар байни дигар намудҳои тафаккур тафаккури бадеӣ то андозае бартарият дорад. Кӯдакон ба воситаи тафаккури бадеӣ метавонанд хосиятҳои муҳим ва аломатҳои ашёро ҷудо кунанд. Кӯдакон мефаҳманд, ки объекти мушаххасро бо дигараш дар раванди фаъолияти тасвирӣ иваз кардан мумкин аст, агар он дорои хусусиятҳои хос бошад.

*Тахайюли эҷодӣ* эҷоди тасвирҳои нав бе такя ба тавсифи омода ё тасвири муқаррарӣ мебошад. Тахайюли эҷодӣ ин мустақилона эҷод кардани тасвир бо истифода аз тахайюл маҳсуб меёбад. Қариб тамоми фарҳанги башарӣ натиҷаи тахайюли эҷодии инсон мебошад. Метавон гуфт, ки тахайюлот раванди эҷоди тасвирҳои нав тавассути коркарди мавод дар асоси дарк ва фаҳмиш дониста мешавад. Тахайюлот танҳо ба инсон хос аст. Он ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар раванди фаъолияти тасвирӣ пеш аз оғоз ба расмкашӣ ашёро тасаввур кунанд.

Барои воқеӣ баҳо додан ба дараҷаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳам ба гурӯҳи назоратӣ ва ҳам ба гурӯҳи озмоишӣ шароитҳо якхела муҳайё карда шуд. Дар баробари ин, вазифаҳо тавре тартиб дода шудаанд, ки ҳамаи кӯдакон ҳангоми иҷрои супоришҳо муносибати худро нишон диҳанд.

Мо барои иҷрои амалҳои кӯдакон натиҷаи фаъолияти онҳоро бо холҳо муайян намудем. Дар охир ҳама холҳо барои нишондиҳандаҳо барои ҳар як меъёр ҷамъбаст карда мешаванд. Баландтарин хол ба кӯдакон то 45

хол, пасттарин 15 хол барои инкишофи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон муайян намудем.

**Дараҷаи баланд - аз 35 - 45** хол мебошад. Яъне, кӯдакон интиқоли шакл, сохтори ашё, таносуби хату тасвир ба варақ ва рангаҳои мувофиқро ба воқеият медонанд. Инчунин, тасвири ашёро ба таври озодона бидуни кӯмаки калонсолон ва ғояи онро ифшо карда метавонад.

**Сатҳи миёна - аз 25 - 35 хо**л. Дар кӯдакон интиқоли шакл, сохтори ашё, таносуби хат ва тасвир каме таҳрифшуда, номуайян интиқол додани ранг ва якчанд ранг ба андозаи бештар аз дигар бартарӣ доранд. Дар ин раванд кӯмаки педагог барои ислоҳи тасвир ва мазмуни он лозим аст.

**Сатҳи паст - аз 15 - 25 хол**. Дар тасвири кӯдакон интиқоли шакл, сохтори объект, таносуби хат ва тасвир таҳриф шудааст. Ранги ҳақиқии ашё ба тасвир дода нашудааст. Бепарвоӣ нисбат ба ранг зоҳир мегардад, тасвир бо як ранг сурат мегирад.

Аз раванди пажӯҳиш бармеомад, ки новобаста аз он, ки қобилиятҳои кӯдакон дар кадом зина қарор доранд ва онҳо кадом вақт зуҳур мекунанд, чаҳор марҳилаи асосии аз қобилият ба истеъдодро мегузаранд:

1. Марҳилаи аввал бозӣ аст. Дар ин марҳила нақши волидайн барои инкишофи эҷодии кӯдакон муҳим мебошад. Онҳо нақшиомӯзгор, мураббӣ ва қаҳрамонони афсонаҳоро иҷро карда, намунаи ибрат барои кӯдакон мегарданд. Кӯдакон комилан ба ҳама чиз шавқу рағбат доранд, аммо шавқу ҳаваси аввалия ҳангоми дучор шудан бо душвориҳо метавонад, паст гардад.

2. Марҳилаи дуюм фардият аст. Сифатҳои фардият асосан ба солҳои мактабӣ рост меояд. Вале кӯдаконе ҳастанд, ки қобилиятҳои онҳо хеле пештар зоҳир мешаванд. Дар ин марҳила анъанаҳои оилавӣ нақши муҳим доранд. Масалан, кӯдаконе, ки дар оилаҳои ҳунармандон тавлид мешаванд, аз синни хурдӣ бо волидони худ ба ҳунарнамоӣ шурӯъ мекунанд ва аз марҳилаи бозӣ гузашта, ба ҳаёти ҳунармандон дохил мешаванд. Ин

амал кори ҳаррӯзаи онҳо ба шумор меравад, ки дар натиҷа кӯдак роҳи ояндаи худро муайян мекунад.

3. Марҳилаи афзоиш. Кӯдакон аллакай ба омузгорӣ соҳибитахассус ниёз доранд, ки кафили асосии муваффақиятҳои онҳо мегардад. Дар ин марҳила мусобиқаҳо, озмунҳо ва намоишҳо барои инкишофи эҷодӣ ва ба даст овардани натиҷаҳо аҳамияти калон доранд.

4. Зинаи азхудкунӣ. Дар ин марҳила кӯдакон қобилиятҳои худро рушд дода, маҳорати офаридани тасвирҳо пайдо мешаванд. Ин ҳолат на дар ҳамаи кӯдакон дида мешавад. Педагог ва волидонро лозим аст, ки кӯдаконро дар ин марҳила дастгирӣ намоянд.

*Хусусиятҳои муносибат, қобилият ва малакаҳо дар фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ:*

- самимият, бевоситагӣ;
- шавқу ҳавас;
- тасаввуроти эҷодӣ;
- хусусияти ворид шудан ба тасвир;
- қобилиятҳои мушаххас.

*Хусусиятҳои сифати усулҳои фаъолияти эҷодӣ:*

- истифодабарии воситаҳои маъмул дар шароити нав;
- мустақилона ҷустуҷӯи роҳҳои офаридани образ;
- дарёфти роҳҳои ҷадиди тасвир;
- эҷоди мувофиқаҳои нав дар асоси тасвирҳои қаблан азхудшуда.

*Хусусияти сифати тасвир:*

- пайдо кардани воситаҳои ифодакунандаи муносиб барои эҷоди тасвир;
- натиҷаҳои фаъолияти тасвирӣ дар асоси одитарин талаботи бадеӣ;
- пайдоиши тарзи махсуси тасвири инфиродӣ.

Дар марҳилаи аввали озмоишӣ машғулиятҳо бо истифода аз маводи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ (расм аз рӯи хаёли кӯдакон) гузаронида шуд. Ба кӯдакон барои тасвир ба қадри кофӣ мавод ба мисли: акварел, гуаш, албом, коғазҳо ва қаламҳои ранга, пластилини сахту нарми гуногун, мум ва ғайра дода шуд.

Фаъолияти тасвирӣ бо як эҳсосоти муайян сурат гирифт. Кӯдакон аз он шод буданд, ки ба онҳо имкони интихоби озод дар фаъолият барои мавзуи тасвир дода шуд. Кӯдакон ба интихоби мавзуи расм бо роҳҳои гуногун муносибат мекарданд. Қисмате аз онҳо тасвири мошин, дигаре тасвири падару модари худ, манзараи гулҳо, гулдонҳо, ашёи рӯзгор, ҳайвонот, хона, дарахт ва ғайраро интихоб намуданд. Қисми зиёди кӯдакон тарзи тасвири анъанавӣ, яъне бо қаламҳои ранга, гуаш ва акварелро интихоб намуданд.

Аз раванди озмоиш маълум мегардид, ки кӯдакон бо як шавқу завқ ва бо як самимияти софдилона ба тасвир машғул буданд. Ҳар як кӯдак ашё ё чизеро тасвир мекард, ки ба ӯ писанд буд. Кӯдаконе низ мушоҳида мешуданд, ки мустақилона аз ӯҳдаи иҷрои тасвир намебаромаданд. Ва ба онҳо кӯмаки омӯзгор зарур буд. Баъди ҳар як машғулияти тасвирӣ мо тасвирҳои кӯдаконро таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор медодем.

Пас аз таҳлилҳои тасвирҳои кӯдакон ба мушоҳида мерасид, ки тасаввурот, идрок, ҳисси ранг дар кӯдакон чигуна инкишоф меёбанд. Онҳо шакл, сохт ва таносубро дар расм хуб иҷро мекарданд ва дар раванди фаъолияти тасвирӣ то андозае муваффақ мегардиданд.

Тасвирҳо дар гурӯҳҳи синни 3-4 сола нисбат ба гурӯҳҳои 5-7 сола на онқадар ифоданок тасвир мегардиданд. Гурӯҳҳои 5-7 сола дар тасвирҳои худ шакл, сохтор ва таносубро хуб интиқол медодаанд. Ва дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ то ҳадди имкон мустақилона буданд. Аммо барои гурӯҳҳои 3-4 сола баръакс, шакли тасвирҳо то ҳадде интиқол дода намешуданд, қисмҳои ашё ба пуррагӣ дарҷ намегардиданд, таносуби ашё низ дуруст интиқол дода намешуд ва тасвирҳо бо як ранг сохта мешуданд.

Бештари онҳо дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ ба кӯмаки омӯзгор ниёз доштанд.

Ва инак он нишондиҳандаҳое, ки дар марҳилаи аввали озмоиш дар раванди фаъолияти тасвирӣ муайян гардиданд.

**Нишондиҳандаҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар оғози озмоиш**

Ҷадвали №1

| **Намудҳо ё шаклҳо** | **Гурӯҳҳои 3-4 сола** | **Гурӯҳҳои 4-5 сола** | **Гурӯҳҳои 6-7 сола** |
|---|---|---|---|
| Дараҷаи тафаккури Эҷодӣ | 15-20 хол | 25-30 хол | 20-25 хол |
| Инкишофи тахайюл ва маҳорати офаридани образҳо | 15-20 хол | 20-25 хол | 25-30 хол |
| Ташаккули тафаккури образнок ва қобилияти тартиб додани композитсияи сюжет | 15-20 хол | 25-30 хол | 25-30 хол |

Тавре аз ҷадвали №1 бармеояд сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба тариқи холҳо баҳогузорӣ карда шудааст. Агар дар гурӯҳҳои 3-4 сола дараҷаи тафаккури эҷодии кӯдакони 15-20 холро ташкил диҳад, пас ин шумора дар гурӯҳҳои 4-5 сола ба 25-30 ва дар гурӯҳҳои 6-7 сола 20-25 холро ташкил доданд. Гуногунии баҳогузории холҳо аз он ҷиҳад буд, ки сатҳи тафаккури кӯдакони синни 3-4 сола нисбат ба гурӯҳҳои 6-7сола на ба он андозае буд, ки мушоҳида кардем. Ҳарчанд онҳо бо як майлу хоҳиши том ба фаъолияти тасвирӣ мепардохтанд, аммо сатҳи тафаккури эҷодии онҳо то андозаи лозимӣ рушд накарда буд.

Инкишофи тахайюл ва маҳорати эҷодӣ низ дар гурӯҳҳои кӯдакони синни томактабӣ гуногун буд. Агар дар гурӯҳҳои 3-4 сола сатҳи инкишофи

тахайюл ва маҳорати эҷодӣ 15-20 холро ташкил диҳад, пас ин шумора дар гурӯҳҳои 4-5 сола ба 20-25 ва дар гурӯҳҳои 6-7 сола 25-30 холро ташкил доданд. Дар ин ҷо низ сатҳи инкишофи тахайюл ва маҳорати эҷоди кӯдакон гуногун баҳогузорӣ карда шуд. Аз раванди пажуҳиш бармеомад, ки инкишофи тахайюли кӯдакон дар зинаҳои гуногуни синнусолӣ ҳар навъ сатҳи рушд доштаанд. Баъзе кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ ҳангоми эҷоди тасвирҳо бо истифода аз тахайюл образҳои қаҳрамонҳои афсонаҳоро ба тариқи назари худ инъикос мекарданд. Масалан, барои тасвири «Моҳии тиллоӣ» кӯдакон аз рангҳои гуногун истифода мебурданд. Ва бо тахайюли худ онро тасвир месохтанд. Дар гурӯҳҳои 3-4 сола тасвир бо як ранг инъикос меёфт. Аз ин бармеомад, ки онҳо дар офаридани симо то андозае мушкилӣ мекашанд. Дар гурӯҳҳои 4-5 сола тасвири «Моҳии тиллоӣ» то як андоза шакл ва зоҳири онро оро медоданд. Дар интихоби ранги моҳӣ низ онҳо ба мушкилӣ дучор мегардиданд. Як қисми кӯдакон моҳиро сурх қисми дигар зард ва тиллоранг тасвир мекарданд. Мушоҳида мегардид, ки онҳо низ аз иҷрои супориши додашуда ба осонӣ баромада наметавонанд. Ва ба кӯмаки омӯзгор ва мураббӣ ниёз доштанд. Қисмати дигари кӯдакон расмҳои ҳамдигарро дида ҳамчунон тасвир мекарданд.

Дар гурӯҳи 6-7сола бошад кӯдакон «Моҳии тиллоӣ»- ро то як андоза хуб тасвир мекарданд. Аммо ҳолатҳое низ ҷой дошт, ки кӯдакон ба тасвирҳои ҳамдигар нигоҳ карда мекашиданд.. Шумори ками онҳо бо истифода аз тахайюл барои моҳӣ об тасвир мекарданд. Ва гӯё моҳӣ дар об шино дорад. Дар интихоби ранги моҳӣ ҳам онҳо на он қадар мушкилӣ мекашиданд.

Ташаккули тафаккури образнок ва қобилияти тартиб додани сохти мазмун низ дар гурӯҳҳои озмоишӣ гуногун буд. Агар дар гурӯҳҳои 3-4 сола ташаккули тафаккури бадеӣ ва қобилияти тартиб додани сохти мазмун 15-20 холро ташкил диҳад, ин шумора дар гурӯҳҳои 4-5 сола 25-30 ва дар гурӯҳҳои 6-7 сола 25-30 холро ташкил доданд.

Дар марҳилаи дигари корҳои озмоишӣ мо барои ташхиси зеҳн ва маҳорати эҷодии кӯдакон корҳои зиёдеро бо ҳамроҳии мураббиёни пойгоҳи таҳқиқот газаронидем. Мо ба кӯдакон барои иҷрои тасвири навбатӣ «Хона»-ро пешниҳод намудем. Ва ба кӯдакон барои иҷрои тасвир ҳама намуд қаламҳои ранга, фламастер ва гуашро муҳайё кардем. Пас аз анҷоми машғулиятҳо ва ташхиси тасвирҳои кӯдакон маълум гардид, ки на ҳамаи онҳо аз иҷрои супориши дода шуда ба осонӣ мебаромаданд.

Инчунин, барои омӯзиши зеҳн ва эҷодӣ кӯдакон дар машғулиятҳои тасвирӣ аксар вақт аз методи бозӣ фаровон истифода менамудем. Ба мисли:

- дар хотир нигоҳ доштани рангҳо ва рақамҳо;

- такроран тасвир кардани расм;

- ранг кардани қисматҳои тасвир бо рангҳои мувофиқ ва мутобиқ;

- гузоштани номи тасвир аз ҷониби кӯдакон.

-бозии мемо (ёфтани тасвирҳои якхела);

Барои муайян кардани зеҳни кӯдакон чунин машғулиятро бо ҳамроҳии онҳо баргузор намудем. Барои ин машғулият ба мо 20 дона карта, ки дар ҳар яки он расми гул, хона, мошин ва мева тасвир шудааст, лозим буд. Мо 4 картаи суратдорро, ки дар ҳаряки он расмҳои хона, мошин, гул ва мева тасвир шуда буд, дар тахта овезон кардем. Ва картаҳои боқимондаро дар даст гирифта, пайи ҳам онҳоро ба кӯдакон нишон медодем ва мурочиат карда мегуфтем, ки ин ба кадом тасвири тахтаи синф шабоҳат дорад.

Мақсади машғулият аз он иборат буд, ки кӯдакон то кадом андоза он ашёе, ки ҳар рӯз мебинанд ва истифода мебаранд дар бораи онҳо маълумот доранд. Ин тарзи машғулият зеҳни кӯдаконро баланд гардонида, диққат, тафаккур ва тарзи фикрронии онҳоро рушд мебахшад.

Натиҷаи машғулият: сатҳи баланд (35-45 хол) - кӯдак аз ӯҳдаи пурра ва саривақтии супориш баромад ва дар ҳар як вариант устуворирию инкишофи тафаккурро нишон дод.

Дараҷаи миёна – кӯдак супоришро саривақт иҷро кард, вале инкишофи тафаккур то андозаи лозимӣ мавҷуд набуд ва ӯ ба душворӣ аз уҳдаи супориш баромад.

Сатҳи паст - кӯдак аз ӯҳдаи супориш баромада натавонист ва инкишофи тафаккур дар ӯ дида намешуд, гурӯҳи картаҳоро бо тасвирҳо омехта мекард.

**Натиҷаи ташхиси зеҳн ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ**

Ҷадвали №2

| Варианти тест | Гурӯҳи 3-4 сола | Гурӯҳи 4-5 сола | Гурӯҳи 6-7 сола |
|---|---|---|---|
| Ташхиси зеҳн ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ | 20-25 хол | 30-35 хол | 35-40 хол |

Тавре аз ҷадвали №2 бармеояд зеҳн ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ то андозае беҳтар бошад ҳам, вале дар раванди мушоҳидаҳои озмоишӣ маълум мегардид, ки омилҳое низ вуҷуд доранд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Масалан, машғулиятҳои тасвирӣ мунтазам гузаронида намешуданд, бо баъзе сабабҳо машғулиятҳо ба дигар рӯз ба таъхир гузошта мешуданд.

Агар зеҳн ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни 3-4 сола ба 20-25 хол баҳогузорӣ карда шуда бошад, пас зеҳн ва эҷоди кӯдакони синни 4-5 сола 30-35 хол ва кӯдакони 6-7 сола 35-40 холгузорӣ карда шуданд.

Олимони соҳаи омӯзгорӣ ва равоншиносӣ зеҳн ва инкишофи эҷодии кӯдаконро ба қисматҳои зерин ҷудо кардаанд ва дар ҳар як кӯдак қисмате аз онҳо вуҷуд доранд [162].

- зеҳни мантиқӣ ва риёзӣ;

- зеҳни шифоҳӣ ва забонӣ;

- зеҳни тасвирӣ-хаёлӣ;

- зеҳни табиатшиносӣ;

- зеҳни муоширaт;

- зеҳни дохилишахсӣ;

- зеҳни мусиқӣ-зарбӣ;

- зеҳни ҳунарӣ ва ҷисмонӣ;

- ақлӣ- эҳсосӣ.

Бояд зикр кард, ки барои рушди ин малакаҳо волидайн дар баробари омӯзгор ва мураббиён нақши бориз доранд. Агар волидон барои ташаккули ин сифатҳо аз хурдӣ шурӯъ кунанд, дар оянда кӯдак ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда метавонад.

Инчунин, барои таҳлили раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ мо бо ҳамроҳии педагогҳо ва мураббиёни боғчаи кӯдакона пурсишнома гузаронидем.

Мақсади гузаронидани пурсишнома ин муайян кардани муносибати омӯзгорон ва мураббиён ба раванди ташаккули эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки дар пурсишнома саволҳои зиёд ҷой дода шуда буд. Вале мо он саволҳоеро дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор додем, ки бештар характери ифшокунандаи инкишофи эҷодии кӯдаконро дар фаъолияти тасвирӣ инъикос мекарданд.

Саволи навбатие, ки дар пурсишнома ба омӯзгорон ва мураббиён пешниҳод гардида буд ин: «Ба андешаи Шумо фаъолияти тасвирӣ кадом ҷанбаҳои кӯдаконро рушд мебахшад?».

Мо ба омӯзгорон ва мураббиён 5 намуди ҷавобро пешниҳод намудем. Ва инак ҷавобҳои онҳо.

Диаграмма №1




Тавре аз таҳлили диаграммаи №1 бармеояд, шумораи зиёди омӯзгорон ва мураббиён ҷавоби тасаввурот ва эҷодро интихоб намуданд. Яъне, фаъолияти тасвирӣ ба андешаи онҳо ба рушди эҷод ва ҳиссиёт таъсирҳои мусбӣ расонида, шавқу рағбати кӯдаконро ба ин намуди фаъолият бештар менамоянд.

Аз 40 нафар педагогҳо ва мураббиён чунин ҷавобҳо ба саволи пешниҳодгардида доданд: 5(12,5%) нафар рушди нутқ, 8(20%) нафар рушди тасаввурот, 4(10%) нафар рушди ҷисмонӣ, 10(25%) нафар рушди ҳиссиёт ва 13(32,5%) нафар рушди эҷодро интихоб намуданд.

Суоли дигаре, ки мо ба кормандони боғчаи кӯдакон пешниҳод кардем ин «Дар фаъолияти тасвирӣ аз кадом маводҳо истифода мебаред?»

Ҷадвали №3

| № | Намудҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маводҳои анъанавӣ: гуаш, акварел, қаламҳои оддӣ, ранга, фломастер, гил, пластилин, коғазҳои ранга ва ғайра | 31 | 77,5 |
| 2. | Мавоҳои ғайрианъанавӣ: қаламҳои ғафси ранга, қаламҳои мумӣ, пластилинҳои ранга, чӯбчаҳо, ширеш ва ғайра | 9 | 22,5 |
| | Дар маҷмуъ: | 40 | 100 |

Тавре аз таҳлили ҷадвали №3 бармеояд, аз 40 нафар педагогҳо ва мураббиён 31(77,5%) нафар дар машғулиятҳои тасвирӣ аз маводҳои анъанавӣ ба мисли: гуаш, акварел, қаламҳои оддӣ, ранга, фломастер, гил, пластилин, коғазҳои ранга ва 9(22,5%) нафари онҳо аз маводҳои ғайрианъанавӣ: қаламҳои ғафси ранга, қаламҳои мумӣ, пластилинҳои ранга, чӯбчаҳо, ширеш ва ғайра истифода мебаранд.

Истифодаи маводҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки худро дар фазои оромона ва озодона эҳсосос карда, тасаввуроти образии худро инкишоф диҳанд. Илова бар ин, раванди фаъолияти тасвирӣ ба рушди ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо, диққат, хотира ва тасаввурот мусоидат мекунанд. Истифодаи усулҳои гуногуни тасвирӣ ба рушди қобилияти дарк кардани тасвирҳо дар омезиши рангҳо ва ба тартиб даровардани онҳо дар ҳолатҳои тасвирӣ мусоидат мекунанд.

Суоли дигаре, ки ба омӯзгорон ва мураббиён пешниҳод гардид ин: «Дар раванди фаъолияти тасвирӣ аз кадом усулҳо истифода мебарем?»

Ҷадвали №4

| № | Вариантҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1 | Усулҳои тасвирро ба кӯдакон нишон додан | 15 | 37,5 |
| 2 | Ашёи дастраси кӯдакон | 3 | 7,5 |
| 3 | Эҷоди муштараки омӯзгор бо кӯдакон | 6 | 15 |
| 4 | Усули бозӣ | 12 | 30 |
| 5 | Омезиши навъҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ барои офаридани симоҳо | 4 | 10 |
| Дар маҷмуъ | | 40 | 100 |

Чуноне ки аз таҳлили ҷадвал (ҷадвали №4) бармеояд, бештари омӯзгорон ва мураббиён дар машғулиятҳои тасвирӣ аз усули нишон додани роҳҳои тасвир ва гузаронидани ҳаргуна бозиҳо бо кӯдакон истифода мебаранд. Чунончи, 15(37,5%) нафар дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ, тасвирро ба кӯдакон нишон додан, 3(7,5%) нафар ашёи дастрас,

6(15%) нафар эҷоди муштараки омӯзгор бо кӯдакон, 12(30%) нафар усули бозӣ ва 4(10%) нафар омезиши навъҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ барои офаридани симоҳо мавриди истифода қарор медиҳанд.

Инчунин, бо волидони кӯдакон низ барои омӯзиши омилҳое, ки дар инкишоф додани эҷоди кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ шароит муҳайё месозанд, пурсишнома гузаронида шуд.

Ва инак, саволи нахустине, ки ба падару модарони кӯдакон пешниҳод гардида буд, ин: «Ба андешаи Шумо оё муҳити оила ба инкишофи эчодии кудакон ёрӣ расонида метавонад?».

Мо 3 намуди ҷавобро ба онҳо пешниҳод кардем.

Диаграмма №2




Аз таҳлили диаграмма чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки бештари волидайн ба он назаранд, ки муҳити оила ва аъзоёни он ба инкишофи эҷодии кудак ёрӣ расонида метавонад. Аз 51 нафар пурсишшудагон 28(54,9%) нафар чунин андеша доранд, ки муҳити оила ба инкишофи эҷодии кӯдак ёрӣ расонида метавонад, 16(31,4%) нафар - Не, онро бояд мутахассисон анҷом диҳанд ва 7(13,7%) нафар аз ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ мекашам, посух доданд.

Бешубҳа, муҳити оила дар дар ташаккули шахсияти эҷодкор нақши асосиро мебозад. Маҳз оила такягоҳи асосӣ дар айёми хурдсолӣ барои кӯдакон маҳсуб меёбад.

Ба андешаи муҳаққиқ Демко Е.В. «Оила муҳити беназири ибтидоие мебошад, ки ба кӯдакон ҳисси амнияти рӯҳӣ ва манбаи таҷрибаи иҷтиморо таъмин мекунад. Дар оила кӯдакони синни томактабӣ мақсади худро пайдо карда, ташаккули иҷтимоии ӯ ҳамчун шахс сурат мегирад» [41, С.11].

Оила дар ошкор, дастгирӣ ва рушди истеъдоди кӯдакон нақши муҳим дорад. Муҳити оилавӣ шароити фаъолияти муштараки маърифатӣ муҳайё намуда, ба воситаи бозиҳо, рафтан ба осорхона ва дигар намоишгоҳҳо, ки диққати кӯдаконро ҷалб намуда, ба ин васила инкишофи эҷодии онҳоро таъмин месозанд. Ин амалҳо боис мегарданд, ки фазои созгор дар оила ҳукумфармо гардида, дӯстию рафоқат пойдор монад.

Суоли навбатие, ки ба волидайн пешниҳод гардид, ин «Шумо барои инкишоф додани қобилиятҳои кӯдак аз кӣ тавсия мегиред?»

Ҷадвали №5

| № | Вариантҳо | Шумора | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 1 | Тавсияи педагогҳо ва мураббиён | 20 | 39,2 |
| 2 | Бо маслиҳати дӯстон | 6 | 11,8 |
| 3 | Хоҳиши кӯдакро ба инобат мегирем | 16 | 31,4 |
| 4 | Тамоюлҳои мӯдро дар ҷомеа нигоҳ карда амал мекунем | 9 | 17,6 |
| 5 | Дар маҷмуъ | 51 | 100 |

Тавре аз таҳлили ҷадвал (ҷадвали №5) бармеояд, 20(39,2%) нафар падару модарон барои рушд додани қобилиятҳои кӯдак аз тавсияҳои омӯзгор ва мураббиён истифода мебаранд, 6(11,8%) нафар бо маслиҳати дӯстон, 16(31,4%) нафар хоҳиши кӯдакро ба назар мегиранд ва 9(17,6%)

нафар тамоюлҳои ҷомеаро нигоҳ карда кӯдакро ба фаъолияти тасвирӣ барои инкишофи эҷодӣ ҷалб месозанд.

Баъзе волидайн мехоҳанд, фарзанд аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ба воя расад, барои дигарон муҳим аст, ки ӯ дорои қобилиятҳои муайяни равонӣ ва зеҳнӣ низ дошта, бошад ва баъзе дигар бошанд, дар тифли худ шахсияти барҷаста ё нобиғаро мехоҳанд бинанд ва кӯшиш мекунанд, ки тамоми истеъдодҳои ӯро рушд бахшанд. Аз ин лиҳоз, фарзандро ба мактабу секцияҳо ва маҳфилҳои махсус ба шогирдӣ месупоранд. Аммо аз он фаромӯш мекунанд, ки рушд ва инкишофи эҷодӣ яке аз ҷузъҳои асосии ташаккули шахсияти ҳар як кӯдак маҳсуб меёбад.

Ба андешаи коршинос Артсимович И.В. «Дӯст доштани кӯдак маънои онро дорад, ки шумо мехоҳед бо ӯ робита барқарор карда, тағйиротро дар рушди ӯ бинед ва ӯро тавре ки ҳаст, қабул кунед. Муҳаббат ба кӯдакон на танҳо шахсияти хурдсолро ташаккул медиҳад, балки хислати падару модарро дигаргуну такмил дода, ҷаҳони маънавии онҳоро ғанӣ мегардонад»[7, С.12].

Саволи дигар, ки ба волидайн пешниҳод гардид, ин: «Оё фарзанди шумо шароити мусоид барои эҷодкорӣ дорад?»

Диаграмма №3



Аз таҳлили диаграммаи №3 бармеояд, ки волидайн барои фарзанди худ, барои инкишофи эҷодии ӯ дар фаъолияти тасвирӣ вақти бештар ҷудо намекунанд. Ба суоли пешниҳодгардида чунин ҷавобҳо доданд: 16(31,4%) нафар барои фаъолияти тасвирии фарзанд вақт ҷудо мекунанд, 26(51%) нафар қисман вақт доранд ва 9(17,6%) нафар шароити ташкил кардани ин равандро надоранд.

Агар кӯдак дар оилаи муваффақ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мушкилӣ надошта ба воя расад, инкишофи эҷодии ӯ ба таври шоиста роҳандозӣ мегардад. Дар чунин оилаҳо инкишофи истеъдодҳои кӯдак ба сатҳи лозимӣ рушд карда, маҳорат ва малакаҳои ӯ авҷи тоза касб мекунанд.

Макаренко А.С.дар асари худ; «Китоб барои падару модарон» таъкид кардааст, ки: «Тарбияи фарзанд дар оила на танҳо кори шахсии волидон, балки равандест, ки бевосита аз ҷомеа вобастагӣ дорад. Фарзандони кам маърифат натанҳо барои оила, балки барои тамоми мамлакат ғаму андӯҳ ва ашк меоранд» [110, С.99].

Натиҷаҳои назаррас дар рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳамон вақт ба даст меоянд, ки аз овони хурдсолӣ ба онҳо таваҷҷуҳ намоем ва онҳоро дастгирӣ намоем. Инчунин, тафаккури хаёлӣ ва устуворӣ кӯдакон маҳз дар оила ба сатҳи сифатан нав мегузарад. Зеро, машғулиятҳо дар муассисаҳои томактабӣ аз рӯи барномаҳои махсус ва меъёрҳои давлатие сурат мегиранд, ки баъзан ҳолат талаботи маънавии кӯдаконро таъмин карда наметавонанд.

Раванди ташаккули эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ хеле босуръат инкишоф меёбад. Вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ин лаҳзаи муҳимро аз даст надода, барои инкишофи эҷодии онҳо шароит фароҳам оранд. Аз ин лиҳоз, ба ҳар як падару модар зарур аст, ки барои фарзандони худ вақт ҷудо карда, дар инкишофи эҷодии онҳо саҳмгузор бошанд.

Ба андешаи олим, муҳаққиқ ва омӯзгорӣ машҳури тоҷик Маҷидова Бибиҳафиза «Оила муҳимтариин муасисаи тарбиявӣ ва манбаи аз насл ба насл интиқол додани таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Хусусан дар синни

томактабӣ оила дар иҷтимоикунонии кӯдакон нақши муҳим мебозад» [104,С.21].

Саволи навбатие, ки дар пурсишнома ҷой дошт, ин: «Шумо ба дархости фарзанди худ дар ҳолати расмкашӣ чӣ гуна муносибат мекунед?»

Ҷадвали №6

| № | Намудҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1 | Аз маҳдуд будани вақт пешниҳод мекунам, ки худаш эҷод кунад | 16 | 31,4 |
| 2 | Ба ӯ ваъда медиҳам, ки дафъаи дигар ёрӣ мерасонам | 21 | 41,2 |
| 3 | Ба раванди эҷодии ӯ ҳамроҳ мешавам | 14 | 27,4 |
| | Дар маҷмуъ: | 51 | 100 |

Аз таҳлили ҷадвал (ҷавобҳо №6) бармеояд, ки шумораи зиёди падару модарон ё аз набудани вақт ё шароит майл надоштан ба фаъолияти тасвирӣ ба фарзандон ваъда медиҳанд, ки дафъаи дигар ҳатман ба онҳо кумак мерасонанд. Ҷавобҳо ба ин суол чунин буданд: 16(31,4%) нафар - аз маҳдуд будани вақт пешниҳод мекунам, ки худаш эҷод кунад, 21(41,2%) нафар - ба ӯ ваъда медиҳам, ки дафъаи дигар ёрӣ мерасонам ва 14(27,4%) нафар - ба раванди эҷодии кӯдакон ҳамроҳ мешавам.

Аксари волидон бар ин назаранд, ки ҷанбаҳои муҳиме, ки дар кӯдакон рушд дода шаванд, ин инкишофи хотира, зеҳн ва тафаккури онҳост. Ва эҷодкориро ҳамчун як ҳавас ва шуғли онҳо медонанд, ки бояд дар вақтҳои холӣ ва фароғат роҳандозӣ гардад. Ба андешаи мо ин амали волидайн нодуруст аст, зеро маҳз инкишоф ва мавҷудияти тафаккур ва қобилиятҳои эҷодӣ ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки маҳорати фикр кардан, дар хотир нигоҳ доштан инчунин, босаводона ва мухтасар баён кардани андешаҳои худро дар сухан амалӣ намоянд.

Саволи навабтие, ки ба падару модарон мурочиат кардем ин: «Ба эҷодӣ тасвирҳои кӯдак чӣ тавр муносибат мекунед?»

Диаграмма №4




Агар ба ин диаграмма (диаграммаи №4) назар афканем мебинем, ки аксари волидайн аз норасогии вақт ба фаъолияти тасвирии кӯдакон эътибор намедиҳанд. Ҷавоби пурсишшудагон ба саволи навбатӣ чунин буд: 16(31,4%) нафар - эҷоди тасвири кӯдаконро дар папкаҳои махсус ҷамъоварӣ мекунанд, 7(13,7%) нафар - намоишҳои хурд барои нишон додани эҷоди кӯдакон дар муҳити хона ташкил мекунанд, 28(54,9%) нафар - аз норасоии вақт он қадар ба эҷоди онҳо эътибор намедиҳанд.

Тавре дар боло ишора кардем баъзан падару модар барои рушди фарзанд ӯро ба ҳар гуна шуъбаҳо ва маҳфилҳо шомил месозад. Албатта, ин кори волидайн аст ва методи тарбияи онҳо мебошад. Аммо пешниҳоди мо чунин аст, ки барои ташаккули шахсияти эҷодкор набояд ӯро дар як вақт ба ҳама гуна маҳфилҳо ва шуъбаҳо шомил кард. Волидайн метавонанд дониш, зеҳн ва лаёқатҳои кӯдакро дар муҳити муқаррарии хона ё сайру гаштҳо васеъ кунед.

Воситаи рушди эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ метавонад ҳам ашё ва ҳам суханҳое бошанд, ки дили онҳоро тасхир карда, меҳр, таваҷҷуҳ ва дилбастагиро ба фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ афзун кунанд.

Бояд қайд кард, ки барои боз ҳам мукаммал ва саҳеҳу дақиқ мавриди таҳлил қарор додани шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ мо аз методи мушоҳида ва мусоҳиба низ истифода намудем.

Ҳангоми ҳамсӯҳбат гардидан бо мураббии муассисаи томактабии №3 ошкор гардида, ки на ҳамаи мураббиёни муассиса мувофиқи барномаҳои педагогиро дар машғулиятҳо ба таври лозимӣ истифода мебаранд. Инчунин, ӯ иброз дошт, ки машғулиятҳои тасвирӣ барои кӯдакон машғулияти дӯстдошта буда, ба инкишофи эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар машғулиятҳои тасвирӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳӣ ба кӯдакон аз усулҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ мунтазам истифода мебаранд.

Ва инак баъди ба итмом расидани соли сеюми корҳои озмоишӣ барои муайян кардани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирии гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назорати тағйироти назаррас ба назар ва мушоҳида мегардиданд.

**Сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ**

Ҷадвали №7

| Вариантҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|
| | Пеш аз озмоиш Фоиз % | Баъди озмоиш Фоиз % |
| Дарк | 43,3 | 70,2 |
| Тафаккур | 45,2 | 72,1 |
| Тахайюл | 41,3 | 78,2 |
| Шумораи умумӣ(нафар) | 104 | 104 |

Ҷадвали №8

| Намудҳо | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|
| | Пеш аз озмоиш Фоиз % | Баъди озмоиш Фоиз % |
| Дарк | 46,1 | 53,7 |
| Тафаккур | 44,6 | 56,4 |
| Тахайюл | 45,3 | 52,9 |
| Шумораи умумӣ(нафар) | 96 | 96 |

Дар охири корҳои озмоишӣ мо фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабии ҳам гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам гурӯҳи назоратиро таҳлил карда, ба хулосае омадем, ки агар сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ дар аввали озмоиш рушди дарк 43,3%, тафаккур 45,2% ва тахайюл 41,3% бошад, пас баъди озмоиш рушди дарк 70,2%, тафаккур 72,1%, тахайюл 78,2% баланд гардидааст. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ бартарият дошта, он фарзия ва натиҷаҳое, ки мо интизор будем ноил гардидем.

Дар гурӯҳҳои назоратӣ бошад, тағйирот на онқадар назаррас буданд. Агар сатҳи дарки кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар соли аввал 46,1%, сатҳи тафаккур 44,6% ва сатҳи тахайл 45,3% бошад, баъди корҳои назоратӣ ин рақам – дарки ашё 53,7%, сатҳи тафаккур 56,4% ва тахайюл 52,9% - ро ташкил дод. Яъне, тағйироти сатҳи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирии гурӯҳи назоратӣ нисбат ба гурӯҳи озмоишӣ начандон буд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои томактабии шаҳри Ҳисор гарчанде, ки ақидаҳои омӯзгорон ва мураббиён ба таври пурсишнома омӯхта шуда буданд, инчунин, бо мутахассисони ин муассисаҳо сӯҳбатҳо ва мулоқот баргузор намудем.

Илова бар ин, усули мушоҳида низ дар раванди корҳои озмоишӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Агар фаъолияти муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе ва шаҳри Ҳисорро таҳлил намоем аён мегардад, ки фаъолияти муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе, то андозае фаъолияти худро дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ беҳтар ба роҳ мондаанд. Албатта, омилҳои зиёди таъсиррасон, муҳит ва шароитҳои моддию техники низ таъсири худро ба ин раванд мегузоранд. Мусаллам аст, ки имкониятҳои муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе баланд бошанд ҳам, вале дар баъзе мавридҳо ба раванди инкишофи эҷодии кӯдакон дар машғулиятҳои тасвирӣ диққати ҷиддӣ дода намешавад.

Мушоҳидаҳои педагогӣ низ ошкор сохтанд, ки сатҳи касбияти педагогии мураббиёни шаҳри Ҳисор дар баъзан ҳолат ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, даъват ба амал оварда мешавад, ки ҳангоми ба кор қабул кардани корманди муассисаҳои томактабӣ сатҳи касбият, маърифат, ҷаҳонбинӣ, маънавиёту ахлоқи онҳо ба инобат гирифта шаванд. Зеро, аз кормандони поквиҷдону содиқ ба касби худ, пеш аз ҳама, ташаккули раванди эҷодӣ, ақлонӣ, тафаккур, тахайюлу тарбияи кӯдакон ва баъдан оядаи давлату миллат вобастагии калон дорад.

Тағйироте, ки дар раванди корҳои озмоишӣ дар ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба амал омадаанд, ба мо имконият медиханд, ки пажӯҳиш ва корҳои озмоишии худро бомуваффақона шуморида, ба чунин **хулосаҳо** омадем:

Нишондиҳандаҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ:

*Кӯдакони синни 3-4 сола*

- муносибатҳои эҳсосӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ истифода мешаванд;
- бартарияти рангҳо дар фаъолияти тасвирӣ дида мешаванд;

- бо ёрии омӯзгор ва мураббӣ тасвир кардани ашё ва ҳодисаҳои муҳити атрофро ифоданок инъикос мекунанд;
- маводҳоро ба хоҳиши худ интихоб менамоянд;
- симои афсонаҳоро дар фаъолияти тасвирӣ истифода мебаранд;
- қисматҳои тасвирро дар коғазҳои ранга ҷой медиҳанд.

*Кӯдакони синни 4-5 сола*

Кӯдакони ин синну сол аз рӯи хусусиятҳои равоншиносӣ, мустақилият, фаъолият, ҳисси кунҷковӣ, тафаккури тахайюлӣ-бадеӣ ва нутқи инкишофёфта фарқ мекунанд. Дар рафтори кӯдакон зуҳуроти эҷодӣ мушоҳида мешавад:

- шавқу ҳавас ба ашёҳои, муҳити зист ва ба раванду натиҷаҳои фаъолият мушоҳида мешаванд;
- малака ва маҳорати амалии кӯдакон такмил меёбанд;
- заминаи бадеӣ ва тамсилӣ инкишоф меёбад (агар дар 3-4 солагӣ ранг бартарият дошта бошад, дар ин синну сол тасвирҳои қалам иҷро шуда, ифодакунанда ба ҳисоб мераванд);
- кӯдакон кори гурӯҳҳиро бо шавқ иҷро карда, ҳамоҳангсозии амалҳо пайдо мешаванд;
- ба навъҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ шавқу ҳавас доранд;
- дар тасвирҳо ашёро дуруст ва дар ҷойи худ тасвир месозанд;
- дар баъзе ҳолатҳо бо ёрии омӯзгор ашёро амалан тасвир мекунанд;
- ба кори худ баҳо дода метавонанд;

*Кӯдакони синни 6-7 сола:*

- зебоии табиат ва ашёро тасвир месозанд;
- ба фаъолияти тасвирӣ шавқу рағбати беандоза доранд;
- мустақилона эҷод мекунанд;
- тасвири қаҳрамонҳои афсонаҳоро бо шаклҳои гуногун инъикос мекунанд;

- аз иҷрои супоришҳо дар корҳои инфиродӣ ва гурӯҳи баромада метавонанд;
- аз намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ бархӯрдор мебошанд;
- ғояҳои худро доранд;
- ба кори эҷодии худу дигарон баҳои воқеӣ дода метавонанд;
- нақшаҳои минбаъдаи худро барои эҷодӣ тасвир тарҳрезӣ менамоянд;
- аз усулҳои фаъолияти тасвирӣ озодона истифода менамоянд.

## Хулосаи боби 2

Тарбия кардани шахси эҷодкор ва дар ниҳоди ӯ рушд додани арзишҳои зебоипарастӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика мебошад. Фаъолияти тасвирӣ дар қатори дигар фаъолиятҳои амалии кӯдакон барои ташаккули эҷодии онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дошта бошад ҳам, барои инкишоф додани он аз тамоми роҳу воситаҳо истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Дар робита ба ин, рисолати омӯзгор дар он зоҳир мегардад, ки роҳҳои фаъолгардонӣ ва бедор кардани шавқу рағбати кӯдаконро роҳандозӣ намуда, бо мақсади баланд бардоштани қобилияти эҷодии кӯдаки синни томактабӣ чораҳои амалӣ андешад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ ҳар як кӯдак, ки тасвири ашёро меофарад, сараввал дарки пурраи онро дар тафаккур ҷой дода, сипас эҳсосоти худро нишон медиҳад. Асосан, дар машғулиятҳои тасвирӣ натиҷаҳои фаъолият барои омӯзгор ва мураббиён муҳим аст, аммо барои кӯдакон худи раванд аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ворид гардидани таҷҳизотҳои инноватсионӣ, техникию технологие, ки дар ҳаёти имрӯзаи шахс ба мисли: компютер, планшет, гаджету смартфон ворид гардидаанд, ба тамоми соҳаҳои иҷтимоии онҳо таъсирҳои худро гузошта истодаанд. Ин раванд соҳаи илму маорифро низ фаро гирифтааст. Ворид шудани техникаю технологияи муосир дар ҷараёни таълим зарурати интихоб кардани воситаҳои самараноки таълиму тарбияро дар асоси усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нави ҳамгиро талаб мекунад.

Истифодаи усулҳо ва шаклҳои нави ташкили фаъолияти тасвирӣ ба инкишофи эҷодӣ нигаронида шуда, вазифахои зеринро ҳал мекунад:

• ташаккул додани шароити фаъолият дар кӯдакон;

• инкишофи равандҳои муҳими равонӣ, қонеъ гардонидани талаботи кӯдак ба фаъолияти эҷодӣ;

• ташаккул ва такмили маҳорат ва малакаҳои техникӣ, инкишофи қобилиятҳои ба кор бурдани воситаҳои гуногуни тасвирӣ ва ороиши маҳсулот;

• инкишофи эҳсосӣ.

Ҳама шаклҳои ташкили фаъолияти тасвирӣ бо мақсади инкишофи эҷодӣ истифодаи фаъолонаи воситаҳои муосири аудиовизуалии таълим ва технологияҳои нави иттилоотиро дар бар мегиранд.

Барои рушди иқтидори эҷодӣ дар фаъолияти тасвирии кӯдакон шароитҳои зерин муҳим мебошанд:

• фароҳам овардани шароити созгор;

• омезиши намудҳои инфиродӣ ва коллективии фаъолият;

• омода кардани мазмуни бозӣ пеш аз фаъолияти тасвирӣ;

• муҳайё намудани вазъиятҳое, ки кӯдаконро барои ҷустуҷӯи эҷодӣ равона месозанд;

• ҳавасмандгардонии эҷодии кӯдакон ҳангоми раванди фаъолияти тасвирӣ;

• ба кӯдак фароҳам овардани имконияти мустақилона эҷод кардан, мавҷудияти ҳама гуна мавод барои кори эҷодӣ;

• истифодаи мавод ва воситаҳои гуногуни тасвирӣ;

• мавҷудияти вазифаҳои эҷодӣ;

• ҳамгироии навъҳои гуногуни санъат;

• таъмини муносибатҳои мусбии оила ба эҷоди кӯдак.

Дар ҳар як машғулият ба вуҷуд овардани муҳити эҷодӣ, дӯстона, хушмуомилагӣ, ҳисси таваҷҷуҳ ба ҳар як кӯдак, эҳтиром зоҳир кардан ба эҷоди ӯ шартҳои муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ба шумор меараванд. Инчунин, ғанисозии таҷрибаи эҳсосӣ ва зеҳнии кӯдакон низ бояд рушд дода шавад. Таҷриба ҳар қадар ғанӣ гардонида шавад, мазмуни тасвирҳои кӯдакон ҳамон қадар гуногун мешаванд.

Барои он ки раванди инкишофи эҷодӣ самараи хуб диҳад омӯзгор ва мураббӣ бояд донандаи маҳорати тасвирӣ бошанд. Ба кӯдакон зебогиҳои

олами атрофро омӯзонидан, дидан ва дарки зебоиро ба онҳо интиқол додан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи омӯзгор ба шумор меравaнд. Ва ин сифатҳо бояд дар худ ва дар кӯдакон пайваста инкишоф дода шаванд.

Интихоби усулу воситаҳои дурусту самараовари раванди таълиму тарбия натиҷаҳои фаъолиятро ба маротиб баланд мебардоранд. Ҳангоми интихоби усулҳои таълим дар раванди роҳандозии барномаи педагогӣ навъи фаъолият, вазифаҳои ба миёнгузошта ва хусусиятҳои фардии кӯдаконро ба назар гирифтан лозим аст.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ бо мақсади инкишофи эҷодӣ истифода ва бароҳмонии усули бозӣ барои ҷалби ҳарчи бештари кӯдакон мусоидат намуда, кори тафаккур ва тасаввуротро баланд мебардорад.

Усули эҳё кардани эҳсосоти кӯдакон бо ёрии симоҳои адабӣ низ, барои инкишофи эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад. Моҳияти ин усулҳо аз он иборат аст, ки бо ёрии симоҳои махсуси интихобшудаи адабӣ тафаккури хаёлӣ ва эҳсосии кӯдакон рушд мекунад.

Усули эҷодӣ ва мазмунӣ вазъиятҳоеро ба амал меорад, ки кӯдакон дар раванди он ба ҷустуҷӯии эҷодӣ пардохта, донишҳое,ки қаблан дар фаъолияти тасвирӣ истифода накардааст, рӯи кор меорад. Дар натиҷа кӯдакон аз тахайюл ва симоҳои пайдогардида тасвирҳо эҷод мекунанд.

Дар натиҷаи истифодаи чунин усулҳои дар боло зикр гардида кӯдакон шахсони калонсолро на ҳамчун назоратчӣ, балки ёварони хеш барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ қабул мекунанд. Усулҳои нави технология кор ҳангоми фаъолияти тасвирӣ имконият медиханд, ки тасаввуроти кӯдакон инкишоф ёфта, дар тахайюл ва тафаккури онҳо симоҳои боз ҳам равшантар ба вуҷуд оянд. Шарти муҳими инкишофи бомуваффақонаи эҷодии кӯдакон гуногунрангии кор бо онҳо дар фаъолияти тасвирӣ мебошад. Фаъолияти тасвирӣ барои кӯдакон як кори хурсандиовар ва илҳомбахш аст, ки набояд маҷбур карда шаванд, аммо ҳавасманд кардан ва дастгирии кӯдакон ва фароҳам овардани имкониятҳо барои фаъолияти эҷодӣ хеле муҳим аст. Равишҳои ғайрианъанавӣ ба

раванди ташкили фаъолияти эҷодии кӯдакон таккони ҷиддӣ дода, дар онҳо хоҳиши машғул шудан ба чунин фаъолиятро ба вуҷуд меоранд. Кӯдакон ин намуд усулҳоро randsмеписанданд ва онҳоро дар фаъолияти мустақилона ҳангоми машғулиятҳои тасвирӣ истифода мебаранд.

Бояд зикр кард, ки муваффақият дар фаъолияти эҷодӣ танҳо дар натиҷаи алоқаи зич бо падару модарон ба даст оварда мешаванд, зеро донише, ки кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ мегиранд, бояд дар муҳити оила мустаҳкам карда шаванд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронида шуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои беҳтар кардани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ роҳҳу усулҳои муассири педагогиро роҳандозӣ намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Аммо дар ин роҳ монеаҳо ва омилҳоеро низ ошкор намудем, ки ба ин раванд таъсирҳои манфии худро мегузоранд. Ба мисли:

- надоштани таҷрибаи муайян, маҳдуд будани дониш, малака, маҳорати зарурӣ;

- ба эътибор нагирифтани раванди ташкили фаъолитяи тасвирӣ. Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти тасвирӣ машғулияти оддӣ набуда, аз шахс муносибати мусбати эмотсионалӣ, бедор кардани шавқу завқ ва хоҳиши эҷод карданро талаб мекунад;

- маҳдудияти маводҳои аёнӣ дар фаъолияти эҷодӣ;

- истифодаи усулҳои ночизи тасвирӣ ҳангоми ташкили машғулиятҳои тасвирӣ;

- сатҳи нокифояи тахассуси омӯзгорон ва мураббиён ҳангоми ба роҳ монадни раванди фаъолияти тасвирӣ;

- кам таваҷҷуҳ кардани волидон ба рушди қобилиятҳои бадеӣ ва эҷодии кӯдакон.

## Хулоса ва пешниҳодҳо

Фаъолияти тасвирӣ дар синни томактабӣ баҳри инкишофи қобилияти эҷодии атфоли кӯдакистонҳо мавқеи муайянро ишғол мекунад. Маҳз дар ҳамин синну сол таҳкурсии ҷанбаи эҷодии шахсият, қобилиятҳои фаъолияти тасвирӣ-эҷодӣ гузошта шуда, меъёрҳои ахлоқӣ азхуд карда мешаванд. Фаъолияти тасвирӣ ҷолибтарин машғулият барои кӯдакони синни томактабӣ ба шумор меравад. Машғулиятҳои расмкашӣ, суробсозӣ ва тартибдиҳӣ дар кӯдакон эҳсосоти мусбӣ ба вуҷуд офарида, таваҷҷуҳи онҳоро ба намудҳои гуногуни санъат афзун мекунанд. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон на танҳо эҷоди худро ба намоиш мегузоранд, балки муносибатро ба ашё ва он чизе, ки диққатро ҷалб кардааст, ифшо месозанд.

Фаъолияти тасвирӣ, суробсозӣ, гулмонӣ ва тартибдиҳӣ шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон худро дар муҳити созгор тасаввур карда, ба фаъолияти эҷодӣ пардозанд.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ дар кӯдакон тафаккур, тахайюли образӣ ва тасаввурот инкишоф меёбанд. Фаъолияти тасвирӣ чунин хислатҳои шахсиятро ба монанди мустақилият, ташаббускорӣ, қобилияти ба танзим даровардани амалҳои худ, риояи қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор ва инкишофи маҳоратҳои эҷодиро рушд мебахшад. Гарчанде рисолати фаъолияти тасвирӣ офаридани симоҳои нав, инъикоси тахайюл ва тасвири ашё бошад ҳам, вале он барои рушди равандҳои равонӣ, муассир ва қобилиятҳои дарки олами атроф муҳим арзёбӣ мегардад. Кӯдакони синни томактабӣ дар раванди инкишофи эҷодӣ аввалан арзишҳо, анъанаҳо, фарҳангу меъёрҳои ҷомеаро меомӯзанд ва сипас ба офаридани образҳои аслӣ ва тахайюлӣ мепардозанд. Эҷодкорӣ дар раванди фаъолият инкишоф ёфта, то кадом андоза муваффақ будани фаъолияти эҷодии кӯдакро муайян мекунад, ки дар натиҷаи он маҳсули нав ба вуҷуд меояд. Эҷод зуҳуроти ташаббус ва фаъолият дар татбиқи усулҳои азхудшудаи тасвирӣ барои дарёфти роҳҳои аслии ҳалли масъалаҳо, қобилияти дидани симо дар

ҳолатҳои гуногун, дарки  сохтори ашё, истифодаи усулҳо ва дигаргунсозии онҳо мебошад. Қобилиятҳои махсуси тасвирӣ ва эҷодӣ доираи муайяни амал буда, бо якчанд намуди фаъолият марбут аст:

- тасвирӣ;
- ороишгарӣ;
- навозандагӣ;
- сурудхонӣ;
- сохтмонӣ;
- барқ ва ғайра.

Ва инак баъди омӯзиш ва таҳлили тамоми паҳлӯҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Фаъолияти тасвирӣ таассуроти кӯдаконро дар бораи ҷаҳони атроф ташаккул дода, муҳити мусбии равонии онҳоро таъмин месозад. Ва ба онҳо имконият медиҳад, то қобилиятҳои эҷодии худро дар фаъолияти ҳаррӯза истифода намоянд.

2. Барои муайян кардани нерӯи ҳар як кӯдак на танҳо хусусиятҳои фардию синну солӣ, балки талаботи зебоипарстии онҳоро низ ба инобат гирифтан зарур аст, ки дар асоси маромнокӣ ташаккул меёбанд. Маромнокӣ дар рушди шахсии кӯдакони синни томактабӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо аҳамияти калон дошта, тадбиқи он аз шароитҳои педагогӣ вобаста мебошанд.

Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ:

а. Қобилияти дарки ашё ва тасвири онҳо (малака ва маҳорат дар фаъолияти тасвирӣ).

б. Мавҷудияти маводҳои гуногун дар фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ.

в. Муҳайё кардани муҳити эҷодии кӯдакон ҳам дар муассисаи томактабӣ ва ҳам дар оила.

г. Инкишофи тахайюл ва тафаккури бадеӣ.

ғ. Ғанӣ гардонидани тафаккур ба воситаи мушоҳидаҳо ва таассурот аз муҳити атроф.

